**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ-323: 329. 78 (575.3)
ТКБ-66.3. + 66.61 (2 тоҷик)
А-94

**АҲМАДЗОДА ДИЛНОЗА ДАВРОНАЛӢ**

# СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАТБИҚИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**Зокиров Г.Н., доктори илмҳои сиёсӣ**

Душанбе - 2024

| Т-р | МУНДАРИҶА | САҲ |
|---|---|---|
| | НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО | 3 |
| | МУҚАДДИМА | 4 |
| | ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ | 14 |
| **БОБИ I.** | **АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН** | |
| **1.** | Асосҳои методологӣ ва консептуалии таҳқиқи масъалаҳои ҷавонон ва инъикоси онҳо дар сиёсати соҳавӣ.................... | 24 |
| **2.** | Навъҳо, шаклҳо ва воситаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон............................................................ | 71 |
| **БОБИ II.** | **СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НИЗОМИ РУШДИ ОН** | |
| **1.** | Хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи сиёсати ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон................. | 95 |
| **2.** | Махсусиятҳои татбиқи сиёсати ҷавонон дар низоми идораи сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ................................ | 116 |
| **3.** | Масъалаҳо ва дурнамои татбиқи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................. | 149 |
| | ХУЛОСА | 177 |
| | РУЙХАТИ АДАБИЁТ | 184 |
| | ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ | 203 |

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИА – Иттифоқи Аврупо

ИҶШС -Иттифоқи ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

Комсомол - Коммунистический Союз Молодежи

ФАҶ - Фонди аврупоии ҷавонон

ТҒБҶ - Ташкилоти ғайридавлатии байналхалқии ҷавонон

СҲШ – Созмони ҳамкориҳои Шанхай

СААД –Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

ИА - Иттиҳоди Авруосиё

ОМ – Осиёи Марказӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар давраи муосири инкишофи ҷомеа бисёр масъалаҳо ва равандҳое ташаккул ёфта, маҷрои хосаеро ҷустуҷӯ менамоянд, ки натиҷаҳо ва оқибатҳои онҳо боиси дигаргуниҳои куллӣ ва тағйиротҳои ҷиддӣ дар низоми сиёсии олам мегарданд. Дар доираи чунин муносибатҳо умумиятҳои иҷтимоӣ низ чунин мақом гирифта, дар инкишофи ҷомеаи мушаххас мақом ва ҷойгоҳи хосаеро пайдо менамоянд. Аз ҷумлаи чунин умумиятҳои иҷтимоӣ, ки дар бештари ҳолатҳо фаъолияти онҳо вобаста ба мақомашон дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ хусусиятҳои мухталифи сиёсиро касб менамоянд ҷавонон мебошанд.

Ҷавонон ҳамчун гуруҳи аз лиҳози зеҳнӣ ва ҷисмонӣ пуриқтидори ҷомеа дорои қобилият, сифатҳои алоҳида ва хосиятҳое мебошанд, ки ин нишондиҳандаҳо боиси зудҳаракатии иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо гардида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва иштирокашон дар ҳаёти сиёсӣ мақоми онҳоро ба таври ҳамешагӣ муҳим ва рӯзмарра мегардонанд. Онҳо аз ҳар ҷиҳат фаъоланд ва дар сатҳи зарурии рушд вобаста ба дархостҳои ҷомеа қарор доранд. Дар ҷомеа ҷавонон бинобар аҳамияти муҳим доштанашон дар қиёс бо умумияти дигари иҷтимоӣ бо чунин хусусиятҳо, пеш аз ҳама, доштани қобилияти баланди маълумотнокӣ, эҳсоси масъулиятшиносӣ, фаъолии иҷтимоӣ ва сиёсӣ, таваҷҷуҳ ба фаъолияти иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо, талошҳои доимӣ барои ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳо ва иштирок дар қабули қарорҳои дахлдор дар бештари ҳолатҳо қонеъ набудани онҳо аз сатҳи ҳалли масъалаҳо ва ғайраро доро нестанд. Чунин ҳолатҳо ва таҷассуми хосиятҳои фардӣ ва касбии ҷавонон онҳоро дар сафҳои аввали муносибатҳои ҷамъиятӣ қарор додаанд. Мақом ва нақши ҷавонон дар ҷомеаи муосир, омӯзиш, таҳқиқ ва натиҷагирии фаъолиятҳо ҷавононро дар маркази муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайвастагиҳои гуногуни акторҳои сиёсӣ қарор додаанд. Муҳиммият ва рӯзмаррагии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур низ аз ҳамин ҳолатҳо бармеоянд.

Замони истиқлолгарой, эълони истиқлоли давлатӣ ва ҳимояи он барои кишвари мо ба давраи хеле тезу тунди бухрони сиёсӣ, аз байн рафтани Иттифоқи Шуравӣ, тағйиротҳои куллӣ дар низоми сиёсии олам ва босуръат вусъат пайдо кардани раванди глобализатсионӣ мувофиқ омад. Чунин вазъият дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷавонон мушкилиҳои зиёдеро ба миён овард ва то андозае ҷавононро ба гурӯҳи осебпазир табдил дода, дар раванди дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоӣ зарурати ба ин гурӯҳ таваҷҷуҳи бештар намуданро ба миён овард. Дар раванди таҳким ва густариши истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд вазифаҳои вобаста ба ҷавононро, аз ҷумла масъалаҳои алоқаманд ва муҳим ба мисли таъмини амният, ҳифзи марз ва ҳудуди мамлакат, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳифзи таъриху фарҳанг, муқаддасоти давлатӣ ва ҳувияти миллӣ ҳал намояд. Ҷавонон дорои нерӯи қавӣ, симои миллат ваояндаи кишвари мо буда, ҳеҷ як масъалаи умдаи зиндагиро бе иштирок ва назардошти манфиати онҳо пеш бурдан мумкин нест. Дар баробари шинохти бартарияту афзалиятҳо ва хавфу хатарҳои навин ба амният, ҳувияти миллӣ ва истиқлолияти Тоҷикистон тақозо менамоянд, ки омӯзиши пурра ва таҳлили амиқи сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон дар замони муосир вобаста ба суръати баланди ҷаҳонишавӣ анҷом дода шуда, ба таври доимӣ таҳлили ҳамаи равандҳои мусбат ва манфии таъсиррасон ба он, тазодҳои мавҷудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, истилоҳоти саривақтӣ ва таҳияву амалӣ намудани санадҳои дахлдори сиёсӣ ва меъёрии ҳуқуқии муайянкунандаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҷавонон ба роҳ монда шавад. Чунин таҳлил имконият медиҳад, ки мазмун ва муҳтавои раванди ташаккули сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавонон дар ҳошияи равандҳои муосири глобаликунонӣ муайян гардида, пешниҳоди роҳҳои мусбати рушди он ироа гардад.

Дар шароити муосир зимни татбиқи сиёсати ҷавонон ба инобат нагирифтани омилҳои хориҷӣ ва махсусан, сарфи назар намудани

таъсирии падидаҳои геополитикӣ дар сиёсати давлат боиси он мегардад, ки дар муҳити ҷавонон иқтидори зеҳнию касбиашон коҳиш меёбад ва хавфи паҳн гардидани унсурҳои иртиҷоию ифротӣ дар миёни онҳо бештар мешавад.

Ҳамзамон муҳимияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқотӣ аз он иборат аст, ки на танҳо роҳу самтҳо ва тадбирҳои наву муосири баланд бардоштани мавқеъ ва нақши ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар марҳилаи рушди давлатдории навин таҳқиқ менамояд, балки вижагиҳои татбиқи сиёсати давлатии чавонон дар шароити нави геополитикӣ ва ташаккули чаҳони бисёркутбӣ бояд нишон дода шаванд. Дар асоси ба эътибор гирифтани чунин ҳолат ва вазъият аҳаммияти мавзуи таҳқиқотиро боз ҳам мушаххастар гардонидан лозим аст:

- мушаххассозии консепсия, моҳияти вазифаҳои иҷтимоӣ, нақш ва аҳамияти сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар шароити инкишофи низоми сиёсии олам;

- зарурати такмили минбаъдаи назария ва методологияи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар раванди таҳкими Истиқлоли давлатӣ;

- тағйироти амиқу сифатӣ, ки дар замони истиқлолияти давлатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст, албатта, ба афкори ҷавонон, ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии онҳо таъсири дақиқи худро гузоштааст. Ташаккули тафаккури сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар вуҷуди ҳар як шахси ҷомеа дар замони муосир, хусусан ҷавонон, дар асоси сиёсати муаяйнгардида, яъне дар доираи сиёсати давлатии ҷавонон яке аз вазифаҳои асосии гузариш ба вазъи сифатан нави ҷомеа дар Тоҷикистон мебошад.

Раванди сиёсии ҷомеа нишон медиҳад, ки чавонон дар ҳаёти ҷомеа нақши муассир ва ҳалкунанда мебозанд. Аз ин рӯ, ҳолатҳои гуногуни объективию субъективие мавҷуданд, ки барои ҳалли самараноки тамоми мушкилот ҳанӯз имкон намедиҳанд. Зеро, ҳар як раванд тағйироти пай

дар паи ҳолатҳо, инкишофи амалҳо мебошад ва ҳар як раванд нерӯи тавоно дорад ва ин қувва ҷавонон мебошанд. Дар шароити инкишофи глобалии олам ҷавонон ҳамчун барандагони арзишҳои нав, тарзи рафтор, фаъолнокии сиёсӣ ва шеваҳои фарҳангие амал мекунанд, ки наслҳои баъдӣ ба онҳо дохил мешаванд. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки ба ҷавонон дар низоми иқтидори рушди ҷомеа ҷои сазоворро пайдо созем.

Яке аз мушкилоти асосии олами глобалӣ таъсиррасониҳои радикалӣ ба раванди тағйироти шуури ҷавонон мебошад. Зуҳуроти ин тамоюл дар дигаргунсозии ҷомеаҳои муосир ба чашм мерасад. Глобаликунонии ҷаҳони муосир ба ташаккули майлонҳои арзишии ҷавонон бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонад ва на ҳамеша мусбат аст. Дар робита ин ташаккули фазои ягонаи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва шаклгирии идеологияи миллӣ бо мақсади ҷалби фаъолонаи ҷавонон ба раванди дигаргунсозии низоми ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Ҷавонон талабҳои инқилоби техникиро кабул намуда, на танҳо дар ҳаёти иқтисодӣ нақши муассир мебозанд, балки хусусиятҳои муҳити тамаддун ва иҷтимоию фарҳангиро дигар мекунанд. Ба шарофати глобаликунонии муносибатҳои байниҳамдигари шахсҳо, умумиятҳои иҷтимоӣ густариши доираи таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ва гуногунандешии афкори сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар муҳити ҷавонон афзоиш меёбад. Падидаи ҷавонони муосир натиҷаи сиёсати бошууронаи иҷтимоӣ, амали мақсадноки иҷтимоӣ аст.

Масъалаҳои сиёсати давлатии чавонон хеле мураккабанд. Аз ин рӯ, ҳалли ин масъала дар раванди омӯзиш ва таҳлилу натиҷагириҳои амиқи роҳҳои баланд бардоштани сатҳи шуур, эътиқод, ҷаҳонбинӣ, маданияти ҷавонон дар заминаи сиёсати давлатии ҷавонон имконпазир мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масъалаи таҳия, амалӣ ва татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, рушди ҳамаҷониба ва ҷойгоҳи онҳо дар инкишофи ҷомеаи муосир яке аз равандҳои меҳварӣ

маҳсуб меёбад. Дар ҳар гуна ҷомеа ба масъалаи мазкур аҳамияти муҳимро насиб медонанд, ки чунин сатҳ ва тарзи муносибат аз мақоми масъалаи мазкур дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ бармеояд. Аз ин хотир, муҳаққиқони макон ва замони гуногун ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хосаро касб менамоянд. Паҳлуҳои гуногуни масъаларо ҳамаҷониба таҳлил намуда, дар заминаи хулосагириҳои мантиқӣ тавсияҳои назаррас ва судмандро барои таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои рушди самараноки ҷомеаи муайян ба миён мегузоранд.

Масъалаи таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон кайҳост, ки дар маркази таҳқиқоти олимон ва пажӯҳишгарони сатҳи гуногун қарор гирифтааст. Адабиёти илмӣ ва оммавиро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷойгоҳи онҳоро дар мавриди муносибат ба масъалаи ҷавонон, ташаккул ва инкишофи сиёсати соҳавӣ ва тавассути он ҳаллу фасл намудани проблемаҳои мухталифу барзиёди ин умумияти бузурги иҷтимоии замони муосирро муайян намуда, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи аввал** адабиётеро ворид намудан даркор аст, ки асосан хусусияти назариявӣ ва методологиро касб намуда, дар дарки амиқи масъала ҷойгоҳи хосаро касб менамоянд. Адабиёти бахши мазкур таҷассуми пажӯҳишҳои назариявӣ, асосноккуниҳои методологӣ, зарурати таҳлил ва хулосагириҳои фаннӣ буда, бештар бар дарки амиқ ва натиҷагириҳои асосии раванди воқеӣ нигаронида шудаанд. Ба ҷумлаи онҳо, пеш аз ҳама, асарҳои муҳаққиқон С.В. Алешенок, И.В. Бестужев-Лада, В.М. Боряз, И.В.Илин, И.М.Илинский, А.И. Ковалева, В.А.Луков, В.Т. Лисовский, А.В. Сотникова ва дигарон ворид мегарданд. Дар таҳқиқотҳои илмӣ ва асарҳои гурӯҳи мазкур таҳлили омилҳои сиёсии пайдоиш, ташаккул ва мушкилотҳои амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор қарор дода шудаанд. Диққати махсуси олимон асосан ба омӯзиши мафҳумҳо, моҳият, ҳадаф ва

вазифаҳои амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон равона карда шудааст.

Дар осори олимони мазкур бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоии масъала, аҳамият ва хусусиятҳои масъалаҳои сиёсӣ ва маънавию идеологии проблемаи сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Ин олимон на танҳо хусусиятҳои муҳимтарини сиёсати ҷавонон ва робитаҳои мураккаби онро бо навъҳои дигари сиёсати соҳавӣ ва сиёсати умумӣ ошкор намуда, қонуниятҳои робитаҳои мутақобила ва низоми татбиқшавии онҳоро дар ҷомеа муайян менамоянд. Раванди мазкурро ҳамчун зарурати таърихии ҷомеаи демократӣ асоснок ва тавсиф менамоянд.

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳои муҳаққиқонеро ворид намудан лозим аст, ки бевосита раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро ҳамчун объект ва предмети таҳқиқот қарор дода, хусусиятҳои гуногуни раванди мазкурро дар ҷомеаи мушаххас мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор медиҳанд. Аз ҷумла, асарҳои Э.С. Гареев, Ж.М. Грисенко, Н.А. Гушина, П. Данилин, А.А. Жарикова, Г.Д. Катаев, С.И. Плакский, А.В. Шаронов, В.В. Шоллерт ва як зумра асарҳои дастаҷамъӣ ва маводҳои дигари таҳқиқотӣ ба гурӯҳи мазкур дохиланд.[1] Муҳаққиқон

[1] Ниг.: Гареев, Э.С. Молодежь индустриальной России: жизненные и социально-политические ориентации [Текст] / Э.С.Гареев, Ю.Н.Дорожкин // Социологические исследования. –1993. –№1. –С.50-56; Гриценко, Ж.М. Студенческое самоуправление: состояние, проблемы, перспективы [Текст] /Ж.М.Гриценко, Д.Г.Ротман, Л.А.Соглаева. - Минск: Университетское, 1988. - 61 с.; Гущина, Н. А. Российская молодежь в воспроизводстве региональных элит: социоструктурный аспект: автореф. ... канд... соц... наук: 22.00.04 / Гущина Н. А. – Новочеркасск, 2008. –24 с.; Данилин П. Новая молодежная политика [Текст] / П.Данилин. –М., 2006. – 292 с.; Жарикова, А.А. О политических настроениях студенческой молодежи [Текст] / А.А.Жарикова // Консенсус. Ежемесячный политический бюллетень БГУ. – 1992. – № 20. – С. 3-6.; Катаев, Г.Д. К оценке политических ориентаций студентов [Текст] /Г.Д.Катаев // Роль обществоведов в формировании мировоззрения студенческой молодежи. – Свердловск, 1990. –С.46-51; Молодёжь России: общественные объединения, органы государственной власти по делам молодёжи. [Текст]. - М., 1997; Молодёжь: социология, политика, история [Текст] // Информационный бюллетень. - М., 1991; Молодёжь России: положение, тенденции, перспективы [Текст] // Доклад Комитета Российской Федерации по делам молодёжи. - М., 1993; Молодёжь в современном российском обществе [Текст] // Научная сессия Института молодёжи, 22-23 февраля 1995 г. - М., 1995; Молодёжное движение в России [Текст] // Документы федеральных органов РФ и программные документы молодёжных объединений: Специальный выпуск информационного бюллетеня "Молодёжная политика"[Текст]. - М., 1995; Молодёжное предпринимательство в России: проблемы развития и перспективы [Текст] // Информационно-аналитический отчёт по итогам социологического исследования, проведённого в марте 1991 г. [Текст]. - М., 1991; Молодёжь России: социальное развитие [Текст] / Ред.колл. В.И.Чупров и др.- М., 1992; Плакский С.И. Молодёжные группы и объединения: причины возникновения и особенности деятельности. [Текст] /С.И. Плакский. - М., 1995; Шаронов А.В. Государственная молодёжная политика как фактор социального развития

кӯшиш намудаанд, ки сабабҳо ва омилҳои асосии рӯварӣ ба масъалаи мазкурро тавсиф намуда, раванди таҳияи сиёсати соҳавиро дар бораи ҷавонон ва дархосту ниёзҳои онҳоро мавриди муҳокима ва хулосагириҳо қарор диҳанд. Аксари онҳо роҳи танзими муносибатҳо дар байни ҷавонон ва пайвастҳои мухталифи онҳоро бо системаи сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ ҷустуҷӯ намуда, барномаҳои хосаеро барои танзими муносибатҳо ва муътадилгардонии масъалаҳои ҷавонон дар ҷомеа тарҳрезӣ менамоянд.

Хусусиятҳои масъалаҳои ҷавонон ва раванди ташаккули сиёсати давлатии соҳаи мазкурро вобаста ба шароити Тоҷикистон муҳаққиқон Р.Н.Асадуллоев, С. Ашуров, Н.С.Бӯриев, Қ.А.Миралиев, В.Набиев, Раҳимов И., Шамолов А.А. мавриди омӯзиш ва натиҷагириҳо қарор додаанд.[1]. Ин зумра муҳаққиқон, ки бевосита ба омӯзиши масъалаҳои амалии сиёсати ҷавонон машғул гардидаанд **гурӯҳи сеюмро** ташкил медиҳанд. Онҳо дар таҳқиқоти худ бевосита ба омӯзиши сиёсати ҷавонон, сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтдиҳии ҷавонон ва паҳлуҳои гуногуни ин масъалаҳо машғул гардидаанд.

---

молодёжи: автореф...канд.…дис... /А.В. Шаронов. - М., 1994; Шоллерт В.В. Молодёжь. Концептуализация понятия ВКН [Текст] /В.В. Шоллерт // Молодёжь в условиях социально-экономических реформ. - СПб, 1995

[1] Ниг.: Асадуллоев Р.Н. Молодежь в процессе демократизации общественной жизни страны (на материалах Таджикистана). [Текст] /Р.Н. Асадуллоев. - Душанбе: Сарпараст, 2004. - 143с; Ашуров С. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы. [Текст] /С.Ашуров. - Душанбе: Статус, 2002. -236с.; Ашуров С. Основной молодежный закон Таджикистана: состояние и перспективы его реализации [Текст] /С. Ашуров. -Душанбе: Статус, 2002. -64с.; Боз вай ва Рахимов И. Укрепление нормативно - правовых основ государственной молодежной политики па местах. [Текст] /С.Ашуров, И.Рахимов. - Душанбе: Статус, 2001, -86с.; Миралиев К. Развитие молодёжной политики в Таджикистане па рубеже XXI века. [Текст] / К.Миралиев. - Душанбе: Шуджоиен, 2010,- 225с.; Боз вай. Реализация государственной молодёжной политики и ее роль в укреплении потенциала молодёжных движений Таджикистана в условиях развития современного общества. [Текст] / К.Миралиев. - Душанбе: Профиграф, 2006. -177с.; Боз вай. Методико - практическое пособие по реализации социальной политики молодежи Таджикистан. [Текст] / К.Миралиев. - Душанбе: Хадамот, 2009. -33с.; Боз вай. Государственная молодежная политика. [Текст] / К.Миралиев. - Душанбе: Хадамот, 2003. - 27с.; Набиев В.Н. Культура и молодежь. [Текст] /В.Н. Набиев. - Худжанд: Хуросон, 2001. -379с.; Боз вай. Саженецы цветника независимости. [Текст] / В.Н. Набиев - Душанбе: Авесто, 2001.-220 с.; Шамолов А.А. Вопросы молодёжной политики в Республике Таджикистан. [Текст] / А.А. Шамолов. - Душанбе, 1998; Боз вай. Социальные проблемы молодёжи [Текст] / А.А. Шамолов. // Материалы республиканской научно-практической конференции молодых учёных и специалистов. - Душанбе, 1986. - С.21-24; Боз вай. Свободное время и досуг молодёжи [Текст] / А.А. Шамолов. // Материалы республиканской научно-практической конференции молодых учёных и специалистов, посвящённой 70-летию ВЛКСМ. [Текст] / Душанбе, 1989. - С.63-66.

Дар асарҳои онҳо омилҳои дохилию хориҷии татбиқи сиёсати ҷавонон мавриди таҳлил ва омӯзиши васеъ қарор гирифтаанд. Ҳамин тариқ, дар асарҳои илмию таҳқиқотӣ бештар масъалаи ташаккулёбии давлатдории миллӣ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ, дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон, таъсири таҳдиду хатарҳои замони муосир ба ҷавонон, шомил гардидани онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва гуруҳҳои террористию ифротгароӣ ва ғайра омӯхта шудаанд.

Давраи навтарини инкишофи мамлакатҳо, минтақаҳо ва олами глобалӣ ба масъалаҳое рӯ ба рӯ гардидааст, ки аз ҷавонон ва тамоми насли башар муносибат ва мавқеи хосаеро талаб менамояд. Зеро даъватҳо ва хатарҳои сатҳи гуногун ба ҳаёти осоишта ва муътадилию мутаносибии инкишофи кишварҳо таъсир расонида, суботи онҳоро халалдор менамоянд. Махсусан, раванду ҳодисаҳои экстремистию террористӣ, хурофотпарастию мазҳабгароӣ, минтақагароии дохилӣ ва амалҳои коррупсионӣ ба ҷавонон таъсир намуда, онҳоро аз чаҳорчӯбаи муътадили инкишоф берун менамояд. Мушкилиҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар авҷ гирифтани чунин ҳодисаю равандҳои ифротӣ ва иртиҷоӣ заминае мегарданд, ки дар муайян намудани рӯовариҳои ҷавонон, шинохти онҳо ва мавқеи ҷамъиятии хешро муайян намудани онҳо зиддиятҳо ва муқовиматҳои сатҳи гуногунро ба амал меоранд. Аз ин ҷост, ки гурӯҳи олимон ва муҳаққиқон масъалаҳои мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, дар дарки амиқи онҳо ва идораи самараноки онҳо саҳми худро мерасонанд.[1]

---

[1] Бааль Ю.Г. Современные тенденции преступности среди несовершеннолетних и молодёжи: основные криминологические показатели, причинный комплекс, проблемы профилактики. [Текст] /Ю.Г. Бааль. - М., 1992; Громов, Д.В. Уличные акции (молодёжный политический активизм в России) [Текст] / Д.В. Громов. – М.: ИЭА РАН, 2012. – 510 с.; Зайналабидова, А.С. Политический экстремизм и его профилактика у студенческой молодежи Дона [Текст] / А.С. Зайналабидова, В.В. Черноус. - Ростов н/Д, 2002. – 157 с.; Касьянов, В.В. Политическая социализация молодежи в современной России: автореф. дис. … докт. соц. наук: 09.00.11 / Касьянов Валерий Васильевич. – Ростов н/Д, 1999. –46 с.; Киселев, А.А. Интернет. Модели и практики политического участия [Текст] /А.А.Кисилев, И.В.Самаркина. – Краснодар, 2007. – 103 с.; Молодой человек в условиях кризиса [Текст] // Материалы междунар. научно-практ. конф., 28-30 июня 1994. -М., 1994; Москвин, Д.Е. Миф о молодежном экстремизме [Текст] / Д.Е.Москвин // Толерантность как инструмент профилактики экстремизма в молодежной среде: материалы круглого стола. – Екатеринбург: СОМБ, 2009. –С.44-50.; Боз вай. Изменение стереотипного отношения молодежи к общественно-политической деятельности [Текст] / Д.Е.Москвин, Г.В.Козлов // Без темы. –2007. №1(3). –С.49-56.; Плакский, С.И. Молодёжные группы и

Аммо дар адабиёти мавҷуда масъалаҳои марбут ба сиёсати давлатии ҷавонон дар шакли маҷмӯӣ ва умумӣ таҳлил гардидаанд. Ё онҳо на ҳама масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷавононро фаро мегиранд. Бештари онҳо хосияти назариви дошта, масъалаҳои амалии сиёсати давлатиро дар мавриди ҷавонон, талабот ва дархостҳои онҳо ба пуррагӣ инъикос карда наметавонанд. Хусусиятҳо ва омилҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони глобализм ва рушди босуръати техникаву технология то ба имрӯз ҳам бисёр масъалаҳои баҳсталабро дар бар мегиранд. Шароит ва имкониятҳои давлатҳои миллӣ низ дар сатҳе қарор надоранд, ки талаботу манфиатҳои ҷавононро қонеъ гардонанд.

Дар раванди таҳқиқот, инчунин манбаъҳои дигар низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҷумла, дар рафти омӯзиш ва хулосагириҳо аз сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба таври васеъ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода гардидаанд. Онҳо дар мукаммал гардидани омӯзишҳо ва натиҷагириҳо ва муайян намудани самтҳои корбарӣ бо умумияти бузурги ҷавонон ёрии воқеӣ расониданд.[1]

Дар рафти омӯзиши масъалаҳои ҷавонон, муайян намудани мавқеъ ва рӯовариҳои онҳо, ба эътибор гирифтани талабот ва манфиатҳои онҳо ва инчунин ба таври самаранок ва мақсаднок истифода намудани неруҳои мухталифи ҷавонон дар раванди инкишофи мамлакат ва ҳимояи он аз асарҳо, баромаду суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -

---

объединения: причины возникновения и особенности деятельности. [Текст] /С.И. Плакский. - М., 1995; Россия молодая. Век XX. [Текст]. - М., 1998.

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 27.11.2014, №1161 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/52_tj_0.pdf; Декларация о распространении среди молодежи идеалов мира, взаимного уважения и взаимопонимания между народами [Электронный ресурс]. URL: https://undocs.org/ru/A/RES/2037%28XX%29 (санаи мурочибат: 25.05.2020); Декларация о создании Молодежного совета Шанхайской Организации Сотрудничества [Электронный ресурс]. URL: http://sco2009.ru/docs/documents/youngsco_declaration.html; Европейская Молодежная Компания «Все различны, все равны» 2006-2007, Российская Федерация // Отчет о реализации Компании. – М.: Национальный Совет молодежных и детских объединений России, 2007; Европейская хартия участия молодежи в муниципальной и региональной жизни [Электронный ресурс]. URL: http://www.soc-mol.ru/encyclopaedia/ policy/238-hartiya.html; Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН 50/81. «Всемирная программа действий, касающаяся молодежи, до 2000 года и далее». 13.05.1996 - http://vmo.rgub.ru/files/act_programm_2000-146-2.pdf (дата обращения: 25.10.2019 г.)

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври васеъ истифода шудаанд. Асарҳои мазкур тамоми бурду бохти масъалаи ҷавонон, ташаккули сиёсати дохиливу хориҷии ҷавонон ва шарҳу тавсифи муносибатҳои байналхалқии ҷавонон ба таври ҳидояту роҳнамоӣ ифода гардидаанд.[1]

Дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои мазмун ва муҳтавои пурарзиш, ҳадафрас ва ифодагари вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии мамлакат, дурнамо ва паёмадҳои хушоянди фардои миллат, орзуву омоли халқи тоҷик дар роҳи бунёди Тоҷикистони ободу озод ва шукуфону мутараққӣ мебошад, нисбат ба ин масъала диққати махсус дода мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.**Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доир ба татбиқ ва амалигардонии сиёсати давлать дар бораи ҷавонон дар Тоҷикистон иҷро шудааст.

[1]Ниг.: Рахмон Э. О современном мире и основных аспкетах внешней политики Республики Таджикистан. [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: Контраст, 2019. –222 с.; Боз вай. Уфуқҳои Истиқлол. [Матн] / Э. Рахмон. – Душанбе: Эр-граф, 2018.; Боз вай. Чеҳраҳои мондагор. [Матн] / Э. Рахмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016.; Боз вай. Молодежь будущее нации. [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: Ирфон, 1997.; Боз вай. Молодежь будущее суверенного Таджикистана. [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: Сарпараст, 1997; Боз вай. Таджики в зеркале истории. Первая книга: от арийцев до Саманидов. [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе - Лондон, 1999.; Боз вай. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 8 т. [Текст] / Э. Рахмон. - Душанбе: Ирфон, 2006-2010.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи раванди ташаккул, инкишофи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд.

Ба мақсади асосии таҳқиқот тавассути амалӣ гардонидани **вазифаҳои зерини таҳқиқот** расидан имконпазир аст:

- таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷавонон ҳамчун умумияти иҷтимоӣ ва нерӯи фаъоли ҷомеаи муосир;
- таҳқиқ ва таҳлилу хулосагирии мақом ва ҷойгоҳи ҷавонон ҳамчун объекти сиёсати соҳавӣ;
- омӯзиши моҳият, хусусиятҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон;
- дарки дуруст ва воқеии моҳият, муайян намудани хусусиятҳои идораи фаъолияти ҷавонон ҳамчун нерӯи муҳим ва инкишофёбандаи мутаносиби ҷомеаи муосир;
- муайян намудани усулҳои таъсирбахш, шаклҳои замонавӣ ва воситаҳои амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон мутобиқ ба шароити Тоҷикистони муосир;
- муайян намудан ва тавсифи илмии хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дарки амиқи хусусиятҳои амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар низоми идораи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ва истифодаи онҳо дар давраи ҳозираи инкишоф;
- муайян намудани масъалаҳои асосӣ ва дурнамои амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқотро** ҷавонон ҳамчун умумияти нерӯманди иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ташкил менамоянд.

**Предмети таҳқиқотро** муайян намудан ва мушаххас гардонидани роҳу воситаҳо, усулҳо ва хусусиятҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити Тоҷикистон ташкил менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот**. Ҷавонон ҳамчуни умумияти иҷтимоию сиёсӣ дар ҳаёт ва фаъолияти худ ба рӯовариҳо ва самтгириҳои гуногуни рушди ҷомеа рӯ ба рӯ мегарданд. Фаъолияти сиёсию ҷамъиятии онҳо зарурат ба дахолаткуниҳо ва таъсиррасониҳои сатҳи гуногун доранд. Сиёсати давлатӣ яке аз воситаҳои муҳими ташаккул ва инкишофи мақом ва ҷойгоҳи ҷавонон дар раванди сиёсӣ ва умуман ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати давлатӣ яке аз омилҳои меҳварии рушд додани тафаккур ва худшиносии сиёсии ҷавонон буда, дар танзими фаъолияти сиёсии онҳо нақши муассир мебозад. Мақом ва нақши ҷавонон дар амалишавии самтҳои мухталифи сиёсати бузург ва соҳавӣ, дар ҳалли мушкилот ва рафъи монеаҳои инкишофи ҷамъиятӣ муҳим аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии кори диссертатсиониро асарҳои заминавии сиёсӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳқиқоти сиёсии махсуси самтгирӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи ҷавонон ҳамчун умумияти иҷтимоию сиёсии ҷомеаи муосир ва сатҳи таъсиррасонии сиёсати давлатӣ ба он ташкил менамояд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асарҳои муҳаққиқони макон ва замони мухталиф дар бораи ҷавонон ва талаботу дархостҳои онҳо, низоми таъсиррасониҳо ба ҳаёт ва фаъолияти онҳо, мақом ва нақши ҷавонон дар ҷомеаи сиёсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар доираи таҳлили мантиқӣ ва хулосабарориҳои илмию назариявӣ тарҳи нави муносибати методологӣ ва ҳалли масъалаҳои инкишофи ҳаёти ҷавононро пешниҳод менамояд.

Муайян намудан ва мушаххас гардонидани тарзи муносибат ба масъалаҳои гуногуни ҷомеа, пеш аз ҳама, масъалаҳои доираи васеи талабот ва манфиатҳои ҷавонон ҳамчун умумияти иҷтимоӣ дар маркази таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа, бахусус, сиёсатмадорон ва ходимони давлатӣ қарор доранд. Зеро ҷавонон ҳамчун нерӯи муқтадири ҳар ҷомеа ва ҳар

замон мансуб мегарданд ва онҳо метавонанд дар шаклгирӣ ва мазмунан рушд ёфтани ҳодисаҳо ва раванди сиёсӣ нақши муассир бозанд. Аз ин ҷост, ки таваҷҷуҳ ба онҳо ҳарчи бештар мегардад. Дар заминаи чунин муносибатҳо зарур аст, ки дар шароити давлатҳои миллӣ сиёсати мукаммали давлатӣ дар бораи ҷавонон таҳия гардад ва он татбиқи воқеиро пайдо созад. Аз ин ҷост, ки ба андешаи мутахассисон ва муҳаққиқони ҳаёти ҷавонон диққати махсус дода мешавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асоси методологии таҳқиқотро методҳои диалектикӣ, таърихӣ-мантиқӣ, системавӣ-таҳлилӣ ва муносибати синергетикӣ ба раванди ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, ба эътибор гирифтан ва муайян намудани вазифаҳо ва ҳадафҳои онҳо дар ҷомеаи муосир, ба самти муайян роҳнамоӣ намудани фаъолияти онҳо ташкил медиҳанд. Методи таҳлил ва таҷзия имкон дод, ки таърифҳои гуногуни масъалаҳои ҷавонон ва сиёсати соҳавӣ дар бораи онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳои татбиқи он нишон дода шаванд. Истифодаи методи муқоисавӣ барои омӯзиши назарияи сотсиологӣ оид ба ҷавонон, ки дар мактабҳои илмии давлатҳои пешқадами олам ташаккул ёфтаанд, барои таҳқиқоти диссертатсионӣ шароити хуби методологӣ фароҳам оварданд. Таҳлили системавӣ ва сохторӣ барои омӯзиши унсурҳои таркибии раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат намуда, ба воситаи он раванди ташаккулу татбиқи сиёсати ҷавонон дар низоми давлатдории Тоҷикистон муайян карда шуд. Инчунин, дар рафти таҳқиқот бо ёрии методи диалектикӣ ташаккули сиёсати ҷавонон дар раванди инкишофи эволютсионии ҷомеаи инсонӣ баррасӣ гардид.

Дар рафти омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур муаллиф ба назарияи классикӣ ва таълимоти замони муосир такя намуда, қонуниятҳои ташаккули сиёсати ҷавонон ва хусусияти татбиқи онро дар ҷомеаи тоҷик муайян намудааст. Манбаъ ва заминаи методологии таҳқиқотро инчунин асарҳои олимон, сиёсатшиносони кишварҳо ва

давраҳои гуногуни инкишоф, пеш аз ҳама, кишварҳои ИДМ, Федератсияи Россия ва Тоҷикистон, маводи омори давлатӣ ва идоравӣ, фармонҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақолаҳои илмӣ ва публитсистии матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот аз мақсад ва вазифаҳои асосии раванди омӯзиш ва натиҷагириҳо бармеоянд. Онҳоро ба таври зерин пешниҳод намудан мумкин аст:

- масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷавонон ҳамчун умумияти иҷтимоӣ ва нерӯи фаъоли ҷомеаи муосир мавриди омӯзиши амиқ ва хулосагириҳо вобаста ба мазмун ва моҳияти низоми сиёсӣ қарор гирифтаанд;

- мақом ва ҷойгоҳи ҷавонон ҳамчун объект ва субъекти сиёсати соҳавӣ муайян гардида, паҳлуҳои гуногуни он мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дода шудаанд;

- моҳият ва хусусиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар шароити олами муосир ва хусусиятҳои назариявию методологии он дар шароити кишварҳои гуногун муайян шудаанд;

- кӯшиши дарки дурусти моҳият ва муайян намудани хусусиятҳои идораи фаъолияти ҷавонон ҳамчун нерӯи муқтадири инкишофи мутаносиби ҷомеаи муосир ба амал омадааст;

- шаклҳо ва воситаҳои амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол муайян ва мушаххас гардонида шудаанд;

- дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсифи илмии хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба таври воқеӣ муайян карда шуда, асосҳо ва тарзи муносибат мушаххас гардидаанд;

- хусусиятҳои амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар низоми идораи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ва татбиқи онҳо дар швроити ҷаҳонишавӣ ва рушд муайян карда шудаанд;

- масъалаҳои асосӣ ва дурнамои амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноку стратегӣ тарҳрезӣ гардида, усулҳои асосии он муқаррар гардидаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Дар ҷомеаи муосир нақши фаъолияти мақсадноки давлат дар татбиқи равандҳои иҷтимоишавӣ хеле меафзояд. Дар ин раванд сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон нақши муҳим мебозад, ки на камтар аз сиёсати таълимӣ ҳам ба ташаккули тамоюли арзишҳои ҷавонон ва ҳам мутобиқшавии ҷавонон ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа, бахусус дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонад. Субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон на танҳо давлат, иттиҳодияҳои ҷавонон ва худи ҷавонон, балки тамоми умумиятҳои иҷтимоӣ, неруҳои сиёсӣ ва унсурҳои ҷомеаи маданӣ мебошанд. Мазмуни сифатии ҳамкории онҳо дар соҳаи татбиқи сиёсати ҷавонон яке аз шартҳои рушд ва фаъолияти низоми сиёсии ҷомеа мебошад. Дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон таҳлил ва ҷамъбасти мунтазами таҷрибаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқӣ, ҷустуҷӯи шаклҳо, механизмҳо ва роҳҳои муассири таъмини татбиқи манфиатҳои қонунӣ муҳим буда, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷавононро мукаммал мегардонад.

2. Роҳҳои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар кишвари мо бо санадҳои гуногуни сиёсӣ ва меъёрии ҳуқуқии сатҳи миллӣ танзим карда мешаванд. Ташаккул ва татбиқи сиёсати ҷавонон дар сатҳи миллӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо сиёсати давлатӣ пайвасти бевосита доранд. Фаъолият ва татбиқи он ба назар гирифтани масъалаҳои муҳимтарини ҷавонон дар соҳаҳои гуногуни ҳаётро дар бар мегирад. Сиёсати давлатии ҷавонон - маҷмӯи тадбирҳоест, ки дар доираи вазифаҳо ва салоҳиятҳои давлат амалӣ карда мешаванд ва ба фароҳам

овардани шароити мусоиди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ барои рушди ҷавонон нигаронида шудаанд. Самтҳои асосии ташаккул ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба чунин самтҳо ҷудо карда мешаванд: тадбирҳо дар соҳаи маориф ва дастрасии ҷавонон ба маълумот, омода гардидани ҷавонон ҳамчун мутахассис; кӯмак ба шаҳрвандони ҷавон дар доираи масъалаҳои саломатӣ; кӯмак намудан дар масъалаи таъмини шуғл; дастгирии оилаҳои ҷавон; ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва ғайра.

Дар шароити навсозии ҷомеа ва талаботи рӯзафзун ба сармояи инсонӣ сиёсати давлатии ҷавонон бояд як абзори рушд ва дигаргунсозии кишвар гардад. Ин аз ҳамаи акторони раванди ташаккули иҷтимоии ҷавонон талаб мекунад, ки равишҳоеро кор карда бароянд ва собитқадамона ба амал баранд, ки ба ҷалби бевоситаи ҷавонон ба ҳалли масъалаҳои худ ва вазифаҳои умумидавлатӣ нигаронида шудаанд.

3. Таҳия ва рушди сиёсати  ҷавонон дар фазои пасошӯравӣ, пеш аз ҳама, вобаста бо равандҳои умумии ҳамгироӣ дар минтақа, ки ногузир дар заминаи ҳамкорӣ ва ҳамшарикии стратегии кишварҳои минтақа ба вуҷуд меоянд, сарчашма мегирад. Дар сурате, ки ин ҳамкориҳо ба таври умум бо фаро гирифтани тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои байналхалқию минтақавии кишварҳо ба роҳ монда шуда, амалигардонии он дар шакли ташкили иттифоқу иттиҳодияҳои гуногунсамту мухталиф ҳамчун ҳадаф татбиқ карда шавад. Дар фаъолияти қисмати зиёди ташкилотҳои ҳамгироии байналхалқию минтақавӣ масъалаи ҷавонон ба таври мушаххас баррасӣ карда мешаванд.

4. Сиёсати давлатии  чавонон дар Тоҷикистон объект ва субъекти хосаро пайдо намудааст.  Объекти сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон тибқи муқаррароти қонунгузории кишвар шахсони аз 14 то 30 сола, оилаҳои ҷавон ва иттиҳодияҳои ҷавонон мебошанд. Инчунин, субъектҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти  ҷавонон инҳо мебошанд: “шаҳрвандони ҷавони Тоҷикистон, мақомоти мухталифи идоракунии

ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, мақомоти машваратии ҷавонон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар татбиқи самтҳои сиёсати давлатии ҷавонон иштирок доранд".

5. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ мавзуъҳои муҳимро дар бар гирифта, мақоми таъкидӣ доранд, ки ҳар дафъа онҳо бо баррасии нав, афкори тоза, мазмуни мантиқии ҷавҳарӣ садо дода, таъкидгари ҷанбаҳои муҳими истиқлол ва ҳувияти миллат мебошанд. Мазмунҳои таъкидҳои доимиашон асос ва сарчашмаҳои истиқлолият, ҳувияти миллӣ, манфиати миллӣ, арзишҳои муҳимтарини давлат мебошанд, ки масъалаҳои мазкур ҳамчун масъалаҳои меҳварӣ дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуда, ҳамчун таваҷҷуҳи махсуси давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон ба шумор меравандЛ. Дар ҳамаи Паёмҳо ҷавонон идомадиҳандаи роҳи падарон, насле ном гирифта мешаванд, ки ояндаи кишвару миллат ба дасти онҳо супорида мешавад. Рисолати мазкур ҳамчун масъалае матраҳ мегардад, ки аҳаммияти бисёрҷабҳа дорад. Аз як ҷониб, масъулияти насли имрӯза, ки сохтмон ва рушди суверенитети давлатиро ба уҳда доранд ва аз тарафи дигар, масъулияти насли оянда, ки меросбари он ба ҳисоб меравад;

6. Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло таърихи зиётар аз сисола дошта, дар ташреҳи таҷрибаи таърихии ташаккули он таҷрибаи ҳамгирой ва таъйини тафовуту вижагиҳо дида мешавад. Сарфи назар аз тафовутҳои муайян дар амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон, асоси онро ғояи ҳамгироию ваҳдати ҷомеа ба хотири барқарории муҳити ягонаи башаргарой, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, таъмини рушди босуботи ҷомеа ташкил менамояд. Ташаккули муҳити мазкур ба мантиқи ягонаи вусъат ва тавсеа ёфтани ҳудуди сиёсати фарҳангии дохилӣ, ки ҷиҳати инкишофи сатҳи васеътари самтгириҳои нави арзишӣ дар муҳити муташаккили ҷавонон мувофиқат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф барои ташаккули стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон ва амалӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти дахлдор, аз ҷумла Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба таври васеъ истифода шаванд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ, дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди сиёсати давлатӣ дар мавриди ҷавонон ва дарёфти фаъолгардонии онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ истифода намуд.

Тавсияҳои амалии муаллиф барои тақвияти ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолгардонии ҷавонон ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар дар сиёсати ҷавонон хеле муфид мебошанд.

Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи курсҳо, дастурҳои таълимӣ, барномаҳо доир ба фанҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯён ва аспирантон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз дақиқ будани маълумоти истифодашудаи муаллиф ва ҳаҷми мутаносиби маводи илмӣ-таҳқиқотии диссертатсия, инчунин коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти илмии довталаб бармеояд. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия “Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои омӯзиш, санҷиши манбаъҳои иттилоот, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, муқаррар намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, муқарраароти назариявӣ ва методологӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб мебошанд. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона натиҷагирӣ намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ дар санаи 3 майи соли 2024 (суратмаҷлиси №9) муҳокима гардида, ҳамчун кори илмии аслӣ баҳогузорӣ ёфта, барои дифоъ дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия гардидааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш. Бишкек, с.2017), «Тадбирҳои пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба гуруҳҳои террористиву экстремистӣ дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Хайнан, с.2018), “Таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш. Москва, с. 2019), “Масъалаҳои таъмини шуғлнокии ҷавонон дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш. Тошканд, с.2020), “Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи

ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва фалсафии ҷавонон" (ш.Душанбе, с.2020) ва ғайра дар шакли маърӯзаҳо ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот ин 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақолаи илмӣ дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва дар шакли 1 монография ба табъ расидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаи матни компютериро ташкил мекунад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН

## 1.1. Асосҳои методологӣ ва консептуалии таҳқиқи масъалаҳои ҷавонон ва инъикоси онҳо дар сиёсати соҳавӣ

Дар шароити ҳозираи инкишофи кишварҳо ва олами пуртазод ва муқовиматбор ҷавонон ҳамчун умумияти иҷтимоию сиёсӣ мақом ва нақши махсусеро касб намудаанд. Ҷавонон ҳамчун яке аз бузургтарин гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографии ҷомеаи муосир маҳсуб ёфта, аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ қишри фаъоли кишварро ташкил медиҳанд. Ҷавонон умумияти иҷтимоие мансуб мегарданд, ки дар ҳаёти сиёсӣ зудҳаракат буда, мақоми хосаро пайдо намудаанд. Чунин вазъияти онҳо аз сатҳи иштироки онҳо дар раванди сиёсӣ бармеояд ва дар бештари ҳолатҳо ҷавонон ба нерӯи мутаҳаррики инкишофи ҷамъиятӣ табдил меёбанд.

Дар бораи ҷавонон ҳамчун умумияти бузурги иҷтимоӣ, мақом ва саҳми онҳо дар пешрафти ҷомеа дар таърихи таълимоти сиёсӣ андешаҳои зиёде иброз гардидаанд. Масъалаҳои марбут ба ҷомеа ва хусусиятҳои ташаккули маънавӣ-ахлоқии фардро мавриди мулоҳиза қарор дода, М.Вебер исбот кардааст, ки он дар заминаи ду мавқеъ: ахлоқӣ-эътиқодӣ ва ахлоқӣ-масъулнокӣ инкишоф меёбад. Олим М. Вебер муътақид аст, ки эътиқодмандӣ ва устуворӣ ба мавқеъ ва андешаву ақидаи худ дар асоси арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ташаккул мегиранд, ки дар ин робита мақоми ташаккул додани афкори тоза ва муфид дар мафкураи ҷавонон муҳим мебошад. Олим М. Вебер масъалаи омодабошӣ ва дар зеҳният ҷойгир намудани фикри хизмат ба Ватан, ҳисси шукргузорӣ ва қаноатмандӣ аз хизмати дигаронро ба ин навъи мавқеъ хос дониста, онҳоро ба шахсони пайгирандаи меъёр ва садҳои

додашудаи ахлоқи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, инчунин, мавқеи афроди диндорро ба ин ҳар ду мансуб медонанд.[1]

Дар таҳлилҳои Ҷ. Спрингхолл таъсири таҳаввулоти индустриалӣ ба фаъолияти ҷавонон ва ташаккули сиёсати байналмилалии ҷавонон омӯхта шудаанд. Яъне, муҳаққиқ ба масъалаҳои таъсиррасони беруна ба мақоми ҷавонон бештар диққат додааст. Кӯшидааст, ки моҳият ва хусусиятҳои ҷавононро ҳамчун умумияти иҷтимоии хоса таҳлил намояд ва мавриди хулосагирӣ қарор диҳад.

Масъалаи масъулиятшиносӣ, камолоти иҷтимоӣ ва мақоми ҷавононро дар ҷомеа боз ҳам тақвият бахшида, бояд аз мавқеи Э.Гидденс дар ин бора ёдовар шавем: "Дар ҷомеаи муосир озодии шахсӣ бо масъулияти иҷтимоӣ бо назардошти зарурати ворид гардидан ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва тасмимгирии мустақилона нисбат ба вазъияти иҷтимоии берунӣ тағйир меёбанд. Дар робита ба ин, дар шахс ташаккул додани мавқеи фарҳангӣ-ахлоқӣ аҳамияти бузург пайдо менамояд". Давраи мазкур аз дигарон бо беқарорӣ ва серҳаракатӣ, қобилияти худсозӣ ва худташаккулдиҳӣ дар заминаи мутобиқшавӣ ба воқеияти зудтағйирёбандаи иҷтимоӣ дар ҳоли камбуди самтгирии универсалии ҳаётӣ, намунаҳои бечуну чарои тақлидӣ фарқ мекунад. Аммо мавқеи мазкур аз шахс камолоти фардӣ ва худбаҳодиҳӣ, интихоби дуруст дар ҳолатҳои ташаннуҷӣ, яъне ахлоқи масъулиятдори инкишофёфтаро мехоҳад.

Масъалаҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир нишон медиҳанд, ки дар шароити зудтағйирёбанда ва мураккаб омодагии фардӣ барои амал кардан бинобар номуайянӣ аз ниёзҳои иҷтимоии чунин омодагӣ қафо мемонад. Чунини ҳолат бештар дар муҳити ҷавонон, ки дар онҳо норасоии мавқеъгирии иҷтимоӣ ва таҷрибаи ками ҳаётӣ вуҷуд дорад, дида мешавад, ки ин падида сабаби гурехтан аз

[1] Вебер М. Избранные произведения. [Текст] / М. Вебер. - М., 1990. – С.634.

масъулият, тарсу ҳарос аз қабули қарорҳо ва амалҳои мустақилона мешавад.[1]

Дар замири ҷавонон ташаккул додани қабули низоми амалкунандаи сиёсӣ ва арзишҳои он яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои сиёсат дар бораи ҷавонон мебошад. Ақидаи мазкурро дар назария ва методологияи худ оид ба гегемонияи фарҳангӣ олим А.Грамши воқеан асоснок намуда, барои воқеияти замонавии аврупоӣ мутобиқ намудааст: мақсади асосӣ дар он расидан ба иттифоқ (иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ) мебошад. Дар раванди мазкур нақши боризро ҷомеаи маданӣ иҷро менамояд, ки он дараҷаи зарурии иттифоқро таъмин менамояд. Дар натиҷаи он ҷомеаи маданӣ, дар заминаи истифодаи ин иттиҳод ташаккул меёбад.[2]

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҷавонон таваҷҷуҳи хосаро асосҳои методологии он ба худ мекашанд. Ибтидои таҳқиқоти масъалаи мазкур ба солҳои 30-юм ва 40-уми асри XX рост меояд. Дар он давра ва марҳилаҳои минбаъдаи рушди давлатдорӣ шаклҳои махсуси муносибат ба масъалаҳои ҷавонон ташаккул ва инкишоф ёфтаанд:

- муносибати психоаналитикӣ. Ин муносибат ба консепсияи "роҳи ҳаётии шахс" асос ёфтааст. Заминаи асосии таълимоти мазкурро андешаҳои З.Фрейд ташкил менамоянд. Солҳои баъдӣ бошад таълимоти мазкурро Р. Бенедикт, Э. Фромм, Л. Фойер, Л. Шелефф, Э. Эриксон, Д. Рисмен ва дигарон инкишоф додаанд. Тарафдорони муносибати психоаналитикӣ барои маънидод намудани сабабҳои мочарогароии ҷавонон ва табиати моҷароҳои байнинаслӣ назарияи "маҷмуаи эдипӣ"-ро таҳия карданд.

Муҳаққиқони давраи советии инкишоф низ ба таври васеъ принсипҳои асосии муносибати психоаналитикиро дар фаъолияти худ истифода намудаанд. Аз рӯи методи мазкур вобаста ба масъалаи

---

[1] Ниг.: Гидденс Э. Устроение общества: Очерк теории структурации. [Текст] / Э. Гидденс. – М.: Академический проект, 2003. — 528 с.

[2] Ниг.: Куньщиков С.В. Идеология в структуре политического процесса: сущность и динамика функционирования: Автореф. дис. … канд. полит. наук. [Текст] / С. В. Куньщиков. –Екатеринбург, 2006. – С.18.

инкишофи шахсият рӯовариҳои системавӣ таҳия гардидаанд. Системаи мазкур бештар давраи гузариши шахсиятро аз хурдсолӣ ба синну соли шахсияти ташаккулёфта дар бар мегирифт. Масалан, олими дигар И. Кон чунин мешуморид, ки яке аз хусусиятҳои асосии ҷавононро инкишофи гуногунсатҳаи онҳо (гетерхронности) ташкил менамояд. Дар бисёр ҳолатҳо чунин махсусият сабаби зиддиятҳои асосии психологияи наврасон мегардад;[1]

- муносибати таркиботию функсионалӣ. Принсипҳои асосии функсионализми таркиботиро муҳаққиқон дар тамоми консепсияҳои илмӣ истифода намудаанд. Методи мазкурро нисбати ҷавонон Т.Парсонс мавриди истифода қарор додааст.

Т.Парсонс чунин андеша дошт: "хусусияти ҷавонон он аст, ки ба онҳо падидаи «транзитсия» ва ё гузариш аз як навъи фаъолият ба дигар, ки дар пайи худ тағйирёбии мақоми иҷтимоӣ ва камолоти иҷтимоиро дорад, таъсири бештар мерасонанд". Аз ин лиҳоз, дар раванди транзитсия гузариши шахс аз ҳолати бемасъулиятии кӯдакона ва навҷавонӣ ба масъулияти шахси баркамол ба амал меояд, ки дар ин марҳилаи ҳаёти шахс масъулиятшиносии ӯ нисбати худ, муҳит ва наздикон ва ҷомеа ташаккул ёфта, зоҳир мегардад. Кӯшиши ҷавонон нисбати соҳиб шудан ба тарзи ҳаёти баркамол бо кӯшиши онҳо ба мустақилӣ ва тасмимгириҳои ихтиёрӣ вобаста буда, ин тадбирҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва монанди фарҳанги ҷавонон ифода меёбад. Дар заминаи таҳлилҳои анҷомдода падидаи мазкурро ба илм Т.Парсонс ворид намуда, нақши ниҳодҳои муосири иҷтимоишавӣ, ба монанди мактаб, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва ғайра ҷиҳати ташаккул ёфтани истиқлолият ва ҳувияти шахсии ҷавонон муҳим арзёбӣ карда шуда, барои хориҷ шудани онҳо аз шаклҳои анъанавии назорати оила мусоидат менамоянд.

---

[1] Ниг.: Кон И. С. В поисках себя. Личность и её самосознание. [Текст] / И. С. Кон. – М.: Политиздат, 1984. — 336 с.

Вобаста ба фароҳамоварии чунин шароит ҷавонон муҳити фароғат, вақти холии орӣ аз масъулиятҳои хоҷагӣ-иҷтимоӣ ва дар бисёри маврид соҳибихтиёрии худро ба даст меоваранд. Бинобар ин олим Т. Парсонс ин давраро «бемасъулиятии сохторгирифта» номидааст.[1]

Ғояҳои Т.Парсонсро, аз ҷумла муносибати функсионализми таркиботиро ба таври комил Ш. Айзенштадт тавсиф намудааст.[2] Ӯ таркиботи ҳар гуна гурӯҳи ҷавононро ҳамчун системаи мавқеи таркиботӣ, ки аз индивидҳо таркиб ёфтааст, тавсиф намудааст. Дар чунин мавриди индивид мақом ва нақши иҷтимоӣ пайдо менамояд. Ҳар як нақш дар баҳамтаъсиррасониҳои таркиботӣ ба сифати воҳиди асосӣ баромад менамояд. Онҳо рафтори индивидро ба танзим медароранд.

Ба андешаи Ш. Айзенштадт ҳамаи кӯдакон пеш аз оне, ки ба давраи калонтар расанд бояд сотсиаликунонида шаванд. Бояд ба онҳо қоидаҳои ахлоқии ҷомеа таъсир расонанд. Онҳо риояи қоидаҳои умумии ҷомеаро ба зимма гиранд. Донишҳо ва малакаҳоеро пайдо намоянд, ки ҳангоми иҷрои нақшҳои калонсолон ба кор оянд. Проблемаҳои ҷавонон, пеш аз ҳама, дар хосияти маргиналӣ доштани онҳо зоҳир мегарданд. Бисёри ҳолатҳо барои насли ҷавон номаълуманд, ноустуворанд. Аз ин хотир, онҳо ба зудӣ мавқеи худро муайян карда наметавонанд.

Ш. Айзенштадт ба мафҳуми "гурӯҳҳои баробар" диққати зарурӣ медиҳад. Дар доираи ҳадафҳои функсионализм фаъолнокии ҷавонон дар шакли фаъолнокии гурӯҳӣ ба амал меояд. На танҳо мазмуни "гурӯҳҳои баробар" омӯхта мешаванд, балки муайян карда мешавад, ки ҷавонон ба кадом навъи таъсиррасонии иҷтимоӣ ворид мегарданд. "Гурӯҳҳои баробар" ҳаракатро аз арзишҳои "хусусӣ" ба арзишҳои "умумӣ" идора менамоянд. Фаъолии "гурӯҳҳои баробар" ба маркази ҳаёти иҷтимоии ҷавонон табдил меёбанд. "Гурӯҳҳои баробар" манбаи тарзи нави дарёфти мақоми инфирод дар олами муосир баромад менамоянд.

---

[1]Ниг.: Парсонс Т. О структуре социального действия. – 2-е изд. [Текст] / Т. Парсонс. – М.: Академический проект, 2002. – 246 с.
[2] Ниг.: Айзенштадт Ш. От поколения к поколени. [Текст] / Ш. Айзенштадт. –М., 1956.

Принсипи таҳлили таркиботию функсионалиро дар давраи советӣ низ мавриди истифода қарор дода буданд. Предмети таҳлили онро тамоюли ташаккули насли ҷавони синфи коргар, деҳқонон ва зиёиён ташкил менамуданд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба авзои иҷтимоӣ, фаъолии меҳнатӣ ва ҷамъиятии онҳо, номувофиқии мақоми касбӣ ва омодагиҳои онҳо, сатҳи маълумотнокӣ ва таъминоти моддии онҳо дода мешуд. Инчунин таваҷҷуҳро масъалаҳои ворид намудани ҷавонон ба таркиботи идоракунӣ ва иштироки воқеии онҳо дар раванди қабули қарор ташкил менамуданд. Ҳолатҳои мазкур зиддиятҳои фундаменталиеро ташкил менамуданд, ки характери муносибатҳои байниҳамдигарии ҷавонон ва ҷомеаро нишон медоданд.

Умуман таҳлили таркиботию функсионалӣ ҳамчун стратегияи таҳқиқоти иҷтимоӣ камбудиҳои худро пӯшонида наметавонад. Диққатро ба дифференсиякунонӣ дар худистеҳсолкунии ҷамъиятӣ дода, муҳаққиқон дар чеҳраи ҷавонон манбаи тағйиротҳо буданро пайдо намекунанд. Ҳар гуна амале, ки воқеият ёфтани тағйиротро таъкид менамояд ба тарҳи интегратсионии ҷомеа пайваст намегардад. Аз ин хотир, новобаста аз оне, ки методи функсионалию таркиботӣ имкониятҳои таҳқиқоти системавии масъалаҳои ҷавононро васеъ карда бошад ҳам, он дар раванди таҳлили ҷараёни равандҳои иҷтимоӣ дар муҳити ҷавонон ва пешбинии тамоюлҳои инкишофи он самаранок дониста намешавад;

- муносибати субкултурӣ, ки асосан дар шакли моҷарогароию радикалӣ ва синфӣ ба амал меояд, ба сифати муносибати алтернативӣ ба методи функсионалию таркиботӣ дониста мешавад. Он ба таври фаъол дар солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX коркард гардидааст. Намояндагони муносибати мазкур хатогӣ ва иштибоҳи асосии методи функсионалию таркиботиро дар он медиданд, ки он ҷавононро ҳамчун оммаи якранг тасаввур мекарданд. Гӯё барои ҷавонон андозанамоиҳои синфӣ бегона

буда, дорои таҷрибаи якхелаи ҳаётӣ бошанд ва инчунин проблемаҳои якхела дошта бошанд.

Намояндагони муносибати субкултурӣ ба андешае буданд, ки мансубияти синфӣ дар сотсиализатсияи ҷавонон нақши асосӣ мебозад. Дар солҳои 60-уми асри XX П. Уиллмот таъкид менамуд, ки ғояи маданияти бесинфии ҷавонон, ки дар бораи он функсионалистони таркиботӣ андеша меронданд ғояи барвақт ва беасос мебошад. Ӯ тарзи озоди гузаронидани вақтро, ки хоси ҷавонони табақаҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа буданд таҳлил намуда, ба хулосае омада буд, ки тарзи мазкур зиддиятҳо ва тафовутҳои ҷамъиятиро инъикос менамоянд;

- муносибати културологӣ, ки дар шароити ҳозира ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ҷавонон ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегирад. Методологияи муносибати културологӣ ба ғояҳои А. Шютс, П. Бергер, Т. Лукман асос ёфтааст. Мувофиқи он индивидро бояд дар рӯзгори ҳаррӯзааш мавриди таҳқиқ қарор дод. Маълумотҳои амали субъективӣ ҳамчун оқибатҳои объективии равандҳои иҷтимоӣ дониста мешаванд, ки дар навъҳои муайяни маданият зоҳир мегарданд. Таҳқиқотҳое, ки дар доираи муносибати културологӣ ба амал меоянд, дар бештари ҳолат ба ду омили муҳим такя менамоянд:

- Тамоми фаъолияти ҳаётии ҷомеа аз нуқтаи назари сатҳи умумии маданият, ки дар ҷомеа афзалият дорад дониста мешавад.
- Омиле, ки ба истифодаи муносибати эклектикӣ асос ёфтааст. Назарияи мухталиф, методҳои миқдорӣ ва сифатӣ барои фаҳми васеътари объекти таҳқиқ истифода мегарданд.

Муносибати културологӣ дар аввал дар асарҳои К. Мангейм, М. Мид, С. Фрис инкишоф ёфтаанд. Проблемаҳои ҷавононро бештар дар заминаи таҷрибаи иҷтимоӣ инкишоф додаанд. Аз ин ҷост, ки яке аз мафҳумҳои муносибати културологиро мафҳуми “насли ҷавон” ташкил менамояд. Насли муайяни ҷавононро гурӯҳи муосирон ташкил менамоянд, ки ҳамчун натиҷаи таҷрибаи умумии иҷтимоӣ амал

менамоянд, ки давраи муайяни гузариши ҳаётии тамаддунро сипарӣ намудаанд. Дар ҷомеаи ба таври доимӣ тағйирёбанда ҳар як насли ҷавон бо хусусиятҳои маконӣ ва даврагиашон фарқ менамоянд. Таҷрибаи иҷтимоӣ дар шаклҳои давраи ҷанг, тағйиротҳои технологӣ, инкишофи босуръат ва пастравии иқтисодӣ наслҳои ҷавонро аз ҳам фарқ мекунонад. Муҳим он аст, ки ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ҷавонон таҷрибаи наслҳои гуногунро бояд ба инобат гирифт.

Дар таҳқиқоти солҳои охир оид ба ҷавонон нақши боризи ҷаҳонишавӣ ба ин падида таъкид гардида, гуфта мешавад, ки ҷаҳонишавӣ ҷавононро дар сафи аввали масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ гузоштааст. Масалан, К.Гриффин чунин меҳисобад, ки дар даврони ҷаҳонишавӣ маҳз ҷавонон бояд ба ҳайси «шохиси калидии вазъияти миллат баррасӣ гарданд».[1]

Дар давлати демократӣ ва шароити озод "иштироки ҳар як фард дар ҳаёти сиёсии ҷомеа шарти ҳатмӣ буда, бояд иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳо ва татбиқи ҳокимияти сиёсӣ" таъмин гардад»[2]. Вобаста ба ин раванд сиёсати давлатии ҷавонон метавонад чун фаъолияти давлат барои ташаккул додани ҳаёти иҷтимоишавии ҷавонон равона гардад. Дар ин замина ҳамгироии муваффақи насли наврас ба муҳити иҷтимоӣ ва таҳаввули он аз объект ва субъект бояд ҳадаф ва мақсади асосӣ бошад.

Дар ҷаҳони муосир бо назардошти актуалӣ будани масъалаи ҷавонон ҳарчӣ бештар тарзу намуди иштироки ҷавонон таваҷҷуҳпазир гардида истодааст, ки дар фаъолияти иҷтимоии аъзоёни ҷомеа бунёд меёбад. Қобили таъкид аст, ки маҳз ҷавонон гурӯҳи бештар фаъолу муҳаррик дар ҷомеа ба шумор рафта, ин ҳолат онҳоро водор менамояд,

---

[1] Griffin C. Representations of Youth: The Study of Youth and Adolescence in Britain and America. [Text] / C. Griffin. Oxford: Polity Press, 1993. –P.9-10.

[2] Гомберт Т., Блезиус Ю., Крелль К., Тимпе М. Основы социальной демократии. [Текст] / Т. Гомберт, Ю. Блезиус, К. Крелль, М. Тимпе. –М., 2011. –С.13.

ки бо назардошти  синну сол ва нерӯи ҷисмонии худ ҳарчӣ бештар ба равандҳои иҷтимоӣ ворид гарданд ва аз падидаҳои он огоҳ бошанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар замони муосир ду навъи фаъолнокии иҷтимоӣ тасниф карда мешавад. Якум, бевосита бо фаъолнокии шаҳрвандӣ вобаста карда шуда, дуюм, марбут ба иштирок дар таҳаввулоти иҷтимоӣ мебошад.[1]

Дар таҳқиқоти олимони Ғарб сиёсати ҷавонон ҳамчун уҳдадории давлат дар  таъмини шароити мусоиди зиндагӣ ва татбиқи имкониятҳои насли ҷавони кишварҳо эътироф карда шуда, алоқамандии бевоситаи он бо функсионализм тавзеҳ дода нашудааст. Олими дигар Ф. Денстад чунин мешуморад, ки “сиёсати миллии ҷавонон ин уҳдадории бевоситаи давлат дар роҳи таъмини шароити муносиби ҳаёт бо мақсади амалигардонии имкониятҳои ҷавонони кишвар мебошад. Ин тадбир метавонад то андозае мақсаднок, қудратманд ва ё заиф бошад. Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва самтҳои афзалиятноки он на ҳамеша дар ҳуҷҷат ва стратегияи мушаххас дарҷ ва мустаҳкам карда мешавад, новобаста аз ин он метавонад ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои муқарраршудаи сиёсӣ дар як қатор ҳуҷҷатҳои гуногун шарҳ ёбад, ки дар маҷмӯъ тарзу тариқи кори давлатро бо ин масъала муайян менамоянд».[2]

Дар қатори олимони болозикр муҳаққиқи шведӣ И.Эшинг низ масъалаи сиёсати давлатиро дар бораи ҷавонон таҳқиқ намуда, чунин баён намудааст, ки «ҳанӯз ҳам таърифи пурраву фарогир ва аз ҷониби омма эътирофшудаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва ё муайянкунандаи таркиб, мафҳум ва моҳияти дақиқи он мавҷуд нест. Аз

---

[1] Ниг.: DeVitis J.L., Johns R.W., Simpson D.J. To serve and learn: The spirit of community in liberal education. [Text] / J.L. DeVitis, R.W. Johns, D.J. Simpson. – New York, 1998; Kohler M.C. Developing responsible youth through youth participation [Text] / M.C. Kohler // Child and Youth Services. – 1982. – № 43; Youniss J., Yates M. Youth service and moral-civic identity: A case for everyday morality. [Text] / J. Youniss, M. Yates. // Educational Psychology Review. – 1999. – №11.; Ginwright S., James T. From assets to agents of change: Social justice, organizing and youth development. [Text] / S. Ginwright, T.  James // New Directions for Youth Development. – 2002. – № 96.; Headley S. Young people at the centre: Participation and social change. [Text] / S. Headley. – UK: York Publishing Services, 2002.

[2]Denstad F.Y. Youth policy manual. How to develop a national youth strategy Council of Europe. [Text] / F. Y. Denstad. – London, 2009. – P.11.

ин рӯ, ӯ чунин мешуморад, ки ҳар як кишвар сиёсати миллӣ ва ҳадафҳои стратегии худро дошта, мустақилона тасмим мегирад, ки мазмуну муҳтавои сиёсати давлатиро дар бораи ҷавонон кадом ҷанбаҳо ташкил диҳанд».[1]

Дар бештари таърифҳо ва таснифоти сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон он дар чунин шакл шарҳ дода мешавад, ки «сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон ба ҷавонон ҷиҳати инкишоф додани дониш, малака, қобилият, истеъдод ва ҳунарҳои худ имконият медиҳад, то ин ки онҳо ҳамчун шаҳрвандони фаъоли ҷомеа ба камол расанд».[2]

Ҳадафи мазкур ва тадбирандешӣ дар ин самт имконият медиҳад, ки ҷавононро на танҳо барои ҳаёти мустақилона омода созад, инчунин таъмини баробарии ҳуқуқии насли ҷавонро ҳамчун шаҳрванди мустақил кафолат медиҳад.

Дар ин раванд, агар назарияи сиёсӣ ташкили умумияти фарогирро дар асоси субъектҳои алоҳида ва абарқудратҳо, ташкилоти фаромиллиеро бо мақомоти идоракунии худ дар назар дошта бошад, функсионализми нав дар қиёс бо назарияи сиёсӣ танҳо интиқол ва бовар кардани ҷузъе аз ваколатҳои давлатҳои миллиро ба мақомоти идоракунии марказӣ бо инобати нигоҳ доштани ҳувият ва ҳифзи он дар назар дорад. Д. Митрани ҳамчун олими назариётчии функсионализм таъкид менамояд, ки ҳамгироии воқеӣ танҳо дар вазъе имконпазир мегардад, ки ниҳодҳои мухталифи байналхалқии махсус мавҷуд бошанд ва онҳо масъалаҳои мушаххасро ҳал намоянд. Ҳамзамон, ӯ чунин андешаронӣ менамояд, ки дар ин раванд бастани шартномаву иттифоқҳои сиёсии байнидавлатӣ он қадар муҳим ва актуалӣ нест[3]..

[1]Ashing I. Youth and youth policy – a Swedish perspective [Text] / I. Ashing // Introduction to Youth Policy – Swedish and Turkish Perspectives. – 2010. – №4. – P.6.
[2]Oktay F., Şentuna M., Cenk M., Görbil V. Youth policy in Turkey [Text] / F. Oktay, M. Şentuna, M. Cenk, V. Görbil // Introduction to Youth Policy – Swedish and Turkish Perspectives. – 2010. –№3. –P.13.
[3]. Ниг.: Mitrany D. The Functional Theory of Politics. [Text] / D. Mitrany. –London, 1975. –P.61.

Ақидаи мазкур дар консепсияи «лабрезшавӣ» (spillover) такмил дода шудааст, ки дар пайи ҳамгироӣ дар як соҳа оид ба ин раванд дар дигар соҳаҳоро ногузир дониста, ҳамаи соҳаҳоро пурра фаро мегирад.

Тарафдорони падидаҳои функсионализми нав давлатҳо ва элитаҳои миллии онҳоро ҷӯёи роҳҳои ҳамгироӣ медонанд, агар фоидаи он бартар аз зиёнаш бошад.[1]. Асосгузори ин равияи шинохти равандҳои байналхалқии ҳамгироӣ Эрнст Б. Хаас ва Ф.Шмиттер мебошанд. Назарияи мазкур дар заминаи таҳлили ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ин раванд таҳия гардида, баъдтар аз тарафи Эрнст Б. Хаас такмил дода шуд.[2]

Назарияи мазкурро бештар аз ҳама ҷонибдорони назарияи байниҳукуматӣ (интергавернментализм) танқид кардаанд, ки аз ҷониби сиёсатшиносони америкавӣ С.Хоффман ва Э.Моравчик кор карда шудааст. Ин назария чунин меҳисобад, ки ҳамгироии кишварҳо ҳамчун раванди байналхалқӣ бояд чун натиҷаи ҳамкориҳои давлатҳо, ки пешбарандаи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти худ мебошанд, таҳлил шуда, сохторгирии ҳамин манфиату ниёзмандиҳо рафту раванди ҳамгироиро муайян менамояд.

Дар мавриди назарияи конструктивизм муносибатҳои байналхалқӣ чун натиҷаи равандҳои иҷтимоӣ шарҳ дода мешавад. Дар таҳлили ҷараёни масъалаи байналхалқии ҳамгироӣ намояндагони «интерговернментализм» бар он назаранд, ки пеш аз ҳама, ҳувият ва манфиатҳо пешакӣ муайян карда шуда, акторҳои сиёсӣ бошанд, танҳо хароҷот ва фоидаи амалҳои худ ва дигаронро ҳисоб карда, танҳо баъди ин метавонанд қарор қабул кунанд. Ҷонибдорон ва пайравони конструктивизм таъкид менамоянд, ки мавқеи акторони сиёсӣ ва ҳам ҳувияти онҳо на танҳо аз тариқи пӯишҳои ақлонӣ ба пайдо кардани

---

[1]. Ниг.: Гиниятов Ф.М. Теории европейской интеграции и текущий кризис Европейского Союза [Текст] / Ф.М. Гиниятов // Вестник экономики, права и социологии. – 2015. – № 2. – С.117.
[2]. Ниг.: Пурсиайнен К. Теории интеграции и рамки отношений ЕС-РТ. Российско-Европейский Центр экономической политики. [Текст] / К. Пурсиайнен. – М., 2004. –С.4.

манфиатҳои худ равона гардида,  инчунин тариқи гуфтушунид низ махсусан дар раванди фишор ҷиҳати пайдо кардани созиш, ки дар заминаи интизориҳо ташаккул ёфтаанд, сурат мегиранд.[1]

Дар назарияи коммуникатсия раванди ҳамгироӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҷомеаи амну ором ва муттаҳид, ки арҷгузор ба арзишҳои умумӣ ва раҳнамунсозандаи ҳувияти дастаҷамъӣ мебошанд, шинохта мешавад. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи ҳувияти умумӣ меравад, ки шаҳрвандони кишварҳои гуногун эҳсос мешавад. Вобаста ба ин мансабдорон чунин мешуморанд, ки бо назардошти ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ будани ҷавонон ва ба зимма доштани масъулияти баланди таъмини ояндаи рушди минтақа маҳз ҷавонони муосир бояд аввалин насли Осиёи Марказӣ бошанд.

Ҳанӯз аз миёнаи солҳои 1990 муҳаққиқон нисбати  он далеле, ки иттиҳоди минтақавӣ метавонад ҳувиятҳои миллиро маҳдуд намояд, таъкид кардаанд.[2]. Чунин тахмин меравад, ки маҳз ҷавонон бо сатҳи болои шуурнокии худ, таъмингари чунин ҳувияти умумиосиёӣ хоҳанд буд, ки онро чун як падидаи нави иҷтимоӣ ташаккул хоҳанд дод

Ф. Шиммел чунин ақида дорад, ки худшиносӣ ва иҷтимоъшавӣ асосҳои таҳлили конструктивистии равандҳои ҳамгироӣ буда, мақсади ниҳоии он дар байни аҳолӣ ташаккул додани «дарки умумии он афкоре, ки аз нигоҳи ташкилоти сиёсӣ  ва идоракунӣ қонунӣ аст, мебошад.[3]

Яке аз ҳадафҳои сиёсии ҷавонон дар ин робита – ташаккули иттиҳоду ҳамдилии сокинони Осиёи Марказӣ, мушкилоти он аз нигоҳи ташаккули ҳувияти ягона имконияти дар оянда муттаҳид гардидан аст. Дар ин замина, барномаҳои ҷавонон бо мақсади тақвияти робитаҳои фаромиллӣ ва ташаккули ҳувиятҳо, тағйир додани аҳолии ягона,

---

[1] Ниг.: Brubaker R., Cooper F. Beyond “Identity” [Text] / R. Brubaker, F. Cooper // Theory and Society. – 2000. –№ 29 (1). –P.1-47.

[2] Ниг.: Wilson, T. M. Sovereignty, identity and borders: Political anthropology and European integration. [Text] / T. M.  Wilson. –England: Avebury, 1996. –P.208.

[3] Ниг.: Schimmelfennig F. Integration Theory [Text] / F. Schimmelfennig // Research Agenda in EU Studies. Stalking the Elephant / ed. By M. Egan, N. Nurgent, W.E. Paterson. – L., 2010. –P.44.

тағйири ниҳодҳои дохилӣ ва бо мақсади ташаккули тарзи ҳаёти ҷавонон дар манотиқи дахлдор амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, сиёсати ҷавонон дар Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ба ҳамгироии оянда равона гардидааст.

Аз нигоҳи назарияи конструктивизм барои ноил гардидан ба ҳамгироии сиёсати ҷавонон дар Осиёи Марказӣ меъёрҳои хоси умумӣ зарур аст. Дар натиҷа сухан дар бораи умумияти гуногунсатҳи Осиёи Марказӣ меравад, ки бояд яке аз силоҳҳои асосии расидан ба ҳадафи мазкур гардад.

Аз ин лиҳоз, аз як ҷониб ҷавонон актори ояндадор дар ҳудуди ташаккули ҳувияти ягонаи алоқаманд бо равандҳои ҳамгироӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ буда, аз ҷониби дигар – худи сиёсати ҷавонон силоҳи ин гуна иттиҳод ба шумор меравад. Ҳамин тавр, сухан дар баробари дугонагии табиати сиёсати ҷавонон меравад, ки дар ҳудуди муносибатҳои сиёсии субъект-объект ҳам ҳамчун субъект ва ҳам объект баромад мекунад.

Масъалаҳои мухталифи ҷавононро дар давраи советӣ, махсусан, баъди солҳои 70-ум беш аз пеш мавриди таҳқиқ ва хулосагириҳо қарор медоданд. Истифодаи таҷрибаи давраи советӣ аз аҳамияти бештар бархӯрдор гардидааст. Дар ин давра мактабҳои махсуси омӯзиши проблемаҳои ҷавонон ташаккул ёфта, дар таҳқиқи масъала ва равандҳои вобаста ба ҳаёти ҷавонон натиҷаҳои назаррасу барҷастаро пайдо намуда буданд. Аз ҷумла, мактаби Новосибирск бо роҳбарии В.Н. Шубкин, мактаби Свердловск бо роҳбарии Ф.Р. Филиппов. М.Н. Руткевич ва Л.Я. Рубина, мактаби Ленинград бо роҳбарии В.Т. Лисовский. С.Н. Иконникова, А.В. Лисовский ва мактаби Эстония бо роҳбарии М Титма.

Дар охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми қарни гузашта консепсияи “Трансгресия дар ҳаёти маънавии ҷавонон” бештар аз худ дарак медод. Онро муҳаққиқи белорус Т. И. Яковук пешниҳод намуда буд. Дар таълимоти мазкур номуайяниҳо дар ҷомеа мақоми хосаро касб

менамоянд. Т.И. Яковук масъалаҳои ҷавононро ба омили номуайяниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пайваста, ҳар навъи маданиятро ҳамчун ҳодисаи худинкишофёбанда маънидод намудааст.[1]

Яке аз таълимоти таваҷҷуҳпазир консепсияи гуманисти ҷавонон аст, ки аз ҷониби И.М. Илин пешниҳод гардидааст. Асоси онро фаҳми иҷтимоию фалсафии гуманизм ҳамчун эътирофи хударзишии инсон ва интихоби ҳаётии он ташкил менамояд. Хударзишӣ таҷассуми давраи ҷавонист. Он хосияти биоиҷтимоии индивид ба ҳисоб меравад. Ҷавонон ҳамчуни умумияти иҷтимоӣ арзиши умумиинсониро касб намудааст. Хусусияти асосии консепсияи мазкуррро вай худ ба худ ҳамчун яке аз назариёт дар бораи ҷавонон вуҷуд надорад. Он самти махсуси асоснокгардидае дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон мебошад. Консепсияи гуманистии ҷавонон 8 ҳолати заминавиеро дар бар мегирад, ки дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҷойгоҳи хосаеро пайдо пайдо намудааст:[2]

-ҷавонон ҳодисаи объективии ҷамъиятӣ буда, доимо ба сифати зергурӯҳи махсуси синнусолӣ амал менамоянд. Вобаста ба синну солашон ҷавонон масъалаҳои гуногунро пайдо менамоянд. Онҳо ба ғояҳои вобаста будан бевосита пайвастанд. Бештари ҷавонон ба раванди истеҳсолӣ ворид нагардида, зиндагии хосаеро сипарӣ менамоянд. Аксари онҳо дар рафти қабули қарорҳо худмухтор нестанд. Дар назди ҷавонон доимо масъалаи интихоби тарзи фаъолият ва касб истодааст. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки масъалаҳои марбути худмуайянкунии маънавӣ ва ахлоқиро ҳал намоянд;

---

[1] Ниг.: Яковук Т.И. Неопределенность как регулятор духовной жизни молодежи. [Текст] / Т. И. Яковук. - Брест: БГТУ, 2005.

[2] Ниг.: Ильинский И. М. и др. Молодежь планеты: глобальная ситуация в 90-х годах, тенденции и перспективы. [Текст] / И. М. Ильинский. - М., 1999. - С. 22–42; Ильинский И. М. Молодежь и молодежная политика. [Текст] / И. М. Ильинский. – М., - С. 108–120.

- ҷавонон табиатан хосияти духела доранд. Онҳо ҳодисаи биологӣ ва иҷтимоӣ мебошанд;

- ҷавонон ҳодисаи мушаххаси таърихӣ ба шумор мераванд, яъне онҳо маҳсули давраи инкишофи таърихианд;

- ҷавонон барандаи эҳтимолии иқтидори бузурги интеллектуалӣ мебошанд ва қобилияти хосае барои эҷоду фаъолият доранд;

- ҷавонон дар як вақт ҳам объект ва ҳам субъекти сотсиализатсия мебошанд. Ҳолати мазкур мақоми иҷтимоии онро муайян менамояд;

- ҷавонон мақоми субъектро замоне соҳиб мегарданд, ки то кадом андоза худшиносиро пайдо намудаанд ва манфиатҳои хешро дарк намуда, дараҷаи зарурии ташкилиро соҳиб гардидаанд;

- ҷавонон барандаи равандҳое мебошанд, ки дар оянда ба дараҷаи баланд паҳн мегарданд;

- ҷавонон объекти таҳқиқоти маҷмуӣ ва байнисоҳавӣ мебошанд. Фақат чунин муносибат дар бораи онҳо маълумоти муҳим ва пурраро пешниҳод менамояд.

Ҳамин тавр, таълимоти зиёду гуногуне дар бораи ҷавонон ва махсусияту хусусиятҳои онҳо вуҷуд доранд, ки омӯзиш ва истифодаи самараноки онҳо аҳаммияти калони таҳқиқотӣ ва таҷрибавию амалӣ доранд.

Ҷавонон – насли инсонҳоест, ки марҳилаи иҷтимоишавиро тай намуда, вазифаҳои таълимӣ, касбӣ, фарҳангӣ ва дигар вазифаҳои иҷтимоиро аз худ мекунанд. Вақтҳои охир сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба шакли эътирофшудаи ҳамкории наслҳо табдил ёфтааст, ки татбиқи бомуваффақияти он метавонад барои рушди инноватсионии ҷомеа ва давлат имкониятҳои зиёд фароҳам оварад.

Низоми мураккаби бисёрҷанбаи муносибатҳо, ки дар он унсурҳои сохторӣ аз ҷумла, маҷмӯи ғояҳо, консепсияҳо, принсипҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, самтҳои асосӣ, стратегия, барномаҳо, ҳадафҳо ва тактикаи

рушди иҷтимоии ҷавононро ҷудо кардан мумкин аст, сиёсати давлатиро дар бораи ҷавонон ташкил медиҳад.

Инчунин сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ин фаъолияти давлат дар қисмати таҳияи самтҳои консептуалии фаъолият ва таъмини низоми ҷудонашавандаи эҷоди ҳифзи (кафолатҳои) иҷтимоӣ ва ҳуқуқии насли наврас ва ҷавон мебошад, ки татбиқи ҳуқуқӣ ва амалигардонии онҳо ба рушди озодии иҷтимоӣ, ташаббуси эҷодӣ ба манфиатҳои худ дар вазъияти имрӯзаи чамъият мусоидат менамояд.

Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар давлати пешрафтаи демократӣ қисми таркибии сиёсати умумии давлат буда, ҳадафи асосии он нигоҳ доштани мақоми муносиби иҷтимоӣ ва сифати зиндагии ҷавонон мебошад.

Дар ин раванд сиёсати давлатӣ вобаста ба ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори дигар давлатҳои ҷаҳон ҳамчун низоми ягонаи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ ташаккул ёфта, тибқи талаботи қонунгузории кишвар аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади худташаккулёбӣ ва камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, истифодаи босамари нерӯи зеҳнӣ ба манфиати ҷамъият татбиқ карда мешавад[1].

Дар шароити демократикунонии ҷомеа ва ҷаҳонишавии муносибатҳо, бахусус, таҳкими рукнҳои идоракунии давлат ва ташаккули ҷомеаи муосири маданӣ нерӯи ҳам ғоявӣ ва ҳам ташкилию амалии ҷавонон бисёр арзишманд баҳогузорӣ мегардад. Ин аст, ки пайваста мавриди таҳқиқ қарор додани масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, мазмун ва моҳияти татбиқи он барои дарёфти механизмҳои нав, ки барои инкишофи минбаъда ва устувори кишварамон мусоидат менамояд, зарур мебошад.

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2004, № 52

Бинобар ин, сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок ва масъалаи мубрами омӯзиши илмҳои сиёсӣ буда, мавзуъ ва моҳияти иҷтимоии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҳамчун зуҳуроти мураккаб ва муҳим дар илмҳои сиёсӣ арзёбӣ гардида, бо таҳлили масоили сиёсати ҷаҳонӣ дар ин самт алоқамандӣ дорад.

Ш.Қ. Ҳасанов ва Н.С. Бӯриев қайд менамоянд: "Сиёсати давлатии ҷавонон бевосита ба пайдоиши давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ робита дошта, яке аз самтҳои мустақили сиёсати он маҳсуб мегардад" "[1]. Аммо чунин андеша сатҳӣ буда, моҳияти сиёсати соҳавиро инъикос гардонида наметавонад. Дар давраи пайдоиш дар назди давлат чунин мақсад ва вазифаҳо намеистоданд ва чунин андешаҳо низ хосияти реалӣ надоранд.

Муҳимияти масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон, таваҷҷуҳи махсус барои иштирок ва мавқеъёбии ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии кишвар, ташаккули иттиҳодияи мустақил ва бонуфузи ҷавонон ҳамчун масъалаи мубрам дар мустаҳкамии пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва муосири Тоҷикистон дар марҳилаи бозсозии Тоҷикистони соҳибистиқлол қарор гирифтаанд[2].

Зеро дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои давлати тозабунёд ва инчунин, ба таҳдиди нобудшавӣ дучоргардида бисёр мушкил буд, ки самтҳои асосии фаъолияти худро муайян созад. Дар даврони 70 соли ҳукмронии собиқ давлати Шӯравӣ яке аз самтҳои фаъоли ташкилии ҷамъиятӣ–сиёсӣ ва ё мактаби омодасозии кадрҳои аз лиҳози иҷтимоӣ ва сиёсӣ обутобёфта, ин соҳаи кор бо ҷавонон бо номи «Комсомол» ба ҳисоб мерафт. Комсомол (бо забони русӣ — Коммунистический Союз Молодежи) ягона низоме буд, ки ҳамчун шохаи фаъоли Ҳизби

[1] Ҳасанов Ш.Қ., Бӯриев Н.С. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ш. Қ. Ҳасанов, Н. С. Бӯриев. – Душанбе: "Эр—граф", 2012. – С. 13.

[2] Ниг.: Асадуллоев, Р.Н. Молодежь в процессах демократизации общественной жизни страны (На примере Республики Таджикистан). [Текст] / Р. Н. Асадуллоев. – Душанбе: Издательство «Сарпараст», – С. 51.

коммунистӣ ба омодасозӣ ва таъмини кадрҳои болаёқат ва ватандӯст барои давлати Шӯравӣ хизмат мекард[1] .

Бо аз байн рафтани давлати Шӯравӣ, барои Тоҷикистони тозаистиқлол ба монанди дигар кишварҳои узви Иттифоқи ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) зарур буд, ки аз як тараф, ин низоми муҳими иҷтимоиро аз даст надиҳад, зеро он натиҷа ва дастовардҳои хуб ба бор оварда, мактаби ташаккули захираҳои қобилиятноки инсонӣ ва ё кадриро ташкил медод. Аз тарафи дигар, тамоми кишварҳои узви ИҶШС, аз ҷумла Тоҷикистон сохти нави давлатӣ – идоракунии демократиро интихоб намуда буданд, ки ин тамоюл ба идома ёфтани фаъолияти комсомол бо назардошти принсипҳои идоракунии мутлақи он (сохти коммунистӣ) мухолиф буд. Яъне, наметавонист, ки комсомол, минбаъд, ҳадафҳои воқеии худро татбиқ созад, зеро низоми ҳукмронии яккаҳизбӣ — Ҳизби коммунистӣ барҳам хӯрда буд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи тамоми кишварҳои узви собиқ ИҶШС хулоса карда шуд, ки бо назардошти таҷрибаи мамолики пешрафтаи демократӣ идеяи «мактаби комсомол» дар шакли нави хусусияти давлатидошта — сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, ки ба сохти идоракунии демократӣ хос мебошад, ташаккул ва инкишоф ёбад. Ин қарор дар он шароит рӯи кор омад, ки дигар низоми ташкилию амалӣ, аз ҷумла идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон ба таври муташаккил вуҷуд надошт. Он ё дар шакли худмаблағгузор ва ё дар шакли давлатӣ бояд амал мекард, мувофиқан барои кишварҳои пасошӯравӣ, ягона василаи муътамад, ин ҳамгироии соҳаи кор бо ҷавонон бо ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб мерафт.

[1] Ниг.: Миралиев, К. Развитие молодежной политики в Таджикистане на рубеже XXI века [Текст] / К. Миралиев. – Душанбе: Шуҷоиен, 2010. – 225 с.

Бо ҳамин, заминаи устувор ва дастоварди муҳим, ки барои ҷалби ҷавонон ба идоракунии давлатӣ ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон мусоидат намуд, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» мебошад, ки он ҳамагӣ дар ҳафтумин моҳи амали истиқлолияти давлатӣ дар асоси қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 қабул карда мешавад. Дар Қонуни мазкур сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон пурра муайян гардида, дар ҳамон давраи ҳассос мақсад ва вазифаҳо, уҳдадориҳо ва дурнамои рушди ҷавононро ҳамчун умумияти иҷтимоӣ ва муҳаррики пешбарандаи ҷомеа ифода ва мавқеи ҷавононро аз лиҳози ҳуқуқӣ муайян ва устувор менамуд.

Дар Қонуни мазкур сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иборат аз чорабиниҳои хусусияти иҷтимоӣ—иқтисодӣ, сиёсӣ ва ташкилӣ дошта, ки давлат онҳоро бо мақсади фароҳам овардани шароити худташаккулёбӣ ва рушди ҷавонон, ташаккули қобилияти эҷодӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷавонон амалӣ мегардонад, муайян гардидааст.

Ҳамзамон заминаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи чунин принсипҳо, ки роҳ, восита ва усулҳои ин сиёсатро муайян менамуданд, мушаххас карда шуда буданд:

–фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷомеаи маданӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар кишвар ҳамоҳангсозӣ карда мешуданд;

– тадбирҳои амалӣ бо мақсади ҷалби ҷавонон барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар, фаъолияти давлатӣ ва идоракунӣ, иштирок дар амалигардонии лоиҳаҳо ва барномаҳои алоқаманд бо рушди ҷумҳурӣ, хоса алоқаманд ба соҳаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон роҳандозӣ карда мешуданд;

– таъминоти ҳуқуқӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҷавонон, манфиатҳои шахсӣ, ҳуқуқ ва озодии онҳо;

– роҳандозии тадбирҳои илмию назариявӣ ва методӣ дар таҳия ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон;

– муҳимияти тарбияи ахлоқӣ, динӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим, таҳсил ва тайёрии касбӣ, таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва омодасозии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона[1] ва мустақилияти иқтисодӣ.

Маврид ба зикр аст, ки дар заминагузории қонунии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Тоҷикистони муосир ва тозаистиқлол, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун вакили Шӯрои  Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштаанд ва қонуни мазкур дар ҳалли масъалаҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавонон мусоидат намудааст. Зеро, қонуни мазкур фарогири масъалаҳои стратегие буд, ки  дар ҳифзи ҳуқуқҳои насли ҷавони кишвар дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ мустаҳкам намуд.

Дар ин раванд пас аз барқарор намудани сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон роҳбарияти нави ҷумҳурӣ фаъолияту нерӯи худро ба самти барқарор намудани сулҳу субот, ваҳдат, ризоияти миллӣ дар мамлакат равона мекард. Баъди орому осоишта гаштани ҳаёти халқ, ба даст овардани ризоияти миллӣ, ваҳдат, Президенти мамлакат Э.Ш.Раҳмонов 23 майи соли 1997 бо намояндагони ҷавони кишвар вохӯрӣ доир менамоянд ва фармони худро таҳти рақами №727 «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ба имзо мерасонанд. Сипас, мутобиқи он қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 1997, № 240 дар бораи таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо мерасад.

Дар натиҷаи номукаммалии сиёсати давлатии ҷавонон солҳои 1990-1997 ба Кумитаи кор бо ҷавонони навтаъсис ба ғайр аз қонуни асосии ҷавонон қариб, ки чизе мерос намонда буд. Набудани асоси меъёрию ҳуқуқӣ ба татбиқи бошитоби қонуни асосии ҷавонон мусоидаткунада, самтҳои тамоюлноки аз мавқеи илмию назариявӣ асоснок гашта,

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» //Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 1992. –№9. –С.3.

заминаҳои методӣ, иттилоотию таҳлилӣ, моддию техникӣ ва кадрии сиёсати дивлатии ҷавонон нишондиҳандаҳои асосии фазоеро, ки Кумитаи кор бо ҷавонон дар он фаъолияти худро оғоз намуд, ташкил менамуданд.

Бо вуҷуди ин дар ин муддати кӯтоҳ ду қарори муҳиму умдаи Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳия ва қабул гаштанд, ки тибқи онҳо асосҳои ташкилӣ ва маблағгузории фаъолияти Кумитаи кор бо ҷавонон, ягонагӣ дар муайян намудани моҳияти сиёсати давлат нисбат ба насли ҷавон, системаи амудии роҳбарӣ, пешбурди сиёсати кадрӣ ва маблағгузории мақомоти кор бо ҷавонон, инчунин мақоми Кумита, чун мақомоти идораи давлатӣ ва ҳамоҳангсози байнисоҳавӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон, муқаррар гаштаанд. Ғайр аз ин, то охири соли 1997 чор идораҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе, қариб 60 шуъбаҳои шаҳрию ноҳиявии кор бо ҷавонон таъсис дода шуда буданд.

Натиҷаи назарраси тадбирҳои болозикр буд, ки охири соли 1997 давраи ташкилёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон бомуваффақият анҷом ёфт.

Марҳилаи дуюми ташаккул, рушд ва таҳкими сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Тоҷикистон аввалҳои соли 1998 оғоз ёфт.

Кумита дар ин давраи фаъолият фазои сиёсати давлатиро нисбати ҷавонон ба куллӣ тағйир дод. Дар ин давра дар раванди таҳкими асосҳои меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон, таҳияи механизмҳои татбиқи қонуни асосии ҷавонони ҷумҳурӣ, дастгирии ҷавонони боистеъдод ва ташаккули хадамоти иҷтимоӣ барои ҷавонон ва ё дар умум натиҷаҳои муҳиму самарабахш дар ҷараёни инкишофи сиёсати ҷавонон ба даст омаданд.

Баъдан бо дарназардошти тақозои ҷомеаи муосир ва ислоҳоти идораи давлатӣ таҷдиди сохтор тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №609 анҷом дода шуд, ки дар натиҷа Кумитаи болозикр ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд, ки фаъолиятро дар

самти татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ ба роҳ мемонд.

Бо назардошти муҳимияти масъалаҳои алоқаманд ба ҷавонон ва васеъ гардидани ваколатҳо, босифат татбиқ намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи майи соли 2018 Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, имрӯз фаъолияти худро дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба роҳ мондааст.

Ҳамин тавр, таҳлил ва таҷрибаи таърихӣ, натиҷаҳои фаъолияти амалии ҷавонон ва мақомоти босалоҳияти давлатӣ дар самти кор бо ҷавонон нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон қисми таркибии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар буда, ҳамчун ченаки ягонаи иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, идоракунӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ, иттилоотӣ ва ниҳоди омодасозии кадрӣ баромад менамояд.

Инчунин ин сиёсат ҷиҳати ташкили имкониятҳои мусоид барои интихоби ҳаёти шахсии ҷавонон, амалигардонии самтҳои афзалиятнок ва таъмини иштироки онҳо дар марҳилаи демократикунонии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити муосир равона гардидааст.

Аз таҳлили гуфтаҳои боло бармеояд, ки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Тоҷикистон аз ибтидои замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз гардидааст. Он сиёсати соҳавӣ буда, барои мусоидату дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии насли наврасу ҷавон равона гардида, шароити мусоидро барои худгустариш ва иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсии ҷомеа таъмин менамояд.

Вобаста ба ин таҳлил А.С. Ашӯров низ чунин тавсифро пешниҳод менамояд: “Сиёсати давлатии ҷавонон қисми таркибӣ ва ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб гардида, аз системаи чорабиниҳои

иҷтимоӣ–иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо мақсади ташкил ва таъмини кафолатҳои иҷтимоии ташаккул ва инкишофи ҷавонон, ки баҳри татбиқи нерӯи эҷодӣ ва инноватсионии он ба манфиати ҷамъият нигаронида шудаасту аз тарафи мақомотҳои давлатӣ роҳандозӣ мешавад, иборат аст”[1].

Сиёсатшинос В.А.Луков масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро таҳқиқ намуда, зикр менамояд, ки “Сиёсати давлатии ҷавонон ин фаъолияти давлатӣ буда, дар баробари фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ, иқтисодиву ташкилӣ ва кафолати худташаккулёбии ҷавонон инчунин  таъмини рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон, эҳтиром ба таъриху фарҳанг, таҳаммулпазирӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро чун ҳадафи стратегии ин сиёсат муайян намудааст”[2].

Дар шароити имрӯза метавон мафҳуми пешниҳоднамудаи сиёсатшинос В.А.Луковро ҳамчун таърифи васеи сиёсати давлатии ҷавонон шуморид, зеро дар баробари фароҳам овардани тамоми ҷанбаҳои худташаккулёбии ҷавонон рукнҳои дигари таҳқиқнамудаи олим бо назардошти вориди босуръати ҷаҳонишавӣ мубрам ва саривақтӣ мебошад, ки дар натиҷаи дарёфт ва коркарди механизмҳои татбиқу таъсирбахши он метавон, аз омилҳои номатлуб ва таҳдидҳои замони муосир насли наврасу ҷавонро эмин нигоҳ дошт.

Ҷараёни ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон аз заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ дар самти кор бо ҷавонон, ки ҳамчун мақомоти давлатии ваколатдор мебошад, вобастагии амиқ дорад.

---

[1] Ашӯров А.С. Сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон: ҳолат ва пешбиниҳо. [Матн] / А. С. Ашӯров. – Душанбе, 2002. –С.29.
[2] Луков В.А. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Федератсияи Россия. [Текст] / В. А. Луков. - М.,1997. - С.13

Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ яке аз заминаҳои асосии ташаккули сиёсати ҷавонон ҳамчун яке аз векторҳои сиёсати иҷтимоӣ мушкилоти иҷтимоишавии ҷавонон ва мутобиқсозии он ба шароит ва воқеияти муосири иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад. Барои ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ба равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва дифференсатсияи онҳо аз рӯи табақаҳои дахлдори ҳошиявӣ давлат ва ҷомеа дар ин самт кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Аксарияти мутлақи давлатҳои ҷаҳон аҳамияти аввалиндараҷа ва махсуси кор бо насли ҷавони ҷамъиятро эътироф мекунанд, зеро маҳз онҳо барандаи ормонҳои нави шаҳрвандӣ ва сифатҳои нави сиёсӣ гарданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ ба ифтихори Рӯзи ҷавонон таъкид намуданд, ки «асри XXI ҳамчун даврони пешрафти бесобиқаи илму технология моро водор месозад, ки барои тарбияи истеъдодҳо аз ҳисоби насли наврасу ҷавони мамлакат, яъне ташаккул ва тарбияи кадрҳои замони нав ва номбардорони ояндаи миллат аз тамоми захираву имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, ҷиҳати таълиму тарбияи шоиста ва камолоти маънавию ҷисмонии онҳо ҳамаи шароити заруриро фароҳам созем»[1].

Аз тарафи ҷавонон дарк кардани мансубияти худ ба таҳаввулот ва табаддулоти таърихӣ, иштирок ва саҳми онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар, муайян намудани мавқеи шаҳрвандӣ барои нигоҳ доштани тавозуни раванди ислоҳоти сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа мусоидат менамояд. Ин амал шароити мувофиқро барои таъмини сатҳу сифати рушди кишвар барои солҳои оянда фароҳам меоварад. Мусоидат ва тақвият бахшидани раванди ҷалбшавии ҷавонон ба соҳаи ҳаёти сиёсӣ бо

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи ҷавонон [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/15446 (санаи муроҷиат: 25.01.2022)

роҳи мустаҳкам намудани арзишҳои демократӣ ва шаҳрвандии ҷомеа бояд сурат гирад.

Ташкилоти иҷтимоии ҷавонон на танҳо имкониятҳои ниҳодсозии татбиқи манфиатҳои мухталифи ҷавонони Тоҷикистонро дар худ таҷассум менамоянд, ки онҳо иборат аз ҳамкориҳо дар соҳаи ҳалли муштараки масъалаҳои иҷтимоии умумӣ, ҳифзи манфиатҳои гурӯҳии худ мебошанд, балки онҳо ҳоло ба субъекти сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатӣ ва шаҳрвандии ҷавонон низ мубаддал гардидаанд.

Ҳамкориҳо дар самти ҷавонон дар муҳити умумии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ низ бо чунин ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ чун Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо ва ғайра ба роҳ монда шудааст, лекин фаъолият дар ин самт  муназзам ва босамар намебошад.

Ба ғайр аз ин, бояд ки самтҳои афзалиятноку муҳимми фаъолияти сохтори кор бо ҷавонон, иттиҳодия ва ташкилотҳои ҷавонон ҳамчун объекти таҳқиқоти сиёсӣ назар карда шавад.

Таҳлилу баррасии масъалаҳои мазкур барои дарк ва тақвияти бештари фаъолияти соҳавӣ,  амалигардонии равандҳои иҷтимоӣ-сиёсии дохили ташкилотҳои ҷавонон ва ҳамкориҳои байналмилалии онҳо, инчунин ҷиҳати шарҳи пурраи комили ояндабинии сиёсати ҷавонон, тарҳрезии дурнамои фаъолият дар ин самт дар ҷомеаи Тоҷикистон зарур мебошад.

Маврид ба қайд аст, ки сармояи инсонӣ ва ё захираҳои инсонӣ, аз ҷумла ҷавонон дар ҳар давлати ҷаҳон яке омилҳои асосии таъмини пешрафт ва рушд мебошад. Ин боис мегардад, ки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди ҷомеа мавриди омӯзиш, такмил ва корбарии доимӣ қарор дода шавад. Афзоиши мунтазам ва вазъи демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки беш аз 35 фоизи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, ки ин барои муайян намудани сиёсати давлатӣ

дар бораи  чавонон аз нуқтаи назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон ва муҳим  дорад.[1]

Омӯзиши таърихи ташаккул ва таҳаввули масъала собит менамояд, ки мафҳуми «сиёсати ҷавонон» ҳамчун мафҳуми мустақил ва муайян дар адабиёти илмӣ солҳои 60-уми асри XX пайдо гардидааст, ки дар он давра ҷавонон ҳамчун қувваи алоҳидаи иҷтимоӣ ва пешбарандаи ҷомеа ташаккул ёфта, худро дар муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ зоҳир намуданд.[2]

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар солҳои 70-уми асри XX сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон дар аксари кишварҳои пешрафта ба таври бориз ҳамчун соҳаи мустақили сиёсати давлатӣ шакл гирифта буд.

Бо назардошти такмил ёфтани масъала ва тадбирҳо дар самти ҷавонон ҳоло мафҳуми «сиёсати ҷавонон» ба таври гуногун вобаста ба хусусиятҳои зоҳирёбии ин қишри зудҳаракати ҷомеа шарҳ дода мешавад.

Инро метавон бо  чолиш ва хавфу хатарҳои нав, ки дар ҷаҳон тӯли даҳсолаҳои охир ба вуҷуд омадаанд ва ба ин ҷараён таъсири зиёд гузоштаанд ва метавонанд гузоранд алоқаманд намуд. Бахусус марҳилаи воруди босуръати ҷаҳонишавӣ заминаи ба  вуҷуд омадани хавфу хатар ва чолишҳои навро дар муҳити ҷавонон афзуд, ин падидаи таъсиргузор онҳоро хеле босуръат ба раванди ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ ва таҳаввули муҳити тому ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷалб менамояд. Таҷриба собит менамояд, ки муносибатҳои ҷавонон бо ҷаҳонишавӣ  якмарому яксон ва  сода намебошад.

Бо назардошти таҳлили вазъ дар шароити муосири ҷомеа ва талаботи рӯзафзун нисбат ба сармояи инсонӣ сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҳамчун василаи рушд ва дигаргунсозиҳо дар кишвар бояд баромад намояд. Ин аз ҳамаи иштирокчиёни раванди истиқрори иҷтимоии чавонон тақия ва муттасил татбиқ намудани муносибатҳоро

---

[1] Ниг.: Стратегияи сиёсати давлатии чавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон  то соли 2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “4” октябри соли 2011, № 480.

[2] Ниг.: Осипова Л.Б., Панфилова Е.А. Молодежная политика как фактор развития социальной активности молодежи [Текст] / Л. Б. Осипова, Е. А. Панфилова // Вестник Челябинского государственного университета. Философия. Социология. Культурология. – 2014. – № 24 (353). – С.61.

талаб менамояд, ки ба ҷалби мустақими насли чавон ба ҳалли проблемаи худӣ ва вазифаҳои умумимиллӣ нигаронида шудааст.

Доираи васеи вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон тавассути омӯзиш, табодул ва истифодаи таҷрибаҳои байналмилалӣ метавонад ҳал карда шавад. Он дар ниҳояти кор барои худташкилии ҷавонон ва тамоми аҳолӣ, амалисозии ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки Тоҷикистон барои рушди минбаъда муайян намудааст, таъмини некӯаҳволии шаҳрвандон ва такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ имконияти заруриро фароҳам меорад.

Дар ин раванд зарурати шарҳи мафҳуми сиёсати ҷавонон таҳлили фаъолияти Созмони Милали Муттаҳидро дар соҳаи сиёсати ҷавонон тақозо менамояд. Дар сохтори муосири ҷаҳонӣ масоили марбут ба ҷавонон хеле босуръат ба вуҷуд омада, камтар ҳал мешаванд. Ҳамин тавр бояд онҳо омӯхта шаванд ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гарданд. Дар ҳуҷҷатҳои СММ масъалаҳои сиёсати ҷавонон дар сатҳи байналмилалӣ коркард шуда, ба кишварҳои ҷаҳон дар мавриди татбиқи онҳо дар ҳудуди миллӣ тавсияҳо дода мешавад. Дар СММ вобаста ба масъалаҳои ҷавонон ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҳамасола гузориши таҳлилӣ-илмии Котиби генералии СММ оид ба вазъи ҷавонон, сиёсат ва барномаҳои марбута, ки дар асоси гузоришҳои миллӣ, иттилоот ва таҳқиқотҳои сотсиологии аз тамоми ҷаҳон ҷамъоварӣ гардида ва маълумотномаҳои кумитаҳои СММ омода гардида, дар сатҳи байналмилалӣ дар байни мутахассисони ҷаҳонӣ муҳокима ва баррасӣ карда мешаванд. Дар робита ба ин метавонем қайд намоем, ки масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон аз оғози марҳилаи ташаккулёбии СММ мавриди таваҷҷуҳи фаъолияти он қарор гирифта бошад ҳам, низомгирии ин навъи сиёсат ва ба таври фаъолу тахассусӣ таваҷҷуҳ намудан ба масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба солҳои 80-

уми асри XX рост меояд.[1] Дастгирии насли наврас ҳамчун яке аз масоили мубрами СММ ва зерсохтори Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг (минбаъд ЮНЕСКО) қарор гирифта, масоили иҷтимоии ҷавонон дар ҳуҷҷати муҳим «Декларатсия оид ба интишори андешаи сулҳ, эҳтироми ҳамдигар ва ҳамдилии байни миллатҳо дар байни ҷавонон», ки соли 1965 аз ҷониби Маҷмааи Олии СММ қабул гардидааст, дарҷ карда шуда, масъалаи мазкур ҳамчун меъёри муҳим мустаҳкам карда шудааст. Аз ҷумла, дар санади мазкур чунин меъёрҳо оварда шудааст:

1. Дар шароити муосир ва ташаннуҷи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи сулҳ, якдилӣ, якмаромӣ, адолатхоҳӣ, озодӣ, ахлоқу этикаи муносиб, омӯзонидани эҳтироми ҳамдигар ва ҳамдигарфаҳмӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҷавононро масъул менамояд, ки барои таъмини баробарии тамоми одамон ва халқу миллатҳо, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, халъи силоҳ, дастгирии сулҳи ҷаҳонӣ ва таъмини амнияту ҳифзи арзишҳои миллӣ талош намоянд.

2. Тадбирҳои муҳим ва усулҳои муосири тарбия, хусусан бо ҷалби волидон ва оила, бурдани корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ва иттилоотрасонӣ ба ҷавонон бояд барои дар байни онҳо паҳну тарғиб кардани андешаи башардӯстӣ, сулҳ, озодӣ ва ҳамдилии байналхалқӣ, инчунин дигар андешаҳои мусоидаткунанда ҷиҳати иттиҳоди байни миллатҳо амалӣ карда шуда, ҷавононро бо нақши ба онҳо муайяннамудаи СММ ба ҳайси воситаи ҳифз ва нигаҳбонии сулҳ ва мусоидат ба ҳамдилии байналхалқӣ ва ҳамкорӣ ошно намоянд.

3. Дар асоси муқаррароти Декларатсияи болозикр муттаҳид гардидани ҷавонони ҷаҳон бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаи таълиму тарбия, фарҳанг ва варзиш ҷалб карда шудани ин қишри муҳими ҷомеа равона карда шуда, бо мақсади таъмини табодули таҷрибаи

---

[1]. Ниг.: Королева Т.М. Молодежная политика Организации Объединенных Наций [Текст] / Т. М. Королева // Вестник ИрГТУ Гуманитарные науки. – 2012. – №8 (62). –С.502-507.

намояндагони ҳамдигар, сафарҳо, сайёҳат, вохӯриҳо, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, тадбирҳои бародаршаҳрӣ ва донишгоҳҳо бе ягон навъи табъиз ва дигар фаъолияти мушобеҳ ба роҳ монда шавад.

4. Бояд иттиҳоду иттифоққои байналмилалии ҷавонон дар мавриди мусоидат дар татбиқи ҳадаф ва мақсадҳои СММ, хоса дар самти пешгирии таҳдидҳои мавҷуда дар таъмини пойдории сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ, рушд ва тақвияти муносибатҳои дӯстии байни миллатҳо дар заминаи эҳтироми ҳувият, таҳаммулпазирӣ, баробарии давлатҳо, тадбирандешии пурра ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои мустамликадорӣ ва табъизи нажодӣ ва бартараф кардани сабабҳои поймолгардии ҳуқуқу озодиҳои инсон ташвиқ гардад[1].

СММ дар доираи татбиқи Декларатсияи мазкур тамоми давлатҳои аъзоро ба он даъват менамояд, ки ташкилотҳои ғайридавлатии фаъолиятбаранда дар самти ҷавонон, ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳои ҷавонон принсипу муқаррароти санади мазкурро қабул ва эътироф намоянд. Инчунин ҷиҳати амалигардонии он чорабиниҳои дахлдорро ташкил намуда, ҳадафҳои Декларатсияи мазкурро васеъ тарғиб намоянд. Дар ин раванд СММ нақши оиларо калидӣ меҳисобад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ оғоз аз солҳои 80-уми асри XX, бо назардошти муҳимияти дарки умумияти як идда масъалаҳои марбут ба ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд, ки дар натиҷа масъалаҳои алоқаманд ба ҷавонон дар муҳокимаи форум ва платформаҳои ҷаҳонӣ мавзӯи марказӣ гардиданд. Онҳо на танҳо бо масоили демографӣ, балки бо шинохти он ҷой ва мақоме вобаста буданд, ки дар равандҳои сиёсии байналхалқӣ марбут ба ҷавонон буд. Ҳамин тавр, маҳз дар ҳамин давра коркарди мавзӯи ҷавонон дар сатҳи

[1] Ниг.: Декларация о распространении среди молодежи идеалов мира, взаимного уважения и взаимопонимания между народами [Электроные ресурсы] URL: https://undocs.org/ru/A/RES/2037%28XX%29 (Дата обращения: 25.05.2021]

байналмилалӣ ба худ сифати системавӣ гирифт ва дар арсаи ҷаҳонӣ дар ҳудуди Соли байналхалқии ҷавонон дар ҳуҷҷатҳои СММ таҷассум ёфт.

Моҳи ноябри соли 1981 Маҷмааи Олии СММ дар асоси гузориши Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид барномаи мушаххаси чораву тадбирҳоро ҷиҳати омодагӣ ба Соли байналхалқии ҷавонон тасдиқ намуд. Инчунин СММ соли 1985-ро "Соли байналхалқии ҷавонон" эълон карда, ба роҳбарони давлатҳо тавсия дод, ки сиёсати давлатиро дар бораи ҷавонон таҳлил, самтҳои афзалиятноки ин сиёсатро муайян намоянд, сохтори дахлдорро дар самти кор бо ҷавонон таъсис дода, имкониятҳои худташаккулёбии ҷавононро ташаккул диҳанд ва фишангҳои ҷалби ҷавононро ба раванди қабули қарорҳо бо мақсади пешниҳод ва татбиқи бозсозии соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ба роҳ монанд.

Бояд қайд намоем, ки масъалаҳои хусусияти байналхалқӣ дошта нисбати сиёсати ҷавонон дар «Принсипҳои роҳнамои нақшагирии ояндабинӣ ва татбиқи чораҳои дахлдори марбут ба ҷавонон», ки онро соли 1985 СММ қабул намудааст, баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар ҳуҷҷати мазкур чунин таъкид оварда шудааст: «Новобаста аз он, ки дар давлатҳои гуногун вазъияти ҷавонон ва тадбирҳо нисбати онҳо мухталиф шакл доранд ва татбиқ карда мешаванд, сиёсат ва барномаҳо нисбати ҷавонон бояд ба шароити созгори ҳар яке аз кишвари мавҷудбуда вобаста ба талаботи замони муосир мувофиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, давлатҳоро мебояд имконияти қабули услубҳои роҳнамо нисбати чораҳои миллиро мувофиқи сиёсати миллӣ, ниёзмандиҳо ва имтиёзу манфиатҳои ҳар як кишвар қабул намоянд»[1]. Дар заминаи гузоришҳои таҳлилии ҳамасолаи Дабири кулли СММ ва муҳокимаҳои сатҳи байналмилалӣ ба тамоми давлатҳои узви СММ тавсия гардид, ки масъалаи ҷавонон ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи

[1]Implementation of the guidelines for further planning and suitable follow-up in the field of youth [Electronic resources] // URL: https://digitallibrary.un.org/record/146044/usage (Date of access: 05/25/2021)

ҷавононро дар сатҳи давлатӣ баррасӣ ва муҳокима намуда, дурнамои рушди ин сиёсатро муайян намоянд.

Дар заминаи таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ ба масълаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон бо дастгирӣ ва сарпарастии ЮНЕСКО соли 1985 Конгресси ҷаҳонӣ оид ба масъалаи ҷавонон ташкил гардид, ки ҳошияи Конгресси мазкур дар он мизи мудаввар дар мавзӯи мубрам «Ҷавонон. Маориф. Меҳнат» ташкил карда шуд. Инчунин соли 1990 “Соли байналхалқии саводнокии ҷавонон” эълон карда шуда, моҳи июни ҳамон сол дар шаҳри Толедо Симпозиуми байналхалқӣ баргузор гардид. Дар асоси он андешае қабул гардид, ки ҷавононро на танҳо бояд ба ҷомеа ҷалб кард, балки онҳоро бояд ба дунёи калонсолон ворид кард, зеро ҷавонон ба вазъияте дучор мегарданд, ки шаклҳои гуногуни ҳаётро дошта, ниёзмандиҳои ононро хеле ба таври тахминӣ ба назар мегирад, гарчанде усулан барои онҳо ҷое муайян кардаанд. Мушкилии асосӣ дар он аст, ки ҷавонон, бинобар хусусиятҳои синнусолии хеш, наметавонанд ба таври пурра ниёзмандиҳои аввалиндараҷаи худро дарк кунанд.

Ҳар ҷомеае, ки кӯшиши пойдорӣ дорад ва манфиатдори мавҷудияти устувор дар оянда мебошад, масъул аст, ки ниёзмандиҳои аввалиндараҷаи худро муайян намояд ва баъдан барои ҳалли масъала мусоидат намуда, барои ноил гардидан ба онҳо ба ҳувияти иқтисодиву фардиашон кӯмак намояд.

Дар Конгресси VIII-уми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муомила бо ҷинояткорон, ки моҳи сентябри соли 1990 баргузор гардид, ба таври махсус мавзӯи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонону наврасон баррасӣ карда шуданд. Бо назардошти актуалӣ гардидани мавзӯи мазкур Маҷмааи кулли СММ резолютсияи 45/112 аз 14 -уми декабри соли 1990 таҳти унвони «Принсипҳои роҳнамои СММ ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ байни наврасон»-ро қабул намуд (Принсипҳои ар-Риёд). Дар ҳуҷҷати мазкур зарурату аҳаммияти омӯзиши доимии вазъияти хавфнок

ва падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ дар муҳити наврасон ва коркарди чораҳои пешгирикунанда ва ҳифзкунандаи онҳо дарҷ карда шудаанд.

Мавқеи муҳим ва калидӣ дар ин самт ҷиҳати пешгирии насли наврасу ҷавон аз таҳдиду хатарҳои мавҷуда тибқи ин ҳуҷҷат “оила”- ҳамчун ячейкаи хурдтарину асосии ҷомеа нишон дода шуда, он барои омодагии ибтидоии кӯдакон ҳамчун таҳкурсии муҳим арзёбӣ карда шудааст. Дар навбати худ муассисаҳои давлатӣ бояд ба нақшаву барномаҳои ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба онҳо ҳаҷми муайяни маблағгузориро ҷудо намоянд.

Моҳи октябри соли 1990 дар 45-умин иҷлосияи Маҷмааи кулли СММ баъди муҳокимаи Дабири кулл ҳуҷҷати махсуси «Сиёсат ва барномаҳое, ки марбут ба ҷавононанд: иштирок, рушд, сулҳ» қабул гардид, ки дар он таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба татбиқи сиёсати ҷавонон ҷамъбасту хулоса карда шуда, самтҳои муштараки фаъолияти давлатҳо оид ба рушди ҷавонон муайян карда шуд. Моҳи феврали соли 1993 дар Шӯрои СММ ҳуҷҷате қабул гардид, ки назоратро оид ба иҷрои нақшаҳои байналхалқӣ ва барномаҳои амал ҷиҳати сиёсати ҷавононро дар назар дошта буд. Қарорҳои СММ сифати тавсиявӣ дошта бошад ҳам, давлатҳои узви СММ барои татбиқи онҳо дар байни ҷавонон мувazzaф карда мешаванд. Мақсади асосии резолютсияҳои СММ ин татбиқи ҳамоҳангсозӣ ҷиҳати бартараф намудани бархурду тазодҳо дар масъалаҳои алоқаманд ба ҷавонон, ба роҳ мондани ҳамкориҳои доимӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатии ҷавонон ва иттиҳодияву муассисаҳое, ки бевосита дар татбиқ ва амалигардонии самтҳои афзалиятнок ва масъалаҳои марбут ба ҷавонон дар кишварҳои узви СММ вазифадор гардида, фаъолият дар ин самт доранд, мебошад.

Омӯзиши масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон нишон дод, ки на танҳо Маҷмааи кулли СММ ба ин масъала таваҷҷуҳ дошта, масъалаҳои алоқаманд ба ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон инчунин дар кумитаҳои СММ, шӯроҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ,

Раёсати Хазинаи нуфузи кӯдакони СММ – ЮНИСЕФ, Конференсияи олии СММ оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанги ЮНЕСКО, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ – СУТ, Федератсияи байналхалқии демократии ҷавонон ва 507 ташкилоти байналхалқии дигар низ баррасӣ гардидаанд. Дар ин раванд бинобар актуализатсияи масъалаи ҷавонон дар сатҳи ҷаҳонӣ дар ҳуҷҷатҳои СММ Консепсияи байналхалқии сиёсати ҷавонони кишварҳо, ки ба ташкилоти мазкур алоқамананд муқаррар карда шуда, ,самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои марбут ба ҷавонон мушаххас ва муайян гардиданд.

Новобаста аз мавҷудияти гуногунрангии минтақавӣ масъалаҳои зиёде низ метавонанд хусусияти умумӣ дошта бошанд, ки шаклҳои зоҳиршавии онҳо барои минтақа, миллат ё маҳал махсус бошанд.

Масъалаҳои марбут ба ҷавонон инъикоси масоили фарохтари иҷтимоӣ мебошанд. Бо ин назардошт, СММ таъкид мекунад, ки дар шароити замони муосир масъалаҳои бениҳоят мубрам, аз ҷумла масъалаи сулҳ, маориф, омодагии касбӣ, меҳнат, тандурустӣ, манзил, фарҳанг ва саломатӣ  дар ҳаёти ҷавонон муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ба ҳаёти иҷтимоӣ ҷалб намудани ҷавонон ин на фақат интиқоли одии арзиш ва консепсияҳои ташаккулёфта мебошад, балки ҷавонон ҳамчун нерӯи созанда падидаҳои муосиру таъсирбахш ва манфиатборро дар ҳаёт ҷустуҷӯ мекунанд ва дар аксар ҳолат аз арзишҳои маъмул даст мекашанд.

Марҳилаи босуръати ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти ҷавонон таъсири бевосита ва бавосита дорад, ки ин вазъият равандҳои таснифи иҷтимоиро дар ин қишр шиддат мебахшад. Падидаҳои ҷаҳонишавӣ боис мегардад, ки мақоми ҷавонон пурра шакли дигарро гирад ва бо назардошти талаботҳои бавуҷудомада сиёсати татбиқшаванда нисбати ҷавонон низ  дар кишварҳо тағйир ёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин пешниҳод менамоянд, ки «Мо бояд сиёсати давлатии ҷавононро дар қатори масъалаҳои стратегии давлатӣ ва амнияти миллии кишвар дар сатҳ ҳисобида, авзои иҷтимоӣ ва иқтисодии насли наврас, аз қабили ҷараёни демографӣ ва муҳофизати ҷавонон, сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, танзими оила, афзудани иллатҳои нашъамандӣ, зӯроварӣ дар байни ҷавонон ва ғайраро мавриди таҳлилу омӯзиши ҷиддӣ ба таври доимӣ қарор диҳем»[1] .

Чунин шакли таъриф вобаста ба сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун уҳдадории давлат оид ба таъмин кардани шароити мусоид ба ҷавонон ифода карда мешавад. Инчунин, масъулияти ҷавононро барои тарафдориашон аз сиёсати давлату Ҳукумат муайян менамояд.

Таҷрибаи ташкилотҳои ғарбӣ, ки дар тамоми ҷаҳон фаъолият менамоянд, исбот менамояд, ки  сиёсати миллии ҷавонон бояд муҳит ва имкониятеро барои ҷавонон муҳайё созад, ки  онҳо ҳаматарафа  рушд ёбанд, ҳангоми расидан ба балоғат, онҳо фарди зарурӣ барои ҷомеа ва соҳиби некуаҳволӣ гарданд. Чунин тадбир ва имконият бояд нақши фарогири ҳамоҳангсоз дошта бошад ва ба ҳамаи сиёсатҳо, ки бавосита ё бевосита ба ҷавонон ва рушди онҳо таъсир мерасонад, роҳнамоӣ ва самт диҳад. Дар заминаи чунин пешниҳоди таҷрибавӣ ташкилотҳои байналмилалии ҷавонон тавсия медиҳанд, ки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон бояд сиёсати тамоми давлат бошад, он бояд ба тамоми қишрҳои гуногуни ҷавонон равона гардида, ҳамоҳангӣ ва робитаи мунтазами байнисоҳавӣ, байнивазоратӣ ва бисёрмуассисавӣ таъмин намояд.

Масъалаҳои алоқаманд ба ҷавонон хусусияти универсалӣ дорад, ки дар робита ба ин ташкилоти америкавии USAID сиёсати ҷавононро

[1] Раҳмон Э. Ҷавонон – созандагони фардои ҷомеа. [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Деваштич, 2008. - С.125

ҳамчун сиёсати васеъ, ки тамоми соҳаи ҳаёти ҷавонон, аз ҷумла солимии репродуктивиро фаро мегирад, шарҳ медиҳад[1].

Дар робита ба таърифи мазкур ва дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" аз 17 декабри соли 2021, № 203, ки сиёсати ҷавононро аз рӯи самтҳои афзалиятнок муайян намудааст, сиёсати давлатии ҷавононро бисёрҷанба ва фарогири пурраи ҳаёти ҷавонон мешуморем.

Тибқи талаботҳои меъёрии ҳуқуқии қонуни мазкур чунин самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон муайян карда шудаанд:

1) дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ тарбия намудани ҷавонон;

2) ташаккули мафкураи миллӣ бо роҳи тарбия намудани ҷавонон дар самти шинохти бештари манфиатҳои миллӣ ва ҳисси оштинопазир ба терроризму экстремизм, коррупсия, нашъаҷаллобӣ ва намудҳои дигари ҷинояткорӣ;

3) ташаккули ахлоқи ҳамидаи ҷавонон, фаъол намудани онҳо дар самти анҷом додани корҳои ихтиёрии ҷамъиятӣ (фаъолияти волонтёрӣ) ва баланд бардоштани ҳисси эҳтироми ҷавонон ба фарҳанги миллӣ;

4) таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла, бо роҳи дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо;

5) таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон;

6) таъмини ҳифзи саломатӣ, тарзи ҳаёти солим ва рушди ҷисмонии ҷавонон;

7) фароҳам овардани шароит ҷиҳати гирифтани таҳсилоти сифатнок барои ҷавонон ва таъмини рушди ихтироъкорию эҷодкории онҳо;

8) таъминоти иҷтимоии ҷавонон, таъмини онҳо ба шуғли пурмаҳсул ва ҷойи кори муносиб;

---

[1] Инициативная молодежь [Электронный ресурс] // URL: https://www.usaid.gov/ru/kyrgyz-republic/fact-sheets/enhancing-employability-and-civic-engagement-youth (дата обращения: 25.03.2020 г.)

9) таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон, рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон, ҷалби онҳо ба хоҷагидорӣ ва ҳунармандӣ;

10) омодасозӣ ва дастгирии мутахассисони ҷавон ҷиҳати пешниҳод намудани мутахассисони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда.

Омӯзиши масъалаҳои ҷавонон, муайян намудани мушкилотҳои доштаи онҳо ва такмили сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва ҳадафҳои татбиқи он дар шакли омӯзиш Барномаи рушди ҷавонони Непалро, ки мазмуни дигаргунаи мафҳуми «сиёсати ҷавонон»-ро шарҳ додааст, метавонем таҳқиқ намоем. Дар муқаррароти барномаи мазкур чунин мафҳум оварда шудааст: "сиёсати ҷавонон – сиёсате мебошад, ки бо мақсади ташаккул додани тарафдории ҷавонон ва мавқеи онҳо нисбати миллат, халқ ва ҷомеа, пурра қаноатманд намудани ниёзмандиҳои асосии ҷавонон, инчунин пеш бурдани арзишҳои асосӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии сарқонун, озодиҳои фардӣ, озодии инсон, баробарӣ, адолат, арзишҳои демократӣ дар байни онҳо, ҳифзи мероси этникӣ, забонӣ ва экологӣ" мебошад.[1]

Шарҳи мазмуну муҳтавои мафҳуми «сиёсати ҷавонон» ро метавонем дар Барномаи рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Малта омӯзем, ки барои марҳалаи солҳои 2015-2020 қабул шудааст. Тибқи ин барнома, сиёсати давлатии ҷавонон қисми таркибии сиёсати давлат ва Ҳукумати кишвар мебошад, ки таъмини иштироки озоди ҷавононро дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат бо нигоҳ доштани мизони адолат ва риояи низоми демократии кишвар кафолат медиҳад.

Тибқи ин мафҳум ҳам Ҳукумат ва ҳам мақомоти давлатӣ дар амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон иштирок намуда, меъёр ва ҳудудҳои муайянро риоя менамоянд. Ҳадаф ва мақсадҳои муайянгардида бояд возеҳу равшан ва татбиқшаванда бошанд. Бо назардошти ин муҳимият сиёсат бояд иттифоқи ҳамаи онҳоеро, ки

[1] National Youth Policy - Towards 2020. A Shared Vision for the Future of Young People.: The Parliamentary Secretariat for Research, Innovation, Youth and Sport. – 2015. – P.31.

нисбати онҳо равона шудааст, таъмин намояд. Ин шакли сиёсат бояд донишу таҷрибаи ҷомеаро пурра дарбар гирад, инчунин тағйирот ва навгониҳоеро, ки дар сатҳи аврупо ва байналмилалӣ ба вуҷуд омадаанд, ба инобат гирад».[1]

Таҳлили ин се таърифи «сиёсати ҷавонон» нишон дод, ки масалан, дар барномаи Непал мақсади асосӣ ин ташаккул додани ҳувияти миллии ҷавонон буда, пурра ба масъалаи ташаккул ва татбиқи сиёсати ҷавонон нигаронида шудааст, дар сиёсати ҷавонони Малта, ки аз соли 1994 узви Иттиҳоди Аврупо мебошад, садоқати комил ба усулу меъёрҳои Аврупо, ки дар ҳуҷҷатҳои бунёдии он ифода ёфтаанд, ҳамчун хусусияти меъёрӣ дошта дарҷ карда шудааст..

Масъалаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, мафҳуми мушаххас ва самтҳои афзалиятноки ин сиёсат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар пешбинӣ гардида, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон, тарбияи шаҳрвандӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ, таъмини иштирок ва тадбирҳои воқеӣ ҷиҳати ҷалб намудани ҷавонон ба соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсии кишварро ҳамчун вазифаи асосӣ муайян намудааст.

Аз натиҷаи таҳлилҳои анҷомдода дар ҷаҳон вобаста ба муайян намудани мафҳуми сиёсати ҷавонон метавонем андешаи олим Кочетков А.В.-ро қайд намоем: “сиёсати ҷавонон низоми чораҳоеро дар назар дорад, ки барои ҳалли масоили насли ҷавон, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ равона гардидаанд”.[2] Ҳадафи  асосии он рушди гуногунсамти шахсият, худташаккулёбӣ, бедор намудани қобилияту истеъдод ва лаёқатмандии ҷавонон, малакаҳои эҷодӣ, ҷисмонӣ, навгонии онҳо ва ба ин васила мусоидат ба рушди сифати ҳаёти шаҳрвандони ҷавон мебошад.

---

[1] National Youth Policy - Towards 2020. A Shared Vision for the Future of Young People. : The Parliamentary Secretariat for Research, Innovation, Youth and Sport. – 2015. – P.7.

[2] Кочетков А.В. Анализ законов субъектов Республики Таджикистан в сфере государственной молодежной политики [Текст] / А. В. Кочетков // Закон и право. –2009. –№3. –С.123.

Метавонем хулоса намоем, ки асосҳои универсалии таърифи сиёсати ҷавонон чунин омилҳоро ба монандӣ инкишофи шахсият, татбиқи имкониятҳои шахсӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва рушди саломатии ҷисмонии ҷавонон, баланд бурдани сатҳу сифати ҳаёти ҷавонон ва таъмини шароити зиндагии арзандаи иҷтимоиро дарбар мегирад. Ин феҳристи фарогири самту меъёрҳое, ки дар ҷаҳони муосир сиёсати ҷавононро бояд дар бар гирад, набуда балки тадбирҳои асосиро барои ҳаёти ҷавонон муайян менамояд.

Ҳуҷҷатҳои СММ, ки алоқаманд ба ҷанбаҳои ҳуқуқии амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон мебошанд, чанд самти мушахассро пешбинӣ ва тасдиқ намудааст. Аз ҷумла, « иштироки васеи ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо, ки имконияти ба ҳаёти онҳо таъсир расониданро дорад, дастрас кардани хизматрасониҳои асосӣ ва имкониятҳои зарурӣ барои таъмини инкишофу пешрафти ҷавонон; фароҳам овардани шароити мусоид ва бехатар барои ҳаёт; таъмини рушди пурраи имконият ва истеъдодҳои ҷавонон мебошад».[1]

Дар кишварҳои дигари аврупоӣ давлат ба худ қисми зиёди вазифаҳоро оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати ҷавононро гирифта, онро бо ҷалби захираҳои хусусӣ амалӣ менамоянд. Аммо давлатҳое низ мавҷуданд, масалан Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки сиёсати соф давлатии ҷавононро мепазиранд. Сиёсати ҷавонони ин кишвар пурра таҳти масъулияти ҳизби ҳоким мебошад ва он бештар ба амалӣ намудани тадбирҳо вобаста ба тафаккур ва ташаккули шуурнокии сиёсӣ, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, мувофиқ бо идеологияи ҳизбӣ мебошад, таваҷҷуҳ карда мешавад.[2]

Дар Барномаи ҷаҳонии амал барои ҷавонон, ки соли 1995 қабул шуда, давраи амал ва татбиқи он то соли 2020 ва минбаъд пешбинӣ

---

[1] Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН 50/81 / «Всемирная программа действий, касающаяся молодежи до 2000 года и далее» [Электронный ресурс] URL: http://vmo.rgub.ru/files/act_programm_2000-146-2.pdf (дата обращения: 25.10.2019 г.)

[2] Молодежная политика Китая [Электронный ресурс] URL: http://www.molodparl.ru/vmire/molodezhnaya-politika-kitaya/ (дата обращения: 14.09.2019 г.)

шудааст, даҳ самти имтиёзнокро муайян намудааст: 1) маориф; 2) шуғл; 3) гуруснагӣ ва қашшоқӣ; 4) масъалаи ҳифзи солимӣ; 5) ҳифзи муҳити атроф; 6) истифодаи маводи мухаддир; 7) даст ба ҷинояткорӣ задани ноболиғон; 8) ташкили истироҳату фароғат; 9) вазъи духтарон ва ҷавонзанон; 10) таъмни иштироки фарогири ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва қабули қарорҳои дахлдор. Бо назардошти ин самтҳо инчунин самтҳои имтиёзноки дигар низ аз ҷониби СММ барои давлатҳо тавсия карда шудаанд, аз ҷумла,

- рушд ва ташаккули имкониятҳои маънавӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ, тахассусӣ ва ҷисмонии ҷавонон, бо мақсади ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ, малакаҳои сарварӣ ва муҳофизони мероси фарҳангӣ;

- фароҳам овардани имконияти зарурӣ ва шароити мусоид барои ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон ва тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ дар онҳо, тарбияи қобилияти ифодаи манфиатҳо;

- таҳия ва амалигардонии барномаҳои табодулӣ барои рушди ҷавонон, таъмини иштироки ҷавонон чорабиниҳои фарҳангӣ;

- муҳофизати ҷавонон аз шиканҷа ва таҳдидҳои ҷисмонӣ ба саломатӣ, ки дар шароити вазнини иҷтимоӣ дар зери фишори хонаводагӣ, оилаи носолим ва табъизи нажодӣ зиндагӣ мекунанд.

Дар робита бо ин масъалаҳо мавқеи СММ ба таври зайл хеле умумӣ ифода гардидааст:

- татбиқи чорабиниҳои марбут ба ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои бевоситаи ҷавонон ва таъмини иштироки онҳо;

- гузариш аз барномаҳои марказонидашуда ба барномаҳои минтақавӣ, қабули барномаҳои кутоҳмуддат ва таъмини иҷрои босифати онҳо ва бо ин сабаб даст кашидан аз барномаҳои дарозмуддат;

- аз байн бурдани бархӯрдҳои мавҷуда ва таъмини кафолатҳои ягонаи иҷтимоӣ барои ҷавонони ҳамаи категорияҳои иҷтимоӣ;

- мусоидат барои фаъолияти иттиҳодияҳои ғайридавлатии ҷавонон ва дастгирии ташаббусҳои онҳо дар самти ҷавонон[1].

Давлатҳо дар сатҳи миллӣ манфиатҳои худро дар татбиқу ташаккули сиёсати ҷавонон пеш мебаранд. Масалан, дар Германия самтҳои имтиёзноки барномаи ҷавонон чунин матраҳ шудаанд: таваҷҷуҳ ва ғамхории доимӣ ба кӯдакон ва наврасон, таъмини имконияти иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо, ташаккули малакаҳои истифода аз ВАО ва дастрасӣ ба иттилоот, ҳамгироии ҷавонони аз ҷиҳати иҷтимоӣ нокомил ва осебпазир, инкишоф додани усулҳои демократия ва таҳаммулпазирӣ дар шуури ҷавонон, тарбияи фарҳангӣ ва ахлоқии ҷавонон ва ба ин монанд.

Феълан бояд фарқиятро байни сиёсати давлатии ҷавонон ва сиёсати иҷтимоии ҷавонон муайян намоем. Таҳлили мафҳумҳои болозикр нишон медиҳанд, ки мафҳуми аввалӣ васеъ буда, мафҳуми дуюмиро пурра фаро мегирад. Одатан дар таҳқиқотҳои назариявӣ се субъекти асосии сиёсати иҷтимоии ҷавононро муайян мекунанд, ки дар як маврид, анвоъ ва шаклҳои сиёсати иҷтимоии ҷавононро мушаххас менамояд. Дар мисоли ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилот ва ҳаракатҳо, ташкилоти бузурги хоҷагидор – корпоратсияҳо, ки метавонанд ба сифати субъектҳои асосии сиёсати иҷтимоии ҷавонон баромад намоянд.

Дар айни замон чандин сатҳи сиёсати ҷавонон мавҷуд аст: сиёсати давлатии ҷавонон, сиёсати ҷавонон дар ҳизбҳои сиёсӣ, сиёсати ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсати ассосиатсияҳои ҷавонон, сиёсати конфессионалии ҷавонон ва ҳоказо.

Ба ҳайси субъекти сиёсати ҷавонон дар замони муосир метавон чанде аз онҳоро номбар кард: ҷавонон; оилаҳои ҷавон; иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ; шахсони воқеӣ ва

---

[1] United Nations, General Assembly resolution, A/RES/50/81, Fiftieth session, 1996. World Program of Action for Youth to the Year 2000 and Beyond. United Nations, General Assembly, Economic and Social Council, A/62/61/Add.1-E/2007/7/Add.1, Substantive Session of 2007, Goals and targets for monitoring the progress of youth in the global economy. United Nations, General Assembly, Economic and Social Council, A/64/61-E/2009/3, Substantive Session of 2009, Implementation of the World Program of Action for Youth: progress and constraints with respect to the well-being of youth and their role in civil society.

ҳуқуқӣ; мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар доираи ваколатҳои худ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок менамоянд.

Ҳамин тавр, метавонем хулоса намоем, ки дар ҷаҳони муосир сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва самтҳои он хеле гуногун буда, ҳаматарафа фарогири масъалаҳои алоқаманди насли наврасу ҷавон дар ҷомеа мебошад. Самтҳои сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар кишварҳои гуногун вобаста ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ шакл гирифта, бо муҳимияти талаботи ҳар як давлат муайян ва ҳамчун масъалаи муҳим ва афзалиятнок амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи давлатҳо собит менамоянд, ки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон  ба таври васеъ шарҳ дода шуда, дар доираи сиёсати иҷтимоии кишвар масъалагузорӣ карда мешавад. Вобаста ба ин мувофиқтар мешуморем, агар дар бораи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, мувофиқи равандҳои муосири ҷаҳон, ҳамчун дар бораи самти мустақили сиёсати давлат эътибор ва шакл дода шавад. Ҳол он, ки маҳдуд кардани мафҳуми мазкур то ба сатҳи як самти алоҳида барои якҷониба ва ғайрифарогир баррасӣ кардани масоили марбут ба ҷавононро ба бор меоварад.[1]

Бояд қайд намоем, ки дар сатҳи миллӣ сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон аз ҷониби давлатҳои муосир дар заминаи қабул ва ратификатсияи як зумра санадҳои бунёдии меъёрии ҳуқуқии байналхалқӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Эъломияи байналхалқии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, санадҳои СММ, Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, Маҷмааи кулли Ташкилоти байналхалқии меҳнат, Хартияи иҷтимоии Аврупо, Хартияи Аврупоии иштироки ҷавонон дар кори

---

[1]. Ниг.: Кочетков А.В. Доктрины, стратегии и концепции в сфере государственной молодежной политики [Текст] / А. В. Кочетков. [Электронный ресурс] URL: http://www.mgimo.ru/files2/2015_04/up32/file_bc3d68f876e8efa82768c11c4c2d0b3b.pdf (дата обращения: 24.09.2019 г.)

муассисаҳои минтақавӣ, тавсияҳо оид ба танзими санадҳои миллии қонунгузор дар соҳаи сиёсати ҷавонон дар бозори умумии меҳнати Ҷомеаи иқтисодии Аврупо, Ассамаблеяи байнипарламентии ҷомеаи иқтисодии Аврупо ва ба ин монанд санадҳои муҳими заминавӣ ташаккул дода мешавад. Бидуни ба назар гирифтани ин санаду ҳуҷҷатҳои меъёрии байналхалқӣ ташаккули сиёсати ҷавонон дар даврони муосир кам даст медиҳад ва нобарор хоҳад буд.[1]

Айни замон ҷавонони муосир бидуни шак «бештар аз ҳама гурӯҳи мақсаднок» боқӣ мемонанд. Зеро дар тамоми ҷаҳон фаҳмиши он, ки аз ҷавонони имрӯза ояндаи ҷаҳон вобаста аст, васеъ паҳн шуда, фарогир шуда истодааст. Аз ин рӯ, ҷалби ҷавонон ба ҳалли масъалаҳои бевосита бо ҳастии он вобаста ҳарчӣ бештар ба майдони асосии сиёсати ҷавонон мубаддал мегардад, ки ин барои ташаккули андешаи «ҷавононро на ҳамчун захираи рушди минбаъда бояд шуморид, балки онҳо қисми муҳимми таркибии ҷомеаи муосир буда, метавонанд ҳамин рӯз саҳми арзандишманде дар рушди он гузоранд » замина мегузорад.

Дар ин маврид Я.Н. Алиева хеле дуруст таъкид менамояд, ки "ҷавононро ба шакли анъанавӣ қабул кардан кифоя нест, онҳо бояд ба сифати ояндаи ҷомеа мавриди таҳлил қарор гиранд.Ҷавононро мебояд, ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи муосир шуморид, ки онҳо ба дигар гуруҳҳои иҷтимоӣ мансуб набуда, масъулияти дучанд дар ҳифзу рушди кишвари худ доранд, идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсоли ҷомеа ва муҳофизони таърих ва фарҳанг мебошанд ».[2] Маҳз ҳамин бархӯрди ғоявӣ имконияти таъмини ворисияти наслҳо ва ҳифзи ҳувияти миллии халқу давлатҳо, истодагарии ҳувиятҳои милливу фарҳангиро фароҳам меоварад.

---

[1] Ниг.: Боришполец К.П. Публичная дипломатия на пространстве ЕАЭС: осмысление феномена и тенденций развития [Текст] / К. П. Боришполец // Вестник МГИМО-Университета. – 2015. – № 4 (44). –С.46.

[2] Алиева Я.Н. Государственная молодежная политика как важнейшее направление деятельности государства (на примере Азербайджанской Республики) [Текст] / Я. Н. Алиева // Актуальные проблемы социологии молодежи, культуры, образования и управления. – Екатеринбург, 2014. – Т.4. –С.11.

Вобаста ба ташаккули ҳувияти ҷавонон дар қаринаи сиёсати давлатии ҷавонон муҳаққиқи тоҷик Ҳайдаров Р.Ҷ. чунин андешаро баён доштаанд: “Ҳувияти миллӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фазоӣ барои муттаҳид намудани ҷомеа замина гузошта, бо падидаи давлатдорӣ иртиботи қавӣ дорад. Ҳувияти миллӣ як меъёри фарҳангӣ мебошад, ки аксуламали эҳсосотии ҳар фарди ҷомеаро нисбат ба миллат ва низоми миллии сиёсии худ инъикос намуда, ба таври фаррох хусусиятҳои муайяни ҷомеаи сиёсӣ, таърих, шаҳрвандӣ, қаламрав, арзишҳо, забон ва анъанаҳои муштаракро дар бар мегирад.

Миллат бояд як андоза фарҳанги муштарак ва мафкураи шаҳрвандӣ, маҷмӯи мафҳумҳо ва орзуҳои муштарак, ҳиссиёт ва ғояҳоро дошта бошанд, ки аҳолиро дар ватани худ ба ҳам мепайванданд. Ҳувияти ҳар як ҷомеаи миллиро пеш аз ҳама ҳамчун худшиносии коллективӣ, муайян кардани симо ва мундариҷаи худшиносии он муаррифӣ кардан мумкин аст. Он дар асоси парадигмаи дахлдори миллӣ, дар чорроҳаи соҳаҳои миллӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ-фарҳангӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Мазмунан ҳувияти миллӣ ҷанбаҳои муқарраршудаи фарҳанги миллӣ, вижагиҳои қавмӣ, урфу одатҳо, эътиқодҳо, афсонаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, ҷаҳонбинӣ, менталитети миллӣ, хислати миллӣ, хотираи таърихӣ, анъанаҳои миллӣ, рамзҳо ва қолабҳои рафторро дар бар мегирад”[1].

Ҷомеашиносони дигари ғарбӣ Р.Ҷ.Браунгарт ва М.М.Браунгарт дар таҳлилҳои худ масъалаи баланд бардоштани нақш ва мақоми сиёсии ҷавононро дар сатҳи байналхалқӣ дар шароити замони муосир ба пайомадҳои тағйироти демографӣ, ки дар асри XX ба вуҷуд омаданд ва сабаби зиёд шудани аҳолии ҷавони то 30 сола дар кишварҳо шуданд, рабт медиҳанд.

[1] Ҳайдаров Р.Ҷ. Таҳкими ҳувияти миллӣ ҳамчун абзори сиёсии муқовимат бар зидди экстремизми динӣ-сиёсӣ (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] / Р. Ҷ. Ҳайдаров // Ахбори ИФСҲ АМИТ.- №3.- 2021. -С. 91-92.

Аслан дар амалияи давлатдорӣ дар ҷаҳон се тарҳи сиёсати ҷавонон маълум аст: тарҳи давлатии сиёсат оид ба ҷавонон; тарҳи ҷамъиятӣ - давлатии сиёсати ҷавонон; тарҳи ғайридавлатии сиёсати ҷавонон.

Дар ин ҷо ба масъалаи тарҳи ғайридавлатии сиёсати ҷавонон низ бояд равшанӣ андохт, ки имрӯз хеле муҳим гардида, дар аксари манотиқи ҷаҳон мавқеи бориз пайдо карда истодааст.

Омӯзиши сиёсати ғайридавлатии ҷавонон муайян намуд,ки сиёсати ғайридавлатии ҷавонон ин сиёсате мебошад, ки аз ҷониби ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои озоди ҷамъиятӣ татбиқ карда мешавад, ва ин сиёсат на ҳама вақт манфиати давлатро ифода менамояд. Дар муҳити байналхалқӣ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хело зиёд дода мешавад, масалан дар ҳудуди Иттиҳоди Аврупо бо назардошти таносуби ду сатҳи мазкур таърифи консептуалӣ пайдо гардидааст. Дар он гуфта мешавад, ки дар ҳудуди Иттиҳоди Аврупо таносуби сиёсати давлатӣ ва ғайридавлатии ҷавонон бо риояи тавозун татбиқ карда мешавад.

Ҳамчун мисол метавонем, амалигардонии сиёсати ғайридавлатии ҷавононро аз ҷониби Шӯрои машваратии ғайридавлатии “Advisory Council” дар радифи амалисозии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон аз ҷониби Кумитаи аврупоии роҳнамо оид ба корҳои ҷавонон биёрем. Шӯрои мазкур низ дар баробари Кумитаи болозикр дар масъалаи алоқаманд ба сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҳуқуқи ибрози ақидаро дорад. Инчунин Шӯрои мазкур аъзогии зиёда аз 30 намояндаи ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон ва шабакаҳо таъси ёфта, манфиати бахши ғайридавлатии ҷавононро ҳамчун кафили он, ки ҷавонон дар тамоми чорабиниҳои Шӯро иштирок менамоянд, ҳимоя менамояд.[1]

---

[1] Ниг.: Алиева Я.Н. Государственная молодежная политика как важнейшее направление деятельности государства (на примере Азербайджанской Республики) [Текст] / Я. Н. Алиева // Актуальные проблемы социологии молодежи, культуры, образования и управления. – Екатеринбург, 2014. – Т.4. – С.11; Кузьмина О. Государственная молодежная политика: международный опыт составитель обзора [Текст] / О. Кузьмина. [Электронный ресурс]. URL: http://vmo.rgub.ru/files/1_gmp_mejdunarod_opit-781-2.pdf (дата обращения: 12.04.2019 г.)

Соли 1972 зарурати ташкил кардани ҳамшарикии Фонди аврупоии ҷавонон ва Ташкилоти ғайридавлатии байналхалқии ҷавонон низ дар ҳамин буд. Инчунин, дар Олмон беш аз нисфи тамоми муассиса ва чорабиниҳо оид ба расонидани кӯмак ба ҷавонон аз тарафи Иттиҳодияҳои ғайридавлатӣ, ки ҳомилони озод ном доранд, татбиқ мегардад. Ин ташкилот дар ҳудуди ҳамкории шарикӣ бо давлат дар сатҳи маҳаллӣ ва федералӣ амал карда бошад ҳам, ҳоло дар Германияву Франсия афзудани таъсири мақомоти давлатӣ дар ин соҳа мушоҳида мегардад. Дар ин маврид давлат бо инобати мавҷудияти таҳдиду хатарҳо ва дар шароити ҷаҳонишавӣ афзоиш ёфтани падидаҳои буҳронӣ (ки бевосита дар ҷавонон таъсир мекунад) кӯшиш менамояд, ки бо воситаи амалӣ намудани тадбирҳо насли наврас ва ҷавонро таҳти таъсиру назорати худ гирифта, аз гаравиш ба қувваҳои мухолифин ва иртиҷоӣ (ки одатан хуб назорат карда намешаванд) пешгирӣ менамояд.

Вобаста ба таҳлилҳои болозикр қайд менамоем, ки дар миёнаи солҳои 2000-ум ду шакли асосии татбиқи сиёсат дар самти ҷавонон, ки таносуби таркибҳои давлатӣ/ғайридавлатӣ дар сиёсати ҷавонони Иттиҳоди Аврупо мегардад, ба вуҷуд меояд. Шакли якуми он, дар такя ба нақши боризи давлат дар соҳаи сиёсати давлатӣ (Франсия ва Германия), шакли дуюм, дар заминаи ба роҳ мондани ҳамшарикии давлат ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон (Британияи Кабир, Шветсия, Испания) . мебошад.[1]

Коршиноси аврупоӣ Л.Сиурала таъкид менамояд, ки иштироки ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар сиёсати ҷавонон таъсири амалӣ дошта метавонад ва нақши он барои ҷавонон «ҳаққи сухани» мустақилу танқидӣ ато намояд.[2] Солҳои охир дар кори Котиботи эъломияи ҳудудӣ оид ба тағйирёбии иқлими СММ ташкилотҳои ғайридавлатии ҷавонон,

---

[1] Ниг.: Молодежная политика: европейский опыт. Доклад Института Европы РАН №163. – М.: ИЕРАН «ОгниТД», 2005.

[2] Ниг.: Siurala L. A. European framework for youth policy: What is necessary and what has already been done? [Text] / L. A. Siurala // DiskursKindheits- und Jugendforschung Heft. – 2007. – №4. – P.383.

ки одатан ҳадафҳои сиёсӣ надоранд, ширкат варзида истодаанд, ки ташкили ин гуна иттиҳодияҳо тарзи босамари ҷалби ҷавонон ба ҳалли масоили глобалии замони навинро муайян менамояд .

Шароити имрӯза аз аҳли ҷомеа ва давлат тақозо менамояд, ки нерӯи ҷавононро истифода баранд, онро ба самти созанда равона созанд. Амалисозии чунин орзуҳо аз сиёсати мутавозин ва асоснок, тавассути эҷоди механизмҳои кори дастгирии шаҳрвандони ҷавон ва ташаббусҳои иҷтимоии онҳо, кумаки мустақим ба ҷавонон дар татбиқи лоиҳаҳо бо иштироки онҳо, ноил шудан ба манфиатҳои онҳо имконпазир аст.

Принсипҳои демократии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон фароҳам овардани шароит барои инкишофи шахсият, пурра ошкор намудани нерӯи шахси ҷавон ва таъмини ҳуқуқи баёни андешаро тақозо менамояд. Ин ягона роҳи баланд бардоштани нақши ҷавонон, таъмини иштироки самараноки худи шаҳрвандони ҷавон дар татбиқи сиёсати самараноки давлатии ҷавонон мебошад. Бинобар ин, сиёсати ҷавонон саъю кӯшиши муштараки ҳам давлат, ҳам ҷавонон ва иттиҳодияҳои онҳост, ки ҳамдигарро мукаммал намуда, имкон медиҳад, ки он ба манфиати тамоми ҷомеа инкишоф ёбад.

Ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба назар гирифтани чунин ҷанбаҳо, аз қабили имкониятҳои баробар доштан, пурра татбиқ намудани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, эҳтиром, ҳифзи намудани шаъну шарафи инсон ва шаҳрванд; таъмини иштироки ҷавонон; баробарии пурраи гендерӣ, иттилоотонӣ вобаста ба муҳити зист ва вазъияти ҷомеаи ҷаҳонӣ, осон кардани дастрасӣ ба иттилоот ва машварат зарур аст. Сиёсати ҷавонон бояд ба арзишҳои умумибашарии демократияи гуногунандешӣ ва ҳуқуқи инсон асос ёфта, ба ҳадафҳо, аз қабили адолат, эҳтиром ба шахсият, дастрасӣ ба фарҳанги худ, имкониятҳои баробар, аз ҷумла барои мардону занон ва ваҳдати ҷомеаро ноил гардад.Ба марҳилаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, яъне иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг беандоза баланд

шудани нақши ҷавонон хос аст. Ҷавонон дар арсаи байналхалқӣ торафт бештар қувваи намоён ва бонуфузе мегарданд. Фаъолияти ҷамъиятии насли наврас ва ҷавон муҳимтарин қувваи пешбарандаи тараққиёти ҷамъият мебошад. Дар ҷаҳон диққат ба ҷавонон меафзояд. Имрӯз ҷавонон ҳамчун манбаи стратегии рушд ба ҳисоб мераванд. Муайян гардидани сиёсат нисбат ба ҷавонон ин маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба ҳарҷониба беҳтар намудани мавқеи писарону духтарон дар ҷамъият нигаронида шудаанд. Дар татбиқи он субъектҳои гуногуни сатҳи инкишофи инсонӣ иштирок ва ҳамкорӣ мекунанд. Амалия нишон медиҳад, ки ҳамаи унсурҳои татбиқи сиёсати ҷавонон муҳим ва зарур ба ҳисоб мераванд. Дар баробари нигоҳ доштани меъёрҳои умумие, ки ба сиёсати ҷавонон хос аст, ҳар як сатҳи мушаххаси татбиқи он хусусиятҳои худро дорад.

Ҳамин тавр, асосҳои назариявии масоили сиёсати ҷавононро таҳлил намуда, метавон хулоса кард, ки:

– сиёсати ҷавонон дар замони муосир падидаи гуногунсамт ва гуногунҷанба буда, сершумории бархӯрдҳо танҳо далели мушкилии масоили ҷавонон мебошад. Дар айни ҳол, сиёсати ҷавонон дар тамоми кишварҳои рушдкарда бахши таркибии сиёсати давлат буда, яке аз муҳимтарин самти он ва дар баъзе ҳолатҳо- масъалаи фаромиллӣ матраҳ мешавад;

– таҷрибаи муосир дар сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон нишон медиҳад, ки чунин таърифи он бештар бамаврид аст: “сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ин маҷмӯи тадбирҳо ва чорабиниҳои гуногунсамте мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияву ташкилотҳои ҷамъиятӣ татбиқ ва амалӣ гардида, ҷиҳати иҷтимоишавии ҷавонон, дастгирии онҳо, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ, тарбияи аҳлоқиву фарҳангӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, мустақилияти иқтисодӣ, таҳсилоти муносиб ва иштироки бевоситаи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ

мебошад. Ингуна таърифи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон инъкосгари мафҳуми асосии шаклҳои муосири сиёсати давлатро дар самти ҷавонон мушаххас муайян менамояд, ки он аз тарафи аъзоёни ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври васеъ татбиқ ва амалӣ карда мешавад.

- ормонҳои ҷавонон тавассути фаъолияти иттиҳодияҳои ҷавонон, бо татбиқи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои гуногуни худидоракунии ҷавонон ташкил ва татбиқ карда мешавад.. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ як ниҳоди ягонаи иҷтимоии ҷавонон мебошанд, ки дар он худи ҷавон қарор қабул мекунад, фаъолиятро ба нақша мегирад ва барои он масъулият дорад.

## 1.2. Навъҳо, шаклҳо ва воситаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон

Раванди сиёсии глобалӣ ва рушди минтақаҳои гуногуни олам, ки дар доираи қонуниятҳои инкишофи низоми сиёсии олам рушд меёбанд ба раванду ҳодисаҳо ва масъалаҳои гуногун таъсири муассир мерасонанд. Ин таъсиррасониҳо тамоми соҳаҳои кор бо ҷавононро фаро гирифта, масъалаҳо ва ҳолатҳои мухталифро мавриди омӯзиш ва таҳлилгароиҳо қарор медиҳанд.

Низоми сиёсии олам раванди душворест, ки инсонро ба доираи муносибатҳои сатҳи мухталиф мекашад. Суръати баланди инкишофи низоми сиёсии олам равандҳои дохилии кулли кишварҳоро зери назорат қарор медиҳад.

Низоми сиёсии олам ҷавононро мисли тамоми аҳолӣ маҷбур мекунад, ки бо ҳамсолони худ, ки баъзан дар кишварҳои дур зиндагӣ мекунанд, рақобат кунанд ва он дар амал аксаран оқибатҳои ғайричашмдошт ва номатлуб дорад. Бештар ва бештари ҷавонон эҳтиёҷ ба нишон додани афзалияти илмии худро дар синни барвақт эҳсос мекунанд. Ҷавononе, ки сари вақт ба касб кардани малакаҳои зарурӣ ва бартариятҳои рақобатӣ нисбат ба дигарон муяссар намешаванд,

новобаста аз мавқеи волидайн ва низоми дастгирии давлатӣ дар пайдо кардани ҷои сазовор дар бозори меҳнат ба мушкилот дучор мешаванд. Ин дар назди сиёсати ҷавонон талаботи наверо ки барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ дар назди намояндагони насли наврас ба миён мегузорад.

Бояд қайд намоем, ки ҷаҳонишавӣ ва масъалаҳои марбут ба он дар низоми муосири илм мавқеъ ва ҷойгоҳи махсусро пайдо намудааст.

Пайдоиши ва ташаккули ҷаҳонишавӣ ҳамчун соҳаи миёнфаннии илмӣ ба миёнаи асри XX рост меояд, ки бо ҷараёни ҳамгироии илмҳои гуногун ҷиҳати ҳалли масоили аҳамияти ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад. Мафҳуми ҷаҳонишавӣ дар илм аз солҳои 90–уми асри XX мавриди истифода қарор гирифтааст, ки барои ифодаи ҳодисаҳову равандҳои фарогири ҷаҳон, дорои аҳамияти сайёравӣ истифода карда мешавад. Бо назардошти фаҳмо будани маънои мафҳуми “ҷаҳонишавӣ” дар қисмати шарҳи ҷанбаҳои он байни олимону мутахассисон гуногунфикрӣ ва назарҳои мухталиф мавҷуд мебошад. Бархе аз олимон дар он фанни алоҳидаи илмромебинанд, қисмати дигар онро соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ мешуморанду гурӯҳи дигар онро соҳаи фарофаннии дониши илмӣ мепиндорад.[1] Дар навбати худ мафҳуми ҷаҳонишавӣ низ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Дар як маврид он ҳамчун сабаби масоили ҷаҳонӣ шарҳ дода шуда, дар мавриди дигар он ба сифати натиҷа фаҳмида мешавад. Новобаста аз мавридҳо дар як мавқеъ ҳамақидагии умумӣ ба назар мерасад, ки ин ҳамчун раванди объективӣ қабул шудани он ва мавриди баррасии глобалистика ҳамчун раванд ва натиҷаи таъсири ҷаҳонишавӣ будани он мебошад.

Пас аз анҷоми Ҷанги якум ва дуюми Ҷаҳон, ки таъсироти харобиовари фарогир дошт, дар арсаи байналхалқӣ як қатор ташкилотҳои муҳим бо райъи аксарияти кишварҳои ҷаҳон таъсис дода

---

[1] Ниг.: Чумаков А.Н. О предмете и границах глобалистики [Текст] / А. Н. Чумаков // Век глобализации. – 2008. – №1. –С.7.

шуданд, ки мақсади асосии онҳо-таъмини сулҳу осудагии башар ва масоили фарогири марбут ба он буд.

Таваҷҷуҳ ба шароит ва ҳаёти байналхалқии асри XX нишон медиҳад, ки дар он асосан ташкилоте таъсис дода шудаанд, ки самти фаъолияти онҳо дар омодасозии гузориш ва ҳалли масъалаҳои глобалӣ равона карда шудаанд.

Ба ин монанд таъсиси Ниҳоди масоили оянда дар Вена (соли 1965), Бунёди байналхалқии «Башар дар соли 2000» дар Нидерланд (соли 1965), Ташкилоти омӯзишиояндаи ҷаҳон дар Вашингтон (соли 1966), Маҳфили Рим (соли 1968), ки бо коркарди мавзуъҳои марбут ба башарият зери унвони «Ниҳояти рушд» (соли 1972), «Башарият дар чаҳорсӯ» (соли 1974), «Бозрасии тартиби байналхалқӣ» (соли 1974), Берун аз қарни исрофкорӣ (соли 1976) ва дигар ташкилотҳои ба онҳо монанд ба зудӣ маъруфияти ҷаҳонӣ пайдо намуда, агар аз як ҷиҳат вазифаи кашшофӣ ва назариявии соҳаи нави дониши байнифанниро гузошта бошанд, аз ҷиҳати дигар нақши муҳими маърифатиро бозиданд.[1] Ин чораандешӣ ба инсоният маълум намуд, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар ҷаҳон бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки ин пайвандиву алоқамандӣ ҳарчӣ бештар қувват мегиранд ва мустаҳкам мешаванд ва дар ин ҷараён таъсири мутақобилаи кишварҳо ба ҳамдигар меафзояд ва ҳар яке истиқлол ва манфиатҳои миллии худро ҳифз намуда, ҷиҳати таҳким бахшидани он дар арсаи байналхалқӣ ҳамкорӣ менамоянд ва ин ҳамкорӣ зиддиятҳои комилан навро метавонад ба миён оварад. Ба роҳ мондани чунин ҳамкориҳо ва натиҷагирӣ аз он собит намуд, ки муташанниҷ гардидани масъалаҳои ҷаҳонишавӣ дар асри XX ягон хатогӣ набуда, балки натиҷаи таҳаввулоту дигаргуниҳои чандинқарнаи сифативу миқдорие дар рушди иҷтимоии тамаддуни инсонӣ мебошад, ки онро низоми «ҷомеа-табиат» меноманд.[2] Чунин зиддият бевосита дар асоси ташаккулу такомули

[1] Ниг.: Глобалистика. Энциклопедия. –М.: Радуга, 2003. –С.893-896.

[2] Ниг.: Чумаков А.Н. О предмете и границах глобалистики [Текст] / А. Н. Чумаков // Век глобализации. – 2008. – №1. –С.13.

тамаддуни муосири индустриаливу технократӣ ва фарҳанги он пайдо шудааст.

Солҳои охир дар заминаи ба вуҷуд омадани зиддияти идеологӣ бархурдҳо ва ихтилофҳои нав дар самти фарҳанг, дин, иқтисодиёт ташаккул ёфта, дар ин асос тақсимбандии нави ҷаҳон ба манотиқи бузург, ки ҳамчун субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ баромад карда метавонанд ба миён омад ва дар робита ба ин вазъият тафовутҳои тамаддунии кишвар ва миллатҳо ошкор гардида, ба худ номҳои ғарбӣ, авруосиёӣ, шарқӣ, исломӣ ва ғайраҳоро гирифтаанд.

Гарчанде самтҳои ҷаҳонишавӣ ниёзманди омӯзиши маҷмӯии масоили ҷаҳон мебошад, дар таҳқиқоти худ мо аз якчанд равияи мавҷуда, равияи фарҳангшиносии онро муҳим ва афзал мешуморем, зеро дар меҳвари он масъалаи марбут ба соҳаи инкишофи илмӣ-техникӣ, тандурустӣ, фарҳанг, ҳуқуқ, маориф ва ғайраҳо мебошанд. Зеро маҳз дар ҳамин соҳаҳо пайдо кардану омӯхтани масоили марбут ба ҷавонон, алалхусус, таъсири ҷаҳонишавӣ ба ин қишри ҷомеа мувофиқ мебошад.

Барлыбаев Х.А. мавзуи глобалии марбут ба инсон ва ҷомеаи онро таҳлил намуда, таснифи масоилеро, ки ба таносуби рушди устувор ворид ҳастанд, пешниҳод кардааст.[1] Ин ҷадвалро ба чунин тарз анҷом додааст: дар сатҳи табиати инсон ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии ӯ дар мавриди аввал гузошта шуда, соҳаву самтгирии ҷаҳонишавиро равонашуда нисбати ҷаҳонбинӣ муайян менамояд ва чорякҳои гузариш ба рушди устуворро иборат аз бозсозии ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии инсон муайян менамояд. Дар раддаи дуюм ӯ ниёзмандиҳои моддии инсонро гузошта, дар ин соҳа самту мазмуни ҷаҳонишавиро дар ҷаҳонӣ гардидани ниёзмандиҳо ва чораҳои гузариш ба рушди устуворро иборат аз ақлонӣ намудани онҳо медонад. Дар қатори сеюм масоили марбут ба меҳнат чун омили ташаккулёбии инсон баррасӣ гардида, соҳаи ҷаҳонишавии касбу

[1]. Ниг.: Барлыбаев Х.А. Глобализация: вопросы теории и практики [Текст] / Х. А. Барлыбаев // Век глобализации. – 2008. –№2. –С.15-16.

меҳнат ва чораҳои гузариш ба рушди устуворро мувофиқ кардани фаъолияти меҳнати инсон ба талаботи экологӣ шарҳ додааст. Аз байни ин мавзӯҳо, ки ҳар яке бо масъалаи ҷавонон вобастагӣ дорад ва самтҳои мубрам ба ҳисоб меравад, махсусан ҷавҳари иҷтимоии инсон, иттилоот чун захираи муошхирати одамон, масоили марбут ба ҳаёти маънавии инсон, демография, рушди интеллектуалӣ, тарзи ҳаёт, рушди илмӣ-техникӣ, сиёсат ва варзиш ба ҷавонон дахл дорад. Ба таври мушаххас мавзуъҳои таъсирвар ба ҳаёт ва фаъолиятҳои ҷавононро дар ҷадвали мазкур ба чунин тарз тавзеҳ нишон додаем:

| **«Ҷадвали даврии низоми «инсон – ҷаҳонишавӣ – рушди устувор» марбут ба масоили ҷавонон** | | | |
|---|---|---|---|
| **№ р/т** | **Ҳудудҳои табиати инсон** | **Соҳаву самтҳои** ҷаҳонишавӣ | **Чораҳои гузариш ба рушди устувор** |
| 1 | Ҷавҳари иҷтимоии инсон | Ҷаҳонишавии иҷтимоӣ | Табаддулоти иҷтимоӣ |
| 2 | Забон ҳамчун во-ситаи муошират инсон | Ҷаҳонишавии забонӣ | Рушди бисёрзабонӣ |
| 3 | Иттилоот чун за-хираи муоширати инсон | Ҷаҳонишавии иттилоотӣ | Рушди амнияти иттилоотӣ |
| 4 | Нимёзмандиҳои тамдиди насли инсон | Ҷаҳонишавии демографӣ | Танзими равандҳои демографӣ |
| 5 | Ниёзмандии инсон ба эътиқоди динӣ | Ҷаҳонишавии динӣ | Мустаҳкамшавӣ ва татбиқи нақши созандаи дин |
| 6 | Рушди интеллектуалии инсон | Ҷаҳонишавии маърифатӣ | Рушди маълумоти интенсивӣ |
| 7 | Ҳаёти маънавии инсон | Ҷаҳонишавии фарҳанг | Ҳамкории созандаи фарҳангҳо |
| 8 | Тарзи ҳаёти инсон | Ҷаҳонишавии тарзи ҳаёт | Бозсозии тарзи ҳаёти одамон |
| 9 | Инсону чун мавҷуди сиёсӣ | Ҷаҳонишавии сиёсӣ | Ислоҳоти низомҳои сиёсӣ |
| 10 | Падидаҳои ғайриинсонӣ дар инсон | Ҷаҳонишавии ҷиноятӣ | Мубориза ҷаҳонӣ бар зидди ҷинояткорӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11 | Рушди ҷисмонии инсон | Ҷаҳонишавии варзишӣ | Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чун воситаи ҳаёттаъминкунандаи одамон |

Дар дунёи муосир, ки бо раванди ҷаҳонишавӣ марбут аст, моделҳои гуногуни сиёсати ҷавононро дарёфтан мумкин аст, ки дар ҳамаи онҳо ҷавонон ҳамчун захираи иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Дар ин моделҳо ҷавонон нерӯеро инъикос менамоянд, ки бо саҳм ва иштироки онҳо пешрафти соҳаҳо ва рушду инкишофи онҳо зиёдтар таъмин карда мешавад. Новобаста аз ин бояд қайд намоем, ки ҷузъҳои алоҳидаи шаклҳои гуногун аз ҳамдигар фарқияти муҳим доранд.

Фарқияти аввал чунин аст, ки моделҳои мазкур хусусияти анъанавии татбиқро дошта, кӯмаки давлатро на ба ҳамаи ҷавонон баробар, балки ба гурӯҳҳое муҳим мешуморанд, ки дар вазъияти мушкили зиндагӣ (пеш аз ҳама, вазъияти иҷтимоӣ) қарор доранд. Дар ин ҳол давлат истифодаи маблағҳои пешбинишударо қатъиян назорат намуда, гирандагони онро муайян менамояд. Модели мазкур дар Америка дар шакли неоконсервативии он татбиқ мешавад, ки пешниҳоди кӯмаки давлатиро бо ҳудудмуайянкунии қатъии тартиби хароҷоти кӯмаки гирифташуда барои қишрҳои камҳифзшуда ва аз оилаҳои «камбизоат» татбиқ менамояд. Дар айни замон, модели дар Америка татбиқшавандаи сиёсати ҷавонон иштироки камтарини сохторҳои давлатиро дар иҷтимоишавии ҷавонон дар назар дорад. Дастгирии иҷтимоии ҷавонон кори ташкилотҳои хусусии хайриявӣ мебошад.[1]

Шакли дигар, яъне ҳамкории иҷтимоӣ байни ҷомеа, давлат ва соҳибкорӣ - шакли бештар танзимшудаи сиёсати ҷавонон шинохта шудааст. Мансубият ба онро дар кишварҳои Скандинавия мушоҳида кардан мумкин аст. Зимнан дар ин соҳа ҳамкории иҷтимоӣ имкони

[1] Ниг.: Зеленин А.А. Национальная модель реализации молодежной политики в Соединенных Штатах Америки [Текст] / А. А. Зеленин // Вестник КемГУ. – 2009. – №4. – С.71.

бештар истифода кардани фаъолияти ҷавононро дар кори расонидани кӯмак ба кӯдакон ва ҷавонон, фароҳам овардани имкониятҳо барои таъмини босамари иҷтимоишавии насли наврас, худтатбиққунии намояндагони он, таҷаммуи имконияти ҳамкорӣ, мусоидат барои афзоиши маҳсулнокии фаъолият дар ин соҳаро дар назар дорад.

Шакли мазкур дар давлатҳое, монанди Шветсия, Финляндия ва бештар дар Олмон амалӣ карда мешаванд, ки дар онҳо, бо вуҷуди консервативӣ ва неоконсервативӣ буданашон, ҳамчунин сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон аз шинохти нақши боризи давлат иборат буда, дар доираи талаботи қонунгузории амалкунанда ҷавонон ва ташкилотҳои ҷавононро дастгирӣ менамояд. Байни ин шаклҳо як идда гунаҳои гузаришӣ мавҷуд аст, ки вобаста аз мақсаду манфиатҳои миллӣ тағйир меёбанд. Шакли олмонии ҳифзи иҷтимоии ҷавонон имрӯз аз муассиртаринҳо дар Аврупо арзёбӣ шуда, онҳо бо коркарди қонунҳо корфармоёнро барои қабули ҷавонон ба кор муваззаф менамояд.

Шакли ҷамъиятӣ-давлатии сиёсати ҷавонон нақши давлатро дар раванди нақшагирӣ ва татбиқи сиёсати ҷавонон таъкид менамояд. Дар ин ҷо ниҳодҳое, ки масъули татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мебошанд, ба ҳайси ҳалқаи пайванди манфиати ҷавонон ва ҷомеа баромад мекунанд. Хокимият ҳамчун захираи сиёсати ҷавонон ба худ сифати давлати иҷтимоиро гирифта, имконияти танзим ва назорати насли наврасро аз тариқи ниҳодҳои давлатӣ, ҳамчун гурӯҳи пешгуишавандаи иҷтимоӣ ба даст меорад.

Ин шакл хеле коршоям ва пешгӯишаванда бошад ҳам, як идда камбудӣ дорад. Эроди аввал, камтар ба назар гирифтани нақши сармоядорон дар раванди ташкил ва татбиқи сиёсати ҷавонон мебошад, дар натиҷа давлат ба худ тамоми вазифаҳоро гирифта, бо ин имкониятҳои сиёсати ҷавононро ба маротиб маҳдуд менамояд. Ҷанбаи мусбати ин масъала бошад, дар он аст, ки ҳамаи қишри ҷавони кишварро фаро мегирад. Дар ҳар сурат, бояд таъкид гардад, ки ҳангоми

камбуди маблағ дар давлат ва ё маблағгузории нокифоя аз ҷониби давлат метвонад манфӣ арзёбӣ гардад.

Боз як шакли сиёсати ҷавонон - шакли коммунитарӣ номида шуда, дар он давлат пурра масъулият ва кори сиёсати ҷавононро ба ӯҳдаи худ мегирад. Ин гуна сиёсат дар давлатҳои авторитарӣ татбиқ гардида, ба сифати мисоли он гунаи шӯравии сиёсати давлатии ҷавононро ном гирифтан мумкин аст. Он тамоми қишри ҷавононро фаро мегирад ва дар гунаи коммунитарӣ низоми ташкили кор бо ҷавонон дар Олмони ибтидои асри XX, дигар давлатҳои тоталитарӣ мушоҳида мешавад.

Бо баррасии шаклҳои бунёдии сиёсати ҷавонон бояд таҷрибаи хориҷиро оид ба танзими он низ аз назар гузаронид, ки дар осори А. Уолтер, Дж. Хеҷл, Т. Бэкман, А. Хейс мушоҳида мегардад. Дар онҳо шаклҳои ин сиёсат, ки дар кишварҳои алоҳидаи Аврупо мавриди истифодаанд, таҳлил шудааст. Аз онҳо маълум мегардад, ки шакли иҷтимоӣ-демократӣ аксаран дар кишварҳои Скандинавия, шакли консервативӣ дар кишварҳои Аврупои Марказӣ, шакли либералӣ дар Британияи Кабир, шакли субинституалӣ дар кишварҳои Баҳри Миёназамин истифода мегарданд.[1]

Омӯзиш муайян намуд, ки дар Аврупо оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ниҳодҳои мухталиф таҳқиқотҳои заруриро анҷом медиҳанд. Масалан, IARD шаклҳои аврупоии сиёсати ҷавононро ба чор гурӯҳ тасниф намуда, тибқи механизми мавҷудбуда дар кишварҳо, тавсифи сиёсати ҷавононро пешниҳод менамояд. Чунончӣ, шаклҳои универсалӣ, протексионистӣ, дар заминаи ҷамоатҳо, шакли марказонидашуда.[2] Дар тавсифи модели «скандинавӣ» чунин метавон гуфт, ки он барои фарогирии тамоми ҷавонони ҷомеа равона

---

[1]Ниг.: Youth Transitions, Youth Policy and Participation – State of the Art Report. [Text]. – Copenhagen, 2002. – P.29.

[2] Ниг.: Study on the state of young people and youth policy in Europe [Text] // Comparative Report. – 2001. –№1.

гардидааст. Дар ин навъи модел ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон мустақилият ва ҳувият мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар баъзе аз кишварҳои скандинавӣ (масалан, дар Шветсия) масъулияти татбиқ ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба дӯши мақомоти ҳокимияти марказӣ дар шахси вазорат ва ё ташкилотҳои махсуси ҷавонон вогузор гардидааст.

Дар кишварҳои дигар (Дания) ин сиёсат аз тарафи якчанд вазорати марбут коркард ва татбиқ мегардад. Дар онҳо ҳамкории фаррохи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар омодагӣ ва татбиқи сиёсати ҷавонон ба роҳ монда шудааст. Шакли универсалии сиёсати ҷавонон аз дигар шаклҳо фарқ мекунад, зеро дар он ҳуқуқ, имтиёзҳо ба ҳамаи ҷавонон равона гардида, сиёсати давлатии ҷавононро хеле муассир менамояд. Яке аз хусусиятҳои он самтгирии қавии давлатии он бо иштироки ташкилоти ғайридавлатӣ ва ҷомеа мебошад.

Шакли протексионистӣ таърихи тӯлонии худро дар кишварҳои аврупоӣ дорад, ки дар он ҷо, дар давраи байниҷангӣ, баъд аз он дар давраи баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон диққати махсус ба насли наврасу ҷавонон дода шуд. Шакли мазкур ба фарогирии ҳамаи ҷавонон равона гардида, аз ҷумла татбиқи барномаҳои мақсаднокро низ дар назар дорад. Дар айни ҳол ҷавонон дар ин бархӯрд ҳамчун қисми осебпазири ҷомеа шинохта шуда, талабгори диққати махсус аз ҷониби давлат ба ҳисоб меравад. Ҳадафҳои асосии шакли протексионистӣ ҳамгироии ҷавонон ба ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ, пешгирӣ аз мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки масалан дар Олмон дар шакли кӯмак ба ҷавонон татбиқ мегардад. Ҷанбаи мусбати шакли мазкур дар он аст, ки он воқеан ба ҷомеа равона гардидааст. Ҷанбаи манфӣ бошад, ниҳодишавии хеле зиёд, ки онро камтар муҳаррику фаъол мекунад.

Шакли сиёсати ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳо дар Британияи Кабир кор карда шуда, як навъи сиёсатест, ки нақши давлатро дар коркард ва татбиқи он ночиз мегардонад. Ин навъи шакл бо шакли консервативӣ ва

неоконсервативӣ мутобиқ мебошад. Ҷавонон дар ин гуна сиёсат ҳамчун мушкилот баромад менамоянд ва масъалаҳои алоқаманд ба онҳо бошад, ҳамчун масъалаи мушкилтарини ҷомеа ва гурӯҳи ҷавонон ҳамчун гурӯҳи осебпазир шинохта мешавад.[1]

Шакли марказонидашуда низ фаъолона дар кишварҳои собиқ сотсиалистӣ васеъ истифода мешаванд, ки дар он сиёсати ҷавонон тавсифи васеъ ва маҳдуд дошта, дар он се шакли асосии сиёсатро фарқ кардан мумкин аст: нуфузӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ.[2]

Дар мавриди шакли аввал чунин гуфтан мумкин аст, ки он ҷиҳати ноил гардидани мақсаду ҳадафҳои муайяне, вобаста бо дарки масоили марбут ба ҷавонон, монанди тарбияи солими наврасону ҷавонон, такмили фаъолиятҳои иҷтимоии ҷавонон ва ғайраҳо шаклдиҳӣ мегардад.

Шакли гуруҳӣ ҷавононро ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоии дорои хусусиятҳои хоси худ баррасӣ намуда, ҷиҳати дастгирии ҷавонон дар соҳаҳои алоҳида равона гардидааст.

Шакли инфиродӣ тавсифи барномавии мақсаднок дорад, монанди барномаҳои мақсадноки эҳё ва ё муолиҷаи ҷавонон, ташкили мусобақаву сабқатҳои варзишӣ, барномаҳои фарҳангӣ ва ғайра. Аммо маҳз ҳамин шакли кор бо ҷавонон дар сиёсати аврупоии ҷавонон бештар мавриди танқид қарор дорад (М.Смит)[3], ки дар он маҳз шакли инфиродии барномаҳо қобили қабул набуда, мувофиқи матлаб будани ба гурӯҳу қишрҳо равона намудани барномаҳо тавсия дода мешавад. Давлат бошад, бар хилофи он, ки таваҷҷуҳро нисбати худи ҷавонон равона намояд, баррасии масоили ҷавононро идома медиҳад.

Дар баробари ин коршиносон шаклҳои дигари мухталифи сиёсати ҷавононро пешниҳод кардаанд, ки хусусият ва шохисҳои тавсифи

---

[1] Ниг.: Press release. Cabinet Office to take on responsibility for cross-government youth policy 3 July 2013. [Electronic resources] URL: https://www.gov.uk/government/news/cabinet-office-to-take-on-responsibility-for-cross-government-youth-policy (date of the application: 23. 02. 2022)
[2] Ниг.: Kamara J. Youth Policy: What Works and What Doesn't. A report of United Way. [Text] / J. Kamara/ –Toronto, 2008. –P.7.
[3] Ниг.: Smith M. Youth work beyond Connexions. INFED. 2000 [Text] / M. Smith/ [Electronic resources] URL: www.infed.org/personaladvisers/beyond-connexions.htm (date of the application: 23. 02. 2022.)

дигарро дар маркази диққат қарор додаанд. Масалан, агар ба масъалаи хусусиятҳои чорабиниҳои марбут ба ҷавонон таваҷҷуҳ карда шавад, чунин шаклҳои онро метавон тасниф кард:

- аз ҷиҳати вазифавӣ худмухтор, ки дар он сиёсати ҷавонон ба сифати самти алоҳидаи фаъолияти субъектҳои он фаҳмида мешавад;

- аз ҷиҳати вазифавӣ омехта, ки дар он масъалаи сиёсати ҷавонон дар ҳудуди сиёсати иҷтимоии давлат ва ё дигар сиёсатҳо гузошта ва ҳал мешавад.[1]

Субъектҳои он вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар татбиқи сиёсати ҷавонон амал карда, бо шаклҳои зерин фаъолият мебаранд:

- шакли иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки он асосан бо мақсади тақвият додани фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҷавонон, иштирок ва аъзогии онҳо ба ҳизбҳои гуногун, ҳаракат, иттифоқ ва ташкилотҳо, ташкили ҳамоиш ва ҳаракатҳои иҷтимоии ҷавонон амалӣ карда мешавад;

- шакли ҳифзи иҷтимоӣ, асосан бо мақсади ташкил ва татбиқи чораҳои ҳифзи иҷтимоии ҷавонон, дастгирии ҷавонон дар давраи таҳсил ва эҳтиёҷ доштанашон ба шуғл, ҳамзамон таъмини ҳифзи иҷтимоии оилаҳои ҷавон равона карда мешаванд;

- шакли ахлоқӣ-идеологӣ, ки дар он тамоюли ташаккули идеологияи умумии фарогир бориз аст, масалан тарбияи ватандӯстӣ, ташаккули ғояи тарзи ҳаёти солим, мустаҳкам кардани бунёди одобу ахлоқи ҷавонон ва низоми арзишии онҳо мавриди назар аст;

- шакли мутобиқгардонӣ-иҷтимоӣ: шакли мазкур тамоюли ҳамгироии ҷавононро ба ҳаёти иҷтимоӣ дар назар дорад, махусусан ҷавонони номуташаккил ва дар ҷомеа мутобиқнашуда, дар навбати аввал, чунин гурӯҳҳои ҷавонон, монанди ҷавонони мансуб ба гурӯҳҳои

---

[1] Ниг.: Кибанов А.Я., Ловчева М.В., Лукьянова Т.В. Социальная политика государства в отношении молодежи: модели, классификация, актуальные проблемы [Текст] / А. Я. Кибанов, М. В. Ловчева, Т. В. Лукьянова // Управление персоналом и интеллектуальными ресурсами в России. – 2013. – №6 (9). – С.25-26.

ғайрирасмӣ, онҳое, ки зери таъсири равия ва ҳаракатҳои номатлубу ифротӣ мондаанд, тарбиятгирандагони ятимхонаҳо, ҷавононе, ки ятим ва бепарастор мондаанд, ҷавонони мувоҷеҳ ба истифодаи машрубот, онҳое, ки аз маҳкама баргаштаанд ва дигар ҷавонони мансуб ба гурӯҳҳои осебпазирро мавриди амал мегирад;

- шакли фарҳангӣ-равшаннамоӣ, ки ҳадафи он ба рушди барномаҳои маърифатӣ, ташкили маҳфилҳо, тақвияти фаъолияти иттифоқҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ, маърифатӣ ва эҷодӣ равона шудааст;

- шакли таҳсилоти касбӣ, бо мақсади дастгирӣ ва ҷалби ҷавонон барои иштирок дар коркардҳои инноватсионӣ, ихтироъкориву барномасозӣ, таъсиси сохтори соҳибкории ҷавонон, бо шуғли муносиб таъмин намудани ҷавонон, тақвияти сатҳу дараҷаи умумӣ - ихтисосмандии ҷавонон, соҳибтахассусӣ онҳо, рақобатпазирии ҷавонони ихтисосманд ва дорои касб дар бозори меҳнат мебошад;

- шакли иттилоотӣ-ҳамгироӣ, ки дар он чорабиниҳои асосии сиёсати ҷавонон вобаста ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, барномаҳои гуногуни байналхалқӣ, инкишофи алоқаҳои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст[1].

Дар айни замон ин шаклҳои сиёсати ҷавононро самти кор низ гуфтан мумкин аст, зеро онҳо нисбатан тахассусӣ ва маҳдуд мебошанд. Аз ҷиҳати ҳаҷму сатҳи фаъолият сиёсати ҷавононро бар чанд гурӯҳи дигар низ метавонем тасниф намоем, ки дар шаклҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- минтақавӣ-таснифнашуда, ки чорабиниҳои он, пеш аз ҳама, нисбати ҷалби ҷавонони тамоми кишвар, бидуни тақсимбандии маҳал тартиб дода шудаанд;

[1] Ниг.: Кибанов А.Я., Ловчева М.В., Лукьянова Т.В. Социальная политика государства в отношении молодежи: модели, классификация, актуальные проблемы. Текст] / А. Я. Кибанов, М. В. Ловчева, Т. В. Лукьянова // Управление персоналом и интеллектуальными ресурсами в России. – 2013. – №6 (9). – С.25-26.

- минтақавӣ таснифшуда, ки чорабиниҳои он нисбати ҷавонони минтақаҳои алоҳида равона шудаанд.

Бо муроҷиат ба таҷрибаи ҷаҳонӣ, дар Аврупо маъмулан ду шакли сиёсати давлатии ҷавононро дидан мумкин аст: аврупоӣ ва англо-саксонӣ, ки ҳар яке дорои хусусиятҳои хос мебошанд. Дар шакли европавӣ сохторбандии фаъолият, танзими ҳамкории соҳаҳои гуногуни сиёсат, мақсади бархӯрдҳо ва кӯмаку дастгириҳо қатъан муайян шуда бошад, дар низоми англо-саксонӣ бартарият ба фаъолиятҳои фидокорона ва ихтиёрӣ, бе иштироки муназзами давлат дар татбиқи сиёсати ҷавонон дода мешавад.[1]

Аммо ба таври умумӣ нисбати ин масъала дар байни муҳаққиқон иттифоқ ба назар намерасад. Дар гузорише, ки Институти аврупоии Академияи илмҳои Федератсияи Россия дар мавриди ҷалби ҷавонон барои иштирок дар умури идории Иттиҳоди Аврупо таъкид мегардад, ки дар консепсияҳои сиёсати ҷавонон дар сатҳи миллӣ асосан ду шакли бунёдӣ рӯнамоӣ шудааст, ки яке франко-олмонӣ ва дигаре англисӣ аст. Агар шакли якум нақши боризи давлатро дар таҳияву татбиқи сиёсати ҷавонон пазирад ва дар ин роҳ бо ташкилотҳои ғайридавлатии гуногунсатҳ ҳамкории зич дошта бошад, шакли дуюм, таҳия ва мақсадгузории ин сиёсатро ба уҳда гирифта, ҳамзамон дар кори татбиқи он пурра ба ҳокимияти маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ такя менамояд. Вале умумият дар сиёсати ҷавонони Аврупо ин аст, ки дар татбиқи сиёсати ҷавонон нақши бартариятнок ва фаъолро ташкилотҳои гуногуни ғайритиҷоратӣ ва иҷтимоӣ иҷро менамоянд.Бояд тазаккур дод, ки шаклҳои гуногуни ташкилотҳои ҷавонон вобаста ба шаклҳои мухталифи сиёсати ҷавонон буда, бинобар он, ки сиёсати ҷавонон кадом мақсаду ҳадаф ва манфиатҳои давлатро нисбати ҷавонон матраҳ

[1] Ниг.: Новиков В.С., Соловьёв А. П., Царьков П.Е. Зарубежный опыт нравственного воспитания молодёжи посредством культурного и природного наследия: теоретические походы [Текст] / В.С. Новиков, А. П. Соловьёв, П. Е. Царьков. [Электронный ресурс]. URL: http://psihdocs.ru/zarubejnij-opit-nravstvennogo-vospitaniya-molodeji-posredstvom.html (дата обращения: 01.03.2019 г.)

намудааст, ташкил, маблағгузорӣ ва фаъолият менамоянд. Бо таваҷҷуҳ ба чаҳор шакли маъмулӣ метавонем хулоса барорем, ки иштироки давлат дар дарку ҳалли масоили ҷавонон, сатҳи ҳамкории давлат бо ташкилоти ҷамъиятӣ ва ниҳодҳои он, сарчашмаҳои маблағгузории барномаҳои ҷавонон ва ғайра тасниф шудаанд:

– консервативӣ: шакли мазкур иштироки давлатро хеле маҳдуд ва нақши ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро фарох медонад. Дар он барномаҳои мақсадноки барои ҳалли шаклҳои интихобии ҳалли масоили ҷавонон мушаххасгардида бартарият доранд;

– ҳамкории давлат ва ҷомеа- вижагии он, иштироки маҳдуди давлат ва нақши зиёди ҳокимияти маҳаллӣ ҳамчун ҳамоҳангсози сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин самтгирии маҳдуди сиёсати ҷавонон мебошад;

–шакли иҷтимоӣ-давлатӣ, ки дар он нақши давлат баланд буда, тамоми масъулиятро ба зимааи  худ гирифтааст ва инчунин ҳамаи самтҳоро бо воситаи фишанги ниҳодҳои иҷтимоии давлат назорат ва роҳнамоӣ мекунад, ки фаъолияти он ба тамоми қишрҳои ҷомеаи ҷавонон равона карда мешавад;

-дар шакли робитавӣ, ки дар он давлат ҳамаи масъулият ва вазифаҳои марбут ба татбиқи сиёсати ҷавононро ба ӯҳдаи худ гирифта, дигар иштирокчиёни ин равандро сарфи назар менамояд, пурра сиёсати ҷавононро маблағгузорӣ карда, татбиқи онро назорат менамояд[1].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар амалия ягон шакл ба таври мутлақ татбиқ нагардида, бештар метавон оид ба тамоюл ва самтҳои маҷроӣ сухан кард. Агар ба шакли сиёсати ҷавонон, ки дар Аврупои муосир татбиқ мегардад, баргардем, таъкид кардан бамаврид аст, ки ба таври маҷмӯӣ он шакли комплексӣ ва синтетикӣ дошта, маҷбур аст дар худ хусусиятҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоро таҷассум намояд.

[1] Ниг.: Dibou T. Towards a better understanding of the model of EU youth policy [Text] / T. Dibou // Studies of Changing Societies: Youth Under Global Perspective. –2012. – Vol. 1(5). –P.16.

Шакли сиёсати ҷавонон дар Иттиҳоди Аврупо мураккаб гардида, аз танзимгарони он фаъолнокӣ ва мавқеъгирии бештареро металабад ва раванди муколама ва ҳамкориҳои стратегии кишвархои Иттиҳоди Аврупоро дар соҳаҳои гуногун вусъат мебахшад.[1] Сохтори мураккаби Иттиҳоди Аврупо, ки вобаста ба шумораи зиёди кишварҳои узв дар шароити иқтисодӣ-иҷтимоии гуногун қарор доранд, таъриху менталитет, фарҳангу анъаноти гуногун доранд, ба хулосае меоварад, ки таҳияи сиёсати воҳид ва ягонаи ҷавонон дар Иттиҳоди Аврупо вазифаи хеле мушкил ва доғи рӯз мебошад. Дар ин робита Шурои Аврупо дар ҳуҷҷати таҳлилии худ «Омӯзиши гуногунрангии ҷавонони Аврупо» таъкид кардааст, ки ҷавонони маскуни кишварҳои Аврупо, қисматҳои деҳоту шаҳр, мансуб ба этносу миллатҳои гуногун, аз ҷиҳати мансубияти иҷтимоии худ хеле гуногунранг буда, дар айни замон, ин гуногунрангӣ бештар мансуб ба нобаробарӣ, хатарҳо ва осебпазирӣ мебошанд. Дар бештари кишварҳои Аврупо самти рушди ҷавонони доро ва нодор, мансуб ба қишрҳои иҷтимоии гуногун, алалхусус ақаллиятҳои миллӣ аз ҳамдигар фарқ карда меистанд.[2] Лозим ба тазаккур аст, ки Шурои Аврупо дар баррасии масоили марбут ба ҷавонон дар ҳудуди Иттиҳоди Аврупо низ мавқеи худро дорад. Ин ду ташкилоти мустақил, ҳамчун ташкилоти собиқадори байналхалқӣ амал карда, дар ҳаллу фасли бештари масоил таъсири Шӯрои  Аврупо, масалан, дар истифода аз меъёру арзишҳо бориз аст.[3]

Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳошияи равандҳои воқеии ҳамгироии амалкунанда дар муҳити мазкур бояд баррасӣ гардад, на ҳамчун раванди мухтору алоҳида.

---

[1] Ниг.: Dibou T. Towards a better understanding of the model of EU youth policy. [Text] / T. Dibou // Studies of Changing Societies: Youth Under Global Perspective. –2012. – Vol. 1(5). –P.58.
[2] Ниг.: Siurala L. A European framework for youth policy: What is necessary and what has already been done? [Text] / L. Siurala // Diskurs Kindheits- und Jugendforschung Heft. – 2007. –№4. – P.8
[3] Ниг.: Exploring the European Youth Mosaic. Council of Europe, 2002.

Ба ибораи дигар, сиёсати ҷавононро дар ин минтақа бояд ҳамчун яке аз фишангҳои истеҳкоми Осиёи Марказӣ, ба ҳайси самти фаъоли равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳисоб кард, ки он аз тарафи тамоми роҳбарони сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор дорад.

Дар натиҷа сиёсати ҷавонон дар Осиёи Марказӣ самти муҳимми сиёсати давлатӣ на танҳо дар кишварҳои миллӣ, балки ташкилотҳои минтақавӣ, монанди СҲШ, СААД, Иттиҳоди Авруосиё ва ғайра қарор дорад. Чуноне, ки маълум аст, чандин назарияи ҳамгироии Осиёи Марказӣ мавҷуд аст, ки нисбати ҳар яке ба унсурҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва соҳаҳои дигар муқаррар кардани мақом ва нақши равандҳои ҳамгироии ин минтақа зери таваҷҷуҳ мебошад. Вобаста ба ин назарияҳои федерализм, неофунксионализм ва коммуникативизм пешниҳод ва баррасӣ мегарданд.

Ҳувият дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар ду меъёри сиёсӣ вуҷуд дорад: дар сатҳи минтақавӣ ва дар сатҳи миллӣ. Ҳувияти минтақавӣ марбут ба ташаккули умумияти Осиёи Марказӣ мебошад. Дар фаҳмиши дуюм – нисбат ба суфташавии ҳувиятҳои миллӣ, камтар кардани майлонҳои марказшитоб аз ҷониби давлатҳои миллӣ сухан меравад.

Дар айни ҳол бояд таъкид гардад, ки ба ҷавонон расонидани рисолати онҳо дар мавриди татбиқи масоили ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳамин тавр, ба ташкилоти гуногуни ҷавонон тавсия дода мешавад, ки мунтазам чорабиниҳои марбутро (форум, конференсия, семинару, тренингҳо) татбиқ намоянд, ки дар онҳо возеҳу равшан дар ҳамин соҳаи сиёсати ҷавонон сухан меравад.

Маврид ба зикр аст, ки бо ин кор дар аксарияти ташкилотҳои минтақавии байналхалқии Осиёи Марказӣ сохторҳои махсуси марбут бо сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон машғуланд, ки мақсади онҳо ҳамоҳангсозии барномаҳо ва чорабиниву иқдомҳое мебошад, ки барои ташаккули ҳувияти ягонаи Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Шакли озоди ҳамоҳангсозӣ чун василаи татбиқи сиёсати муосири ҷавонон дар Осиёи Марказӣ ҳоло мавзуи мубоҳисоти фаъол буда, аз нигоҳи таъсирмандии он дар минтақа баррасӣ мегардад. Дар ҳуҷҷатҳои расмии ташкилотҳои дар Осиёи Марказӣ мавҷуда марбут ба сиёсати ҷавонон дар бораи он сухан меравад, ки он механизми ояндадори ташаккул ва таҳкими равандҳои ҳамгирой дар минтақа мебошад.

Сиёсати ҷавонон дар Осиёи Марказӣ ҷанбаи хеле ҷолиби равандҳои ҳамгироии Осиёи Марказӣ аз рӯи як қатор сабабҳо ба шумор меравад. Сиёсати ҷавонон дар ин минтақа ҳамчун «қувваи нарме» баррасӣ мегардад, ки силоҳи робитавии таъмини шароити мусоид аз нигоҳи арзишҳои роиҷ дар минтақа шинохта шуда, он ҳеҷ гоҳ худро ҷойгузини миллат намедонад ва «мансуб ба Осиёи Марказӣ» боқӣ мемонад; дар айни ҳол, як қатор муҳаққиқони масоили ҳамгирой чунин мавқеъ доранд, ки сиёсатҳои муосири ҷавонон, новобаста аз кӯшишҳои фаъол намудани он, ҳанӯз ба сатҳе нарасидаанд, ки дар бораи он аз мавқеи самаранокии воқеӣ суҳбат карда шавад. Яъне, ин кор- ҳадафи стратегии ояндаи сиёсати ҷавонони минтақа мебошад, ки дар танзими вазъи байналхалқии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъсирманд буда, сазовори диққати махсуси муҳаққиқону коршиносони масоили сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби дигар, сарфи назар аз он, ки сиёсати имрӯзаи ҷавонони Осиёи Марказӣ хеле нарм мебошад, он дар тақвияти амалҳои давлатҳои узви ташкилотҳои минтақавии Осиёи Марказӣ, монанди Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва амсоли он имкониятҳои бузург дошта метавонад.

Дар сатҳи бунёдӣ, он имконияти ташаккул додани ҷунбишҳои когнитивии давлатҳои минтақаро дорад, хеле пуриқтидор мебошад. Аз нигоҳи мутахассисони соҳаи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҷавонон ҳамчун нерӯи пешбаранда чандин даҳсолаҳое аст, ки нақши муҳимеро дар равандҳои ҳамгирой мебозанд. Дар робита ба ин нақш, К. Норвиг

таъкид дорад, ки маҳз ҷавонон дар равандҳои ҳамгироии ҷаҳон ва бахусус дар Аврупо аз солҳои 1950-уми асри XX фаъолона иштирок менамоянд, ки далели он ин амалӣ намудани ташаббуси умумиаврупоии ҷавонон «Мо – Европа» (солҳои1951-1958) мебошад.

Ҳамин тавр, шаклҳо ва воситаҳои татбиқ ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро дар шароити глобалӣ ва минтақавиро таҳқиқ карда, метавон хулоса намуд:

- дар шароити муосир ва раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ҷавонон як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳар ҷомеа буда, ҳамчун гуруҳи осебпазир бо мушкилотҳои гуногун рӯбарӯ мешаванд. Масъалаҳои мубрами глобалии инсоният, равандҳо ва шаклҳои ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, таъсирот ба ҷавононро доранд. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба тазодҳои мавҷудаи бошиддати замони муосир ҷавононе ҳастанд, ки аз бухрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ азоб мекашанд ва дар оташи низоъҳо ба  ҳалокат мерасанд.

Бинобар  ҷавонон бояд талаботҳои нави ҷаҳонӣ ва ахлоқи нави сайёраро азхуд намуда, дар асоси он зиндагӣ карданро ёд гиранд. Зеро насле, ки ба ҳаёти соҳибистиқлол қадам мегузорад, бояд ғояҳои фарҳанги сулҳро амалӣ созад ва  дар шароити ҷаҳонишавӣ мавқеи муайян ва устуворро пайдо намояд.

– таҳлили шаклу намудҳои сиёсати ҷавонон ба таври том нишон медиҳад, ки мансуб донистани он соф ба ягон шакли алоҳида чандон дуруст набуда, дар шароити рушди глобалии ҷаҳон мо метавонем оид ба шаклу сохтори муттаҳидгари унсурҳои мухталифи он мулоҳиза намоем;

– дар таҳқиқоти таваҷҷӯҳи афзояндаи ҷаҳон ба мушкилоти ҷавонон қайд гаштааст, ки ин дар баланд шудани нақши давлат дар дастгирии рушди ҷавонон, таҳкими инфрасохтори институтҳои сиёсати ҷавонон, таъмини инкишофи шаҳрвандӣ, ахлоқӣ ва эҷодии чавонон ифода меёбад. Аммо шаклу усулҳои кор бо ҷавонон  ва доираи иштироки давлат дар сиёсати ҷавонон гуногун аст.

Ҳамкориҳои байналхалқии ҷавонон яке аз нуқтаҳои имтиёзноки сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳоло бо таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор машғул аст. Ваколат ва салоҳиятҳои дар назди ин Кумита гузошташуда дар заминаи роҳнамоӣ ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муайян гардида, дар онҳо метавонем  чунин нуқтаҳоро мушаххас намоем[1]:

– дар арсаи байналхалқӣ ташаккул додани симои мусбат ва обрӯву эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– рушди ҳамкориҳои дарозмуддат ва ҳусни тафоҳум бо кишварҳои ҳамҷавор;

– тавсеаи равандҳои минтақавии ҳамгироӣ дар муҳити пасошуравӣ;

– неру бахшидани захираҳои кадрӣ- инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи ташаккули сиёсати муассири давлатии ҷавонон бо назардошти таҷрибаи нодири байналхалқӣ.

Аз соли 2008 Кумита кӯшиш дорад самтҳои асосии ҳамкориҳои байналхалқии ҷавононро дар асоси шартномаву муоҳидаҳои амалкунанда сохторбандӣ намояд. Дар натиҷа низоми нави ҳамкориҳои байналхалқии ҷавонон ташаккул ёфта истодааст, ки такя ба самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои яксамта ва бисёрсамтаи кишвар дар соҳаи ҷавонон равона гардидааст.

Таҳлили низоми мазкур имконият медиҳад, то ду самти асосии ҳамкориҳои байналхалқӣ таҳия гардад: дар самти ҳамкориҳо бо кишварҳои Аврупо ва ҳамкориҳо дар самти таҳсилоти ҷавонон бо Федератсияи Россия, ИДМ, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай[2].

---

[1]. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи ҷавонон [Матн]. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/15446 (санаи муроҷиат: 12.01.2020)

[2] Ниг.: Харченко В.В. Состояние и перспективы международного сотрудничества в молодежной сфере в России [Текст] / В.В. Харченко // Вестник международных организаций. –2009. –№ 1. –С.103.

Самтҳои мазкур ба таври комил ҷавобгӯ ба имтиёзҳои минтақавӣ, ки дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд, мебошанд. Сиёсати байналхалқии ҷавонон дар аксари кулли ташкилоти байналхалқии муҳити пасошӯравӣ ва минтақавӣ муайян ва самтдиҳӣ гардидааст. Дар яке аз муҳимтарини онҳо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ин робита гуфта мешавад, ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар самти ҷавонон, тақвияти муносибатҳои байналмилалӣ ва таъмини табодули таҷриба дар заминаи ҳамкориҳо омили муҳими таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешравии илмӣ-техникии давлатҳои иштирокчии ИДМ мебошад, ки барои нигоҳдорӣ ва густариш додани ҳамкориҳои дӯстонаи кишварҳои Иттиҳод, ҳамчунин вусъат додани рақобатпазирии он дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷоиз аст, ки Тоҷикистон низ ҳамчун актори муносибатҳои байналхалқӣ барои татбиқи он фаъолияти бештар зоҳир намояд ва дар ин роҳ аз тамоми имкониятҳо, аз ҷумла аз ширкат дар ташкилотҳои гуногуни байналхалқии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ истифода барад. Боиси зикр аст, ки аъзои дигари ташкилотҳои мазкур низ дар татбиқи сиёсати ҷавонон кӯшиш менамоянд. Масалан, бо ташаббуси Федератсияи Россия соли 2009 дар Созмони Ҳамкориҳои Шанхай Шурои ҷавонони он таъсис дода шуда, аввалин маротиба дар ин бора дар вохӯрии сарварони давлатҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай Президенти Федератсияи Россия Владимир Владимирович Путин пайғом дод. Ба сифати муассисони ин Шуро иттиҳодияҳои миллии ҷавонони кишварҳои узв баромад карданд, ки бештар аз 400 млн. ҷавононро муттаҳид менамоянд. Тибқи эъломияи дар он қабулгардида, Шуро барои татбиқи ҳамкорӣ ва табодули таҷрибаи насли ҷавони кишварҳои узви СҲШ дар соҳаҳои гуногуни инкишофи шахсияти ҷавон, меросбарии бунёдии сиёсати СҲШ ва мусоидат ба татбиқи онро ҳадафи худ қарор додааст.

Дар доираи баргузории ҷаласаи якуми Шурои ҷавонони СҲШ Оиннома ва Эъломия оид ба ташкили Шурои  ҷавонони СҲШ, сохтор ва самтҳои афзалиятноки фаъолият баррасӣ гардида, зимни баргузории ҷаласаи дуюми Шуро масъалаҳои мубрам ва актуалии марбут ба ҷавонон, бахусус масъалаи рушди захираи кадрҳо аз ҳисоби ҷавонон ва имкониятҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ миёни ҷавонон дар давлатҳои СҲШ ҳаллу фасл карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан лозим аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳо дар самти ҷавонон дар давлатҳои пасошӯравӣ манфиатдор мебошад. Лекин дар айни замон, як қатор мушкилиҳо дар самти амалигардонии ҳадафҳо дар ин самт ҷой доранд. Яке аз масъалаҳои калидӣ ин камаҳамиятии шаклҳои фаъолияти ҳамкориҳои байналхалқии ҷавонон мебошад. Бо назардошти муҳимияти роҳандозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти ҷавонон муҳим аст, ки моделҳои нав ва механизмҳои муосир дар ин самт таҳия ва коркард карда шаванд ва тамоми тадбирҳо ва чораҷӯиҳо мутобиқ ба талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва майлу хоҳиши ҷавонон бояд амалӣ карда шавад.

Дар ин замина, вазифаи аввалиндараҷа ин рушди иқтидори инноватсионии ҳамкориҳои байналхалқии ҷавонон ин фароҳам овардани имкониятҳои нишонрас барои ҷалби ҷавонони лаёқатманд ҷиҳати таҳияи бизнеслоиҳаҳои инноватсионии муштарак мебошад.[1]

Созмони байналхалқии ҷавонон дӯстӣ ва равобити кори ҷавононро бо дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ мустаҳкам карда, дипломатияи ҷавононро татбиқ менамоянд ва барои ҳамгунсозии мақсад ва мароми ҷомеа дар роҳи рушд мусоидат мекунанд. Ҳадафи асосии созмони мазкур дар ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат аз  татбиқи дастгирии ҷавонон дар самти худшиносӣ ва худтатбиқкунии онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Айни замон татбиқи дар шароити рушди доимии ҷомеаи шаҳрвандӣ танҳо бо

[1] Ниг.: Декларация о создании Молодежного совета Шанхайской Организации Сотрудничества [Электронный ресурс]. URL: http://sco2009.ru/docs/documents/youngsco_declaration.html

роҳи барқарор кардани муносибатҳои ҳамкориҳои сиёсӣ, боварӣ ва ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва маъмурӣ дар сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ  тавассути татбиқи сиёсати муназзами давлатии ҷавонони кишварҳо амалӣ мегардад.

Созмонҳои иҷтимоии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳамоварии шароити зарурӣ барои худтатбиққунии ҷавонон ва фаъолона ба равандҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ворид шудани онҳо фаъолият менамоянд. Барои рушди созмонҳои ҷавонон дар Тоҷикистон татбиқи сиёсати давлатӣ ва шаҳрвандии ҷавонон муҳим аст. Шароити дигари ниҳодӣ ба худ имкониятҳои рушди ҳамкориҳои байнибахширо байни мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, сохтору анҷуманҳои соҳибкорӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатиро дарбар мегирад. Танҳо ҳамин гуна ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки шароити ниҳодӣ ҷиҳати истифода аз захираҳои инноватсионии насли ҷавон ба манфиати тамоми ҷомеа ба сатҳи зарурии рақобатпазирии он фароҳам ояд.

Афзудани қудратмандии созмонҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бидуни ба таври зарурӣ истифода кардани  таҷрибаи мавҷудаи таърихии ташкили иттиҳодияҳои ҷавон дар ҷаҳон муҳим аст.

Дар ин раванд таҳлилҳо аз таҷрибаи амалии давлатҳо нишон медиҳад, ки ташкили иттиҳодияҳои ҷавонон бо мақсади ҳамоҳангӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти бозаргонӣ, устуворшавии ниҳодҳои бахши шаҳрвандӣ ва рушди кишвар, вазъи сиёсии он, рушди сатҳи рӯзгори мардум ва таъминоти иҷтимоӣ вобаста аст. Вобаста ба чунин аҳамият роҳбарони давлатҳо ин ташкилотҳоро ҳамчун платформаҳои ниҳодии мусоид ҷиҳати иҷтимоишавии дурусти ҷавонон ва ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва шаҳрвандӣ воридшавии онҳо  истифода  мебаранд.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои татбиқи сиёсати ҷавонон дар фазои пасошӯравӣ омӯхта, мо ба чунин хулоса расидем, ки:

– ноустувории ҳамкории ниҳодии созмонҳои ҷавонон дар фазои пасошӯравӣ имконияти камтареро барои татбиқи босамари манфиат ва

ниёзҳои ҷавонони минтақа медиҳад. Ин нобасомонӣ монеае дар татбиқи ҳамкориҳои беҳтаре миёни кишварҳои узви иттиҳодия ва созмони байналхалқии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ буда, ба мустаҳкам гардидани нақшаву чорабиниҳои муштараки байни ташкилоти давлатӣ, соҳибкорӣ ва ВАО имконият намедиҳанд;

– сохторбандии ташкилоти ҷавонон метавонанд, вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ- сиёсӣ ва давлатиро дар ҳамкориҳои кишварҳои минтақа иҷро намоянд. Амалияи мавҷуди ниҳодишавии ҳамкориҳои мазкури ташкилоти ҷавонон бо ҳамкорони худ аз дигар кишварҳо ва ниҳодҳои сиёсии онҳо дар соҳаи сиёсати ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мақоми боризи худро дорад. Дар шароити муосир дар заминаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналхалқӣ ташкилоти ҷавонон ҳамчун ниҳоди муаррификунандда ва тарғибгари арзишҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ дар муҳити сиёсӣ, инчунин барқарор кардани ҳамкориҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин геополитикии кишвар бо ҳамкорони худ баромад менамояд. Ин гуна ҳамкориҳо бо ташкилоти байналхалқии ҷавонон ба рушди ҳамкориву дастгириҳои тарафайн, рушди ташаббусҳои ҷавонон ва барномаҳои муштарак татбиқ мегардад;

– агар сухан оид ба худмухтории миллӣ равад, худмухтории миллӣ дар асоси худмухтории сиёсӣ ва кӯшишҳои сохтмони давлати мустақили миллӣ ташаккул ёфта, заминаи муҳим дар пазируфта шудани он дар арсаи байналхалқӣ мегардад. Ин амр ба ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои байналхалқии кишвар, аз ҷумла ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дар самти ҷавонон таъсири худро мерасонад;

– таҳия ва рушди сиёсати  ҷавонон дар фазои пасошӯравӣ, пеш аз ҳама, вобаста бо равандҳои умумии ҳамгироӣ дар минтақа, ки ногузир дар заминаи ҳамкорӣ ва ҳамшарикии стратегии кишварҳои минтақа ба ташаккул меёбанд, сарчашма мегирад. Дар сурати ба таври умум тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои байналхалқии минтақавии кишварҳои минтақаро фаро гирифтани ин ҳамкориҳо ва ҳамчун ҳадаф татбиқ

гардидани тадбирҳои дахлдор дар шакли ташкили иттифоқу иттиҳодияҳои гуногунсамту мухталиф, дар аксари ин ташкилотҳои ҳамгироии байналхалқии минтақавӣ масъалаи ҷавонон ба таври мушаххас баррасӣ карда шуда, роҳи ҳалли масъалаҳои марбут ба ҷавонон пайдо карда мешаванд.

# БОБИ II. СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НИЗОМИ РУШДИ ОН

## 2.1. Хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи сиёсати ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сиёсати давлатии ҷавонон масъалаест, ки хосияти маргиналӣ ва синергетикиро касб кардааст. Вобаста ба ин хусусият онро ҳамчун сиёсати соҳавӣ дар сатҳи байнифаннӣ баррасӣ намуда, мавриди пажӯҳишу омӯзиши шохаҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ қарор медиҳанд. Соли 2017 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар самти тарбияи кадрҳои ҷавон барои ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи мутахассисони ҷавон ва беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоиву иқтисодии онҳо пайваста кӯшиш дорад. Дар ин росто, ҷалби ҷавонон ба илм ва азхудкунии техникаву технологияҳои муосир аз самтҳои муҳимми сиёсати давлати мо ба шумор меравад. Мо чунин мешуморем, ки татбиқи пайгиронаи ин ҳадаф омили асосии рушди нерӯи инсонӣ, шарти муҳимтарини пешрафти устувори давлат ва тақвияти иқтидори иқтисодии он мебошад»[1].

Тоҷикистони соҳибистиқлол роҳи бунёди ҷомеаи демокративу маданиро пеша кардааст. Дар амалисозии ин ҳадафи муҳими ҳокимияти консутитутсионӣ масъулияти шаҳрвандон, бахусус нақш ва саҳми ҷавонон бағоят муҳим мебошад. Дар робита ба ин ҷавононро мебояд, ки дорои маърифат казоӣ, илму донишҳои замонавӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ҳушёрӣ ва аз падидаҳои сиёсӣ огоҳ бошанд ва маҳорату қобилияти хешро ба таври мунтазам такмил диҳанд. Ҷавонон, ки қишри муҳим ва фаъоли кишвар мебошанд барои рушди мухталифи соҳаҳои ҷомеа ва созандагии он бояд омода бошанд. Масъалаи назарияву амалияи тарбияи сиёсӣ доимо дар маркази таваҷҷӯҳи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ,

---

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи ҷавонон [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/15446 (санаи муроҷиат: 25.01.2020)

хоса тамоми давлатҳои ҷаҳон қарор дорад. Таърих исбот намудааст, ки назарияву ормонҳои сиёсӣ инъикоскунандаи шуури сиёсӣ дар низоми сиёсии давлат ва унсури асосӣ яъне худи давлат ташаккул ва рушд ёфтааст. Вобаста ба тараққиёти давлат ва рушди ҷомеа ин падида ба таври хоса ифода меёбад.

Дар замони муосир ва марҳилаи ҷаҳонишавӣ, ки равандҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа хеле ҳам пуршиддат шакли худро иваз менамоянд, ба самтҳои мухталифи фаъолияти ҷавонон дар ҷомеа низ таъсири амиқ мегузоранд.

Татбиқи механизмҳои дуруст, ҷустуҷӯи дурнамои рушди мақоми иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир баҳри мутобиқ намудани фаъолияти ҷавонон ба ин навгониҳо хислатҳои фарҳангии худсобитсозии шахсияти ҷавонро муайян менамояд. Муҳимияти ташаккулёбии мафкураи сиёсиву фарҳангии ҷавонони мамлакатро асосан ғояҳои таҳкими соҳибистиқлолии кишвар, ҳифзи сулҳу субот, худшиносиву худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ташкил менамояд.

Тарбия намудани насли ҷавони кишвар дар руҳияи ватандӯстӣ ва арзишҳои фарҳангӣ унсури муҳими сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон мебошад. Бо назардошти муҳимияти татбиқи ин самти афзалиятнок соли 1995 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавононро бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими масъалаҳои ватандӯстӣ ва эҳтироми рамзҳои давлатӣ тасдиқ намуда, дар доираи он табдирҳои муҳиму саривақтиро амалӣ намудааст. Таҷрибаи қабули барномаҳои давлатии соҳавӣ ҳанӯз ҳам амалӣ карда мешавад. Баъдан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” соли 2004, тағйиру иловаҳо ба ин қонун соли 2011 ва соли 2014 ворид карда шуданд. Новобаста аз ташкили маҷмӯи чорабиниҳои мухталиф дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон, ҳоло низ масъалаҳои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар мафкураи

ҷавонон ҳамчун масъалаи мубрам мебошад. Одатан дар масъалаҳои тарбия ва таълим, ташаккули муносибатҳо мутобиқ ба талаботи шароити муосир, робита ва ҳамкории доимии ҷомеаро насли ҷавон муҳим арзёбӣ менамояд. Зеро дар ҷараёни рушди ҷомеа ва марҳилаи босуръати ҷаҳонишавӣ ҷаҳонбинии ҷавонон васеъ гардида, талаботи шахсони ҷавон низ меафзояд.

Вобаста ба чунин ҳолат оила ва давлат вазифадор карда мешаванд, ки ба қишри ҷавон таваҷҷуҳи бештар дода, мутобиқан усулҳои тарбияро муосир кунонанд ва механизмҳои таъсирбахши онро истифода баранд.

Таҷриба нишон медиҳад,ки бинобар амалӣ нагардидани чораҳои таъсирбахшу муосири тарбия ва исифода гардидани усулҳои куҳна дар муносибати байниҳамдигарии насли калонсол ва ҷавонон муаммоҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Одатан дар чунин вазъият ҷавононро барои зоҳир намудани беэҳтиромӣ, надоштани қобилияти дарк ва гӯш кардани суханҳои калонсолон, риоя накардани одобу ахлоқ ва фарҳанги муносибату муоширот ва дағалгуфторӣ гунаҳкор менамоянд.[1].

Ин ҳолат имкон медиҳад, ки ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, гуруҳҳои ифротихоҳ бо ваъдаҳои бардуруғ ҷавононро ба гумроҳӣ мебаранд. Нокифоягии саводнокӣ ва таҳлил карда натавонистани ҳолати воқеӣ ҷавононро барои амалӣ намудани нақшаву ҳадафҳои нопок моил месозанд, ки таҳдиди ҷиддиро ба амнияту давлат ба миён меорад.

Бинобар муҳимияти ин масъалаҳо ва ҳифзи амнияту давлату ҷомеа, “дар мафкураи ҷавонон ташаккул додани шуури созанда ва роҳнамоии онҳо барои интихоби дурусти фаъолият ва роҳи рост дар зиндагӣ яке аз тадбирҳои сари вақтӣ аз эмин нигоҳ доштани насли ҷавони кишвар аз хатару таҳдидҳои замони муосир мебошад”[2].

---

[1] Ниг.: Информационный бюллетень о социальной положение молодежи Таджикистана: Республиканский центр информации и ориентации молодежи. [Текст]. – Душанбе, 2006. – С. 12.
[2] Фарҳанги исломӣ – як рукни фарҳанги миллист [Матн] \\ Сухани халқ, № 29 аз 25 июли соли 2013

Вобаста ба ин набояд фаромӯш кард, ки идомабахши давлат, нигоҳдорандаи таърих ва фарҳанги миллӣ маҳз ин қишри фаъоли ҷомеа-ҷавонон мебошанд.

Дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки раванди босуръати ҷаҳонишавӣ тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсониро таъсир расонида истодааст, амалигардонии стратегияи давлатии тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтироми мероси ниёгон ҷиддӣ мавриди корбарӣ қарор дода шуда, механизмҳои таъсирбахшии он ва методҳои амалишаванда тақвият дода шавад. Инчунин, ин ҷараёни набояд ба ҷанбаҳои манфиатбори ҷаҳонишавӣ зиддият ва мухолифат эҷод намояд, зеро ҷанбаҳои хуби марҳилаи ҷаҳонишавӣ барои худташаккулдиҳии насли ҷавони кишвар ва ҷамъияти Тоҷикистон хеле ҳам зарур мебошанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар руҳияи фарҳангӣ тарбия кардани насли ҷавон, ба роҳ мондани ҳамоҳангӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоту иттиҳодияҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ низ аҳамиятнок буда, аз ҳама муҳим ин саҳми оила ва ташкилотҳои динӣ дар ин самт арзёбӣ кард мешавад.

Бо дастаҷамъӣ амалӣ намудани усулҳои тарбия ва бо саҳмгузории ҳар як қишри ҷомеа тадбирҳои заруривуякҷоя татбиқ гардида, дар натиҷа насли ҷавони кишвар дар руҳияи фарҳангдӯстӣ ташаккул меёбад ва фаъолнокии ҷамъиятии онҳо таъмин карда мешавад.

Омодасозии модулҳои таълимӣ ва бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ташкил намудани машғулиятҳои таълимӣ шавқи хонандаи мактабро ба илмомӯзӣ бедор месозад, фаъолии ин қишри ҷомеаро таъмин менамояд, ки ба ин васила метавон таҳкурсии тарбияи шаҳрвандии ватандӯстӣ ва ҳарбии ватандӯстиро дар мафкураи насли наврас ташаккул дод ва барои адои уҳдадории конститусионӣ, хусусан хизмат дар сафи артиш омода сохт.

Дар давлате, ки аз шумораи умумии аҳолии он 70 %-ро ҷавонон ташкил медиҳанд, фаъолияти ҷавонон дар ҷомеа ва рафтору

муносибаташон ба фарҳангу таърих ва дигар муқаддасоти давлатӣ ба рафтори умумии ҷомеа таъсири амиқ мерасонад.

Амалу кирдор ва рафтори нодурусти ҷавонон дар ҷомеа ба бетартибӣ ва халалдории субот, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ метавонад таъсир гузорад. Омили асосии мавҷудияти чунин хатарро марҳилаи ҷаҳонишавӣ ташкил медиҳад.[1]

Паҳн гардидани наворҳои ғайриматлуб, саҳнаҳои намоишии таъсиргузори бераҳмиву ҷосусӣ, хушунату зӯроварӣ, қатлу куштор ва азобу шиканҷа дар шаклгирии тафаккури насли наврасу ҷавон таъсир гузошта, дар ташаккули психологияи вайрон ва тарбияи нодурусти онҳо мусоидат менамояд.

Дар замони муосир масъалаи бесаводӣ, ҷинояткорӣ ва бешуғлии насли ҷавон яке аз масъалаҳои мубрам мебошад.

Теъдоди ҷавонони бекор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксариятро ташкил медиҳанд, ки ин ҳолат барои дуруст шакл гирифтани рафтори ҷавонон дар ҷомеа, такмили донишу малака ва интихоби тарзи ҳаёти солим аз ҷониби онҳо монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд.

Чораҷӯии механизмҳои нави таъсиррасонӣ, ба роҳ мондани технологияҳои нави солимгардонӣ ва азнавбарқарорсозии ҷавононе, ки майли зӯровариву қонуншиканӣ доранд ва минбаъд ҷалб намудани онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ ва истифодаи ин қишри ҷомеа ба корҳои созандагиву ободкорӣ барои таъмини суботи ҷомеа чораи муҳим мебошад.

Дар заминаи тадбирандешиҳои болозикр, инчунин зоҳир намудани таваҷҷуҳ ба солимгардонии шахсони ҷавоне, ки гирифтори майзадагиву нашъамандӣ мебошанд ва берун аз ҷамъият мондаанд, амали зарурӣ мебошад. Ташкили назорати ҷамъиятии мустақили системаи судиву ҳуқуқӣ ва муассисаҳои ислоҳотии нигоҳдорандаи муваққатии ҷавонони

---

[1] Ниг.: Раджабов С. Таджикистан: Светское государство (теория, опыт и проблемы). [Текст] / С. Раджабов. – Худжанд, 2000. – С.134.

ҳуқуқвайронкунанда ва ҷинояткор, манъи тарғиби тиҷорати нӯшокиҳои спиртӣ, маводи мадҳушкунанда ва нашъадор, ба роҳ мондани корҳои профилактикӣ бо оворагардону ҷавонони умуман бешуғл барои пешгирии ҷавонон аз ҳар гуна падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Дар тарбияи насли наврасу ҷавон нақши мақомоти маҳаллии давлатӣ, кумитаҳои маҳалла, созмонҳои ҷамъиятиву ҳизбҳои сиёсӣ дар маҳалҳо низ калон мебошад.

Самтҳои муҳими амалигардонии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар маҳал бояд аз корҳои амалии мушаххас, ки моҳияту мундариҷаи сиёсати давлатро нисбати насли наврас ва ҷавонон инъикос менамояд, бояд иборат бошад. Дар сатҳи маҳалҳо тавассути анҷом додани корҳои амалӣ бо субъектҳои ҷудогонаи сиёсӣ омилҳои муҳими иҷтимоишавии ҷавонон ва тамоюли эътиқодиву арзишии онҳо муайян карда мешаванд. Амалигардонии босифати сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон аз сатҳи маҳал кафили раванди устувори ин сиёсат дар миқёси тамоми ҷумҳурӣ хоҳад гашт.

Вобаста ба ин ду ҷиҳати ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ҳамчун самти муайянкунандаи фаъолияти давлат муайян карда шудааст: якум ин асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дуюм ҷанбаҳои кадрии он, ки ҳамзамон механизми татбиқи сиёсати давлатро дар самти ҷавонон амалӣ мегардонад, ба ҳисоб меравад. Омӯзиши омилҳои муайянкунандаи ҷараёни ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар баробари дастовардҳо дар ин амал, камбудиҳо низ ҷой доранд. Таҳлил нишон дод, ки татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи марбут ба ҷавонон дар маҳалҳо, аксаран характери на комплексиву тӯлонӣ, балки ҷузъиву лаҳзавиро доранд. Проблемаи кадрӣ дар соҳа низ камбудиҳо дорад. Зарур аст, ки ҳайати кадрии соҳаи марбут ба ҷавонон соҳиби малакаи касбӣ, донишу кордонӣ ва ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй бошад. Масъалаи баланд

бардоштани таҷрибаи корӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар ин соҳа дар заминаи донишкадаву марказҳои такмили ихтисоси назди мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои таълимии кишвар ташкили курсҳои такмили ихтисос ва таҳияи дастурҳои методӣ таъсири бузург мерасонад[1].

Мутобиқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», сиёсати давлат нисбат ба ҷавонон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз силсилаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳоро мақомоти давлатӣ бо мақсади фароҳам овардани шароиту кафолатҳо барои ташаккули иҷтимоию инкишофи ҷавонон ва ҳарчи бештар амалӣ гардидани нерӯи эҷодии онҳо барои манфиати тамоми ҷамъият татбиқ менамоянд.

Вазифаҳои асосии соҳаи ҷавонон аз инҳо иборат мебошад: бо воситаи ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни оммавии таблиғотӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, эҷодӣ ва варзишӣ мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти конститутсионӣ, сиёсати Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани ҳисси ватанпарастӣ дар байни ҷавонон; мусоидат намудан ба ташаккул ва таҳкими асосҳои меъёрии ҳуқуқии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон; тавсеи фаъолияти мақсадноку комплексӣ дар самти пешгирии падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ ва густариш додани тамоюли мусбии иҷтимоӣ; таҳлил ва муайян намудани пешояндҳои ҷараёни иҷтимоӣ дар байни ҷавонон, таъсири онҳо ба вазъи имрӯзавуояндаи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии на танҳо ҷумҳурӣ, балки минтақа, омӯхтани афкори умум дар бобати масъалаҳои ҷавонон; амиқ таҳлил намудани сабабҳои паҳн шудани

---

[1] Ниг.: Ашӯров С., Раҳимов И. Таҳкими асосхои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва кадрии сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳалҳо. [Матн] / С. Ашӯров, И. Раҳимов. – Душанбе, 2001, С. 5-7.

нашъамандӣ, қочоқи маводи мухаддир ва дар асоси он пурзӯр кардани мубориза алайҳи ин падидаи номатлуб.[1]

Ҳамчунин, дар амалисозии ин вазифаҳои муқаддас ташкил ва фаъолияти босамари мактаби захираҳои кадрии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғдро, ки машғулиятҳои он асосан дар заминаи муассисаҳои таҳсилотии олии кишвар ҷараён мегирад, махсус қайд кардан зарур аст. Вобаста ба муҳимияти масъалаҳои болозикр ҳанӯз ёздаҳ сол қабл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари хеш «Масъулият барои фардои миллат» чунин қайд карда буданд: «Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки ба терроризм ва ифротгароӣ танҳо бо усули низомӣ пирӯз шудан имкон дорад. Ба чунин ақида розӣ шудан мумкин нест, зеро ҳалли низомии ин масъала ҳанӯз хеле нокифоя мебошад. Он тамоми омилҳоеро, ки чун қоида, боиси пайдоиши терроризм ва ифротгароӣ мегарданд, пурра нест карда наметавонад».[2]

Таҳлили вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ собит менамоянд, ки бекорӣ ва сатҳи пасти маърифат омилҳои муҳими зуҳури терроризму ифротгароӣ мегарданд, вале сабаби ягонаи ин зуҳурот шуда наметавонанд. Дар ин масъала ва зуҳури ин падидаи хатарафзо ва таҳлукаомез дар ҷомеа омилҳои байналмилалӣ низ таъсири бузурге мерасонанд ва дар шароити ҷаҳонишавии муосир ин зумра омилҳо асоситарин мебошанд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар соли ҷорӣ тарбияи насли наврасро яке аз ҳадафҳои муҳим ва стратегии давлати Тоҷикистон номида, қайд намуданд, ки «мо вазифадорем, ки ба хотири тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳхоҳӣ ва ободкориву созандагӣ, инчунин барои наслҳои

---

[1] Ниг.: Маҳфили мубоҳисоти сиёсӣ. [Матн]. –Душанбе, 2001. - С. 10.

[2] Построение доверия между исламистами и секуляристами – таджикский эксперимент. [Текст]. - Душанбе, 2004. - С. 308.

ояндаи халқамон ба мерос гузоштани ин дастоварди муқаддасу нодир фарҳанги сулҳро ҳамчун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум густариш бахшем».

Масъалаи мазкур ва ҳалли он ҳадафи фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва ҳар кадоми моро доир ба ҳалли масъалаҳои ҷавонон муайян менамояд. «Дар роҳи расидан ба ин ҳадаф мо бояд, пеш аз ҳама барои ҳарчи беҳтар гардонидани шароити рушди маънавию ахлоқӣ, таҳсил ва кору фаъолияти ҷавонон ва дигар чораҳоро ҷиҳати худташаккулёбии онҳо чораандешӣ намуда, заминаву имкониятҳои муносибро фароҳам оварем. Дар ин раванд мо бояд дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат тафаккури созандаро ҷойгир намоем, ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонунро тарбия намоем, то онҳо дар оянда ҳамчун фарзандони шоистаи миллати тоҷик кору пайкори насли имрӯзаро идома бахшида, Ватани азизамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонанд». Тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар атрофи ғояи «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол – Ватани маҳбуби ҳамаи мо" муттаҳид намудани тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаи кишвар, аз ҷумла насли наврас ва ҷавонон ҳадафи муҳими стратегии давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор меравад.[1] Дар шароити муосир бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ мақсади асосӣ буда, амалисозии ормонҳои демократӣ низ ҷузъи ҳатмии тарбияи сиёсии ҷамъият гаштааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар осори таъриху фарҳанги дирӯз ва падидаҳои ҳаёти имрӯза ҷавҳари маънавиро кашф намуда, таъкид менамоянд, ки мавзӯи демократия ва озодӣ барои халқи тоҷик мавзӯи нав нест, зеро ғояҳои мардумсолорӣ дар таълимоти

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] \\ Тирози ҷаҳон, №34, 27 апр. с. 2013.

бисёрасраи тоҷикон ҷойгоҳи намоёнеро ишғол менамояд. Оғоз аз китоби муқаддаси «Авасто» сар карда, тамоми мутафаккирони асримиёнагӣ то Аҳмади Дониш роҳҳои муваффақшавӣ ба ормонҳои мазкурро баён намудаанд. Омӯхтани рӯзгор ва таълимоти онҳо барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсии ҷавонон, хусусан донишҷӯён воситаи муҳим ба шумор меравад. Ақидаву назарияҳои сиёсии бузургон ба фарҳанги сиёсӣ ва ҷаҳонбинӣ тобиши ғоявӣ бахшида, ба ҷавонон бахусус донишҷӯён имконият медиҳад, ки ба тамоми зуҳуротҳо ва падидаҳои сиёсиву ҷамъиятӣ воқеъбинона баҳо диҳанд, ба ормонҳои демократӣ, мақсадҳои стратегии давлат, ҳадафҳои муайянгардида ва умуман ҷамъият содиқона рафтор намоянд. Маврид ба зикр аст, ки дар ташаккули ҳаматарафаи шахси ҷавон тарбияи сиёсӣ ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти идеологӣ нақши муҳим дорад. Тарбияи сиёсӣ ин маҷмӯи шаклу мазмуни фаъолияти субъектҳои сиёсӣ мебошад, ки ба пешрафти муносибатҳои амалӣ-сиёсии ҷомеа нигаронида шудааст. Таърихпарастӣ (историзм) бошад ҷузъи ҷудонопазири тарбияи сиёсӣ ва дониши таърихӣ унсури муҳими ташаккули маърифати сиёсӣ ва хештаншиносӣ аст. Таърихи илмие, ки аз мавқеи умумиинсонӣ омӯхтаву тарғиб карда мешавад, манзараи гузаштаро эҳё ва мероси таърихиро ҳифз ва шуури сиёсии мардумро комилан ташаккул медиҳад. Дар ин раванд бо мақсади инкишофи худшиносии миллӣ ва хештаншиносӣ аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар корҳои бузурге анҷом дода шудааст. Бо баробари тарбияи сиёсӣ инчунин амалӣ намудани принсипҳои ахлоқӣ шууру донишро тақвият бахшида, барои рушди фарҳанги сиёсӣ ва ахлоқии шахсияти наврас ва ҷавон замина мегузорад. Шахси ҷавон бояд инсони камолёфта ва дорои сифатҳои беҳтарини одамӣ ва созанда бошад. Мавқеи фаъоли ҳаёти сиёсии насли ҷавон ташаккули ҳамаҷонибаи ӯро ҳамчун шахсияти комил ва сазовор муаррифӣ менамояд.

Ҷавони дорои мавқеи фаъоли сиёсӣ бояд аз ҳам пеш масъулиятшиносу зирак бошад, ба арзишҳои ахлоқии умуминсонӣ содиқона муносибат намояд ва вазифаҳоеро, ки ҷомеа муайян кардааст бо диду назари нек амалӣ созад.

Доштани мавқеи фаъоли сиёсӣ ба насли ҷавон имкониятҳои худинкишофдиҳӣ, бартарафсозии монеаҳо барои рушди худ ва ҷомеаро фароҳам меорад. Худинкишофдиҳӣ, муносибати эҷодкоронаву дурандешона, созандагиву навоварӣ барои дуруст муайян кардани вазъияти сиёсии ҷорӣ ва мавқеи шаҳрвандӣ заминаи зарурӣ омода менамояд. Вобаста ба ин дар шароити демократисозии ҷомеа самти фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён шаклу мазмуни навро ба худ мегирад. Омили асосии ин фаъолиятро эътибори ҷамъиятӣ ва инсондӯстӣ, ки ба он самаранокии корҳои тарбиявӣ, рушди маданият ва маориф таъсир мерасонад, ташкил мекунад.

Сохтори фаъолнокии сиёсии шахсияти ҷавон, аз ҷумла донишҷӯро ба якчанд унсурҳои асосӣ ҷудо кардан мумкин аст. Унсури якум ин дониш аст, ки дар шуури онҳо ҳамчун таҷассумгари манфиату талаботи объективии ҷомеа ифода меёбад. Унсури дуюм ин фаъолнокии сиёсӣ, ақидаву назари сиёсӣ, ки самти фаъолияташро муайян мекунад. Унсури сеюми таркибии фаъолнокии сиёсиро амали сиёсӣ, ки ҷиҳати комёбшавӣ ва расидан ба мақсаду вазифаҳо нигаронида шудааст, ташкил мекунад.

Дар шаклгирии унсури мазкур мақоми иҷтимоии ҷавонон таъсири бузург мерасонад. Бо назардошти тағйирпазир будани муносибатҳо сохтори фаъолнокии сиёсии наврасон ва ҷавонон вобаста ба унсурҳои болозикр низ шакли худро иваз менамоянд. Хусусияти маърифатӣ доштани он барои васеъ шудани дониш ва дигаршавии ақида сабаб шуда, ба рафтори сиёсиашон таъсири асосӣ мерасонад. Масъалаҳои ташаккули ахлоқи ҳамида ва тарзи рафтору фаъолияти барои ҷомеа ҷавобгӯро ҷавонон дар раванди тарбияи оила, ширхоргоҳ ва таълимгоҳҳо аз худ менамоянд.

Дар баробари доштани хусусиятҳои баланди инсонӣ, дар замони муосир тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб, ки кори худро хуб медонанд, донишу таҷрибаи андӯхтаи хешро самаранок истифода бурда метавонад аз ҳарвақта дида бештар аҳамиятнок гаштааст. Фаъолияти мутахассисони соҳибкасб ва дорои мавқеи фаъоли сиёсӣ дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ бениҳоят мубрам мебошад. Зеро чунин мутахассисон қобиланд, ки дар ҷамъият мавқеи амиқу устувори сиёсӣ дошта бошанд, дониши худро барои пешрафти ҷомеа сарф намоянд ва аз рӯи гуманизм фаъолият намоянд.

Мавқеи сиёсии шахсият ин мавқеи ходими ҷамъиятиест, ки дар манфиатгар будани ӯ дар корҳои ҷомеа ва фаъолона ширкат карданаш дар корҳои ҷамъиятӣ зохир мешавад. Демократия шакли нави шахсиятро ташаккул медиҳад, ки барояш талаботи хизмат ба ҷомеаро аз ҳама муҳимтар мегардонад. Дар ин ҷараён воқеан ташаккул додани чунин талабот дар шахсият, хусусан шахсияти ҷавон хеле ҳам мураккаб аст, чунки он на ба ягон омили моддиву манфиатӣ, балки фақат ба ақидаву ормонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ахлоқӣ такя менамояд. Дар замони муосир Тоҷикистон марҳила ба марҳила барои бунёди ҷомеаи озод, давлати дунявӣ, демократӣ, иҷтимоӣ ва тақвияти ҳамкориҳоро бо кишварҳои дуру наздик ва ташаббуси иқдомҳои ҷаҳониро амалӣ намуда истодааст.

Дар робита ба ҳадафҳои бузурги миллӣ ва ояндабинии стратегии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насли имрӯза-ҷавононро таъкидан даъват менамоянд, ки аз корномаи гузаштагон дарси ватандорӣ омӯзанд ва барои ҳифзи марзу буми Ватан ҳамеша омода бошанд. Сабаққои таърихи халқи тоҷик барои бунёди Тоҷикистони навин хелемуҳим мебошад. Мавҷуд будани андешаи қавии миллӣ омили музаффариятҳои минбаъда дар ҷодаи созандагӣ мебошад. Барои такмили андешаи миллӣ анъанаҳои ғанӣ ва мероси бойи таърихӣ заминаи боэътимод гузошт. Қайд намудани ҷоиз аст, ки тоҷикон таърихи

бойи давлатдорӣ доранд ва шароити мураккаби зисту зиндагонӣ, рӯйдодҳои мухталифи сиёсию иҷтимоӣ, динию фарҳангӣ ва аз ҳама муҳим, бархӯрди тамаддуни ориёӣ бо тамаддунҳои дигар тоҷиконро соҳибтадбир, мутафаккир ва андешаманд ташаккул додааст.

Баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии сиёсии ҷавонону наврасон ва дараҷаи худшиносиву меҳанпарастии онҳо омӯхтани таълимоти мутафаккирони бузурги халқи тоҷик Имом Абӯҳанифа, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Низомулмулк, Насируддини Тӯсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон бениҳоят муҳим мебошад.

Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат буда, дар ташаккулу такомули ҷаҳони маънавии ҷомеа ва тақвияти андешаву рӯҳияи миллӣ нақши муассир ва ҳатто муайянкунанда мебозад. Асоси сиёсати фарҳангии давлати мо тавассути тарғиби ҳамаҷонибаи таърихи ибратомӯзи халқамон, мероси гаронбаҳои фарҳангиву адабии миллати куҳанбунёдамон, арзишҳои милливу умумибашарӣ баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як фарди ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти Ватанамон мебошад.  Фарҳанги ҳар миллат оинаест, симои воқеии ӯ дар он инъикос мегардад. Барои ҷомеаи мо низ дар оинаи фарҳангиамон симои худро шинохтан ва дар он нақши миллию инсонпарваронаи таърихамонро барҷаста намудор кардан, бояд аз муҳимтарин вазифаҳои замони истиқлолият бошад. Тоҷикон аз ҷумлаи миллатҳои асили фарҳангӣ буда, дар эҷоду офариниши рукнҳои тамаддун, арзишҳои фарҳангӣ ва инкишофи илму дониш таҷрибаи ғанӣ ва таърихӣ андӯхтаанду мероси маданиву фарҳангии моро дигар халқияту миллатҳо фаровон истифода мебаранд.

Инсоният дар оғози қарни навин ба марҳилаи ҷаҳонишавӣ, ки омили муҳими ба ҳам наздикшавии кишварҳо ва халқҳои сайёра, рушди илму техника ва технологияҳои муосир мебошад, ворид гардидааст. Дар

баробари ин, равандҳои навин ба пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав, аз қабили терроризму экстремизм, ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ, кӯч бастани садҳо ҳазор шаҳрвандони давлатҳои ҷангзада ба дигар кишварҳо ва дар ин замина мураккаб гардидани вазъи олам мусоидат намудааст. Аз ин ҷост, ки ҳоло ҳам баъзе афроди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба қадри сулҳу ваҳдат намерасанд ва бо мақсади гумроҳ намудани мардум ба ноором кардани вазъи орому осудаи кишварҳо даст мезананд. Масъалаи пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолият, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ аз ҳар як фарди огоҳу бедордили ҷомеа ва тамоми афроди бонангу номуси миллат тақозо менамояд, ки бо дарки баланди масъулиятшиносӣ, маҳорати касбӣ, интизоми қатъӣ, сатҳи баланди дониш, малакаи коршиносӣ ва зиракии сиёсӣ барои ҳифзи марзу буми Ватан ва ҳимояи манфиатҳои давлату миллат ҳамеша омода бошем. Тавре маълум аст, яке аз омилҳои асосии рушди ҳар кишварро дар қатори дигар арзишҳо захираҳои инсонӣ, аз ҷумла ҷавонон ташкил медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар кишваре, ки вазъи демографӣ мунтазам афзоиш меёбад ва беш аз 35 фоизи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон аз нуқтаи назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Ҷавонон объекти манфиатҳои миллию давлатӣ буда, яке аз омилҳои асосии таъмини рушди давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравaнд.Ояндаи наслҳои нав бояд ба таври ногусастанӣ ба вазифаҳои ҳифз, рушд ва эҳёи кишвар алоқаманд буда, ворисии таърихӣ ва фарҳангӣ бошанд. Фарҳанги сиёсии ҷавонон дорои хусусияти фаъоли инноватсионӣ ва истеҳсолӣ буда, нерӯи меҳнатӣ ва эҷодии ҷавононро инъикос менамояд. Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ, кафолат барои аз ҷониби ҷавонон интихоб гардидани роҳи зиндагӣ, худтатбиқнамоии шахсии ҷавонон, рушд ва дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонону кӯдакон, ҳаракат

ва ташаббусҳо нигаронида шудааст. Инкишофи фарҳанги сиёсии ҷавонон ба сиёсати давлатии ҷавонон вобастагӣ дорад.

Дар Тоҷикистон солҳои охир дар радифи дигар кишварҳо ҳизбу ҳаракатҳои гуногуне пайдо шуданд, ки характери ифротӣ дошта, бо фаъолияташон ба ҷомеа бадбахтӣ, бенавоӣ, харобиву саргардониҳо «тақдим» кардаанд. Ин амали онҳо, бешак, ҳамон нафарон ё доираҳоеро шод месозад, ки гурӯҳҳои ифротиро сарпарастӣ карда, манфиат мебинанд. Ин гурӯҳҳо ҳеҷ гоҳ дар фикри ободию пешрафти ҷомеа ва роҳату осоиши инсоният нестанд, балки ҳамеша бо кирдорҳои номатлуби хеш ба ҷамъият зарар расонида, аҳолии осоиштаро дар гӯшаҳои гуногуни олам азият медиҳанд. Гурӯҳҳои ифротӣ як зуҳуроти манфӣ ва хатарнок барои ҷомеа мебошанд ва мо «ифротӣ» буданро маҳкум мекунем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба мақомоти олии қонунгузории мамлакат оиди муаммои имрӯзаи ҷомеаи ҷавононро мавриди таҳлил қарор дода, аҳли кишварро ба "ҳалли" масъалаи мубрами ҷавонон ҳидоят намуданд, ки дар он чунин омадааст: "Барои эмин мондан аз таъсири манфии раванди фарогири ҷаҳонишавӣ, ки хоҳу нохоҳ фосилаи замону вақт, сарҳадҳои маънавӣ ва асолати фарҳангии давлатдории миллиро тағйир медиҳад тафаккури солими миллиро, дар зеҳни ҷавонон инкишоф додан, арзишҳои миллии худро аз таҳдидҳои хатарбори тахрибкориву тундравӣ ҳифз кардан, ваҳдати миллиро таҳким бахшидан, амнияту суботи ҷомеаи кишварро мустаҳкам намудан, сатҳи огоҳии мардум, хусусан ҷавононро баланд бардоштан аз ҷумлаи корҳои доимӣ ва заҳматталаби сиёсати давлатдорӣ ва фарҳангии мо мебошад".[1] Агар ба умқи суханҳои Пешвои миллат равем, мефаҳмем, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳар миллату халқият бояд фарҳангу асолати миллии хешро ҳифз намояд ва ба несту нобуд нагардидани он заҳмат намояд. Зеро таърих худ гувоҳ аст, ки дар тӯли раванди ҷаҳонишавӣ баъзе халқиятҳо

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 20 апрели соли 2011. - С. 24.

маданияти хешро аз даст доданд ва қариб ҳамчун миллат низ аз байн рафта истодаанд. Яке аз роҳҳои бади ҷаҳонишавӣ ин ба миён омадани ҳизбу гурӯҳҳои иртиҷоӣ, аз ҷумла террористиву экстремистӣ аст, ки ҷавононро ба коми худ мекашад.

Ин ҳолат имрӯз як қатор ҷомеаи давлатҳои пасошӯравиро низ ҷалб намудааст. Мутаассифона, бархе аз ҷавонони гумроҳшуда ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ дохил мешаванд, ки аз чунин сабабҳо иборат аст: - дар замони муосир ҷавононе мавҷуд ҳастанд, ки бо вуҷуди шароити пасти иҷтимоию иқтисодӣ доштанашон ба ифротгароӣ дода намешаванд. Аммо ҳолатҳое мешавад, ки инсон шароити хуби оилавӣ доштанаш ҳам ба роҳҳои бад меравад. Дар ин ҷо сабаби асосӣ талқиннамоӣ буда, мафкураи нокифоягӣ доштани ҷавонон нақш мебозад. Чанде ки дараҷаи ҷаҳонбинӣ васеътар бошаду мафкура инкишофёфта, ҳамон қадар шахс худро аз корҳои ифротӣ камтар дур намояд. - ҷавонони мо имрӯз маърифат ва саводи ибтидоии динӣ кофӣ надоранд. Имрӯзҳо байни ҷавонон ба дини ислом таваҷҷӯҳи зиёд доранд, вале онҳо шинохти дурусти динӣ надоранд. Бинобар ин, вақте онҳоро бо номи дин ба ягон ҷо даъват мекунанду мегӯянд, ки ислом ҳамин асту ҷиҳод ҳамин, ҷавонон бовар мекунанд. Барои ин бояд ҷавонон бо чашм ва дили худ дини мубини исломро дуруст аз худ намояд. - ҷавононе, ки ҷаҳонбинии хуби сиёсӣ надорад, моҳияти равандҳои сиёсии ҷомеа, минтақа ва ҷаҳонро дарк намекунад, гумон мекунад, ки ин ҳаракатҳо исломианд. Бинобар ин, ба онҳо ҳамроҳ мешаванд. Бехабар аз он ки на дар хизмати ислом, балки дар хизмати кадом як хоҷае қарор гирифтааст. Барои пешгирӣ намудани ин вабои аср ҳам маърифати динӣ ва ҳам маърифати сиёсии мардумро баланд бардоштан лозим. Бояд сатҳи маърифатию ҷаҳонбинии ҷавононро баланд бардошта, корҳои таблиғотӣ ва таълимиро дуруст ба роҳ монем, ҳадди ақал инсон аз расонаҳои давлативу хориҷа истифода намояд ва онҳоро тақозо кунанд. Омили ҳастӣ фарҳанг ва нишони ҷовидонию

тамаддунофарии халқу миллатҳо мебошад. Фарҳанг буд, ки баъди ҳазорсолаҳо миллати тоҷик эҳё гардид ва дар арсаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Фарҳанг аст, ки ҳаёти инсоният мазмуну мӯҳтавои хоса пайдо намудааст ва байни ашхос эҳтирому самимият ва садоқат ҳукмфармо мебошад. Дар шароити дигаргунсозиҳои муносибат ва ташаккули давлати соҳибтамаддун иштироки ҷавонон дар ташаккули фарҳанги миллӣ ва ҳуввияти ватандӯстӣ басо ногусастанист. Ҷавонон дар давраҳои алоқаманди ҳаётӣ метавонанд пойдевори фарҳанги миллӣ ва ватандориро созанд ва ба наслҳои дигар супоранд. Дар ҳамин васила, сатҳу сифати пойдевори фарҳангию тамаддунофарӣ аз садоқат, ҳамбастагӣ ва фаъолнокии насли ҷавон вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, дар сатҳи кишвар дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон пайваста амалӣ мегардад, ки дар доираи он тадбирҳои гуногуни алоқаманд ба тарбияи фарҳангӣ ва ватандӯстии ҷавонон мунтазам андешида мешаванд. Усулҳои муттаҳидӣ ва рушди имконоти фарҳангии ҷавонон ин ташкили фестивал ва форумҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ мебошад, ки дар натиҷа садҳо насли ҷавони кишвар имкон пайдо мекунад, то аз ҳаёту фаъолияти якдигар огоҳ бошад ва таҷриба андӯзад. Бо ҳамин мақсад дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамасола мунтазам фестивали дӯстии ҷавонон бахшида ба рӯзҳои таърихӣ баргузор мегардад. Мавриди ташкили фестивал бахшида ба санаи муайяни таърихӣ ин худ аллакай ҷалби ҷавонон ба шиносоӣ, маълумотнокӣ ва пос доштани фарҳанг ва тамаддуни миллӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки дар шароити дигаргунсозиҳои ҷаҳонӣ муқаррар кардани чаҳорчӯбаҳо ва меъёрикунонии муносибат нисбат ба қишрҳои муайяни ҷомеа, бахусус ҷавонон тақозои замон ва талаботи ҷомеаи мутамаддин мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари ҷавон асту қувваи асосии меҳнатиро ҷавонон ташкил медиҳанд, аз ин рӯ, барои он муайян кардани ҷабҳаҳои фаъолият ва дурнамо нисбат ба ҷавонон мувофиқи

мақсад арзёбӣ мегардад. Кор бо ҷавонони кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад ва татбиқи босамари он ба таври мунтазам дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Пойдевори татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ва сарчашмаи ғизои маънавию моддии амалишавии он маҳз аз ҳидоят, дастгирию ғамхории пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони кишвар пайвандӣ дорад. Қобили зикр аст, ки дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон нишондиҳандаҳои муайян – инъикоси рушдёбии соҳа аст. Иштироки фаъоли ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мунтазам ҷалб намудани онҳо дар таҳия ва амалигардонии барномаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ низ аз масъалаҳои мубрами ҷомеа мебошад. Инчунин, вобаста ба васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути такмил додани иштироки фаъолонаи онҳо дар масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ба воситаи ҳаракати ҷавонон, марказҳои ҷавонон, ҷалби доираи васеи онҳо ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ба роҳ гузошта мешавад.

Дар оянда рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонони равшанфикр вобастагӣ дорад, ки мебояд онҳо барои эмин нигоҳ доштани сулҳу субот талош варзанд ва аз таъсири мафкураи берунӣ аз ҷумла идеологияҳои нокомили ҷомеаи муосир фирефта нашаванд. Рушду ташаккул додани заминаҳои мустаҳками сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат аз ҷавонон вобастагии қавӣ дорад. Дар ин замина ташаккули идеологияи миллӣ ё ин ки идеологияи ҷамъиятӣ-давлатӣ ба мақсад мувофиқ буда, метавонад кулли манфиатҳои ҷомеаро фаро гирад. Асос ва ё заминаҳои асосии идеологияи миллиро бо дарназардошти таъмини рукнҳои ҳуқуқии он метавонанд ғояҳо ва меъёрҳои констиутсионӣ, ки аз ҷониби

ҳамаи шаҳрвандони комилҳуқуқ қабул гардидаанд, ташкил диҳад[1]. Барои паҳн кардани идеологияи миллӣ бояд ба чунин дастовардҳоро ноил шуд:  - фазои сиёсӣ-маънавии идеологияи миллӣ бояд аз ҷониби давлат ҳифз гардад ва аз ҳар гуна таъсирҳои идеологияи беруна худро эмин доранд; - ҳадафҳои идеологияи миллӣ бояд ба ташаккули мафкура ва маърифати сиёсии ҷавонон, ки қишри асосии ҷомеа ба ҳисоб мераванд, равона гардад; - идеологияи миллӣ шароит фароҳам меорад, ки талабот ва принсипҳои асосии демократикунонии ҷомеа амалӣ гардонида шавад; - идеологияи миллӣ ва устувории сулҳу ваҳдат ва оромию осоиштагии ҷомеа заминаи мусоид барои шакл гирифтани мафкураи комил ва устувори сиёсӣ-маънавии шаҳрвандонро фароҳам мегардад; - бо ташкил ёфтани идеологияи миллӣ имкониятҳои мудофиавии кишвар ва амнияти миллӣ бо баланд гардидани ҳисси ватандӯстии ҷомеа, махсусан ҷавонон, масъулияти шаҳрвандӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳуввияти миллии онҳо мустаҳкам гардида, равнақ меёбанд; - идеологияи миллӣ метавонад на танҳо ба пос доштан, балки талқини анъана ва урфу одатҳои миллӣ, инчунин тамаддун, таърих ва фарҳанги аҷдодӣ дар ҳудуди мамлакат мусоидат намояд.

Сиёсати давлатии ҷавонон аз назари идеологӣ низоми муносибатҳои мутақобила ва ифодакунандаи нерӯи зеҳнӣ ва руҳии шаҳрвандони ҷавон буда, манфиатҳои давлатро ба нафъи ҷомеа ва рушди оянда муаррифӣ ва ҳифз менамояд[2]. Мувофиқан сиёсати давлатии ҷавонон ин идеологияи давлатӣ дар байни ҷавонон дониста мешавад, ки объекти он – ҷавонон 70% аҳолии кишварро ташкил медиҳад. Зимнан татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон метавонад рушди бомароми идеологияи миллиро таъмин созад.

---

[1] Ниг.: Миралиев Қ.А. Роҳнамо: идеологияи миллӣ ва ҷавонон. [Матн] / Қ. А. Миралиев. -  Душанбе, 2016. – С.66.
[2] Ниг.: Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, № 480. – С.7.

Чӣ тавре қонунгузорӣ муқаррар кардааст, сиёсати давлатии ҷавонон системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон, бо мақсади таъмини таълиму тарбия, ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи пурсамари иқтидори онҳо ба манфиати ҷамъият таҳия ва татбиқ мегардад[1] . Мақсад ва принсипҳои идеологияро, чун ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон, инкишофи маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, ташкили имкониятҳои васеъ барои интихоби роҳи ҳаёт, иштироки бевоситаи ҷавонон дар раванди ташаккулу татбиқи сиёсат ва ғайра фаро мегирад, ки ба воситаи чорабиниҳои гуногун аз ҷониби ташкилоти кор бо ҷавонон амалӣ гардонида мешаванд. Ин раванд инкишофи идеологии ҷавононро таъмин месозад ин мутаносибан иштироки онҳоро дар таҳкими идеологияи давлатӣ фаъол мегардонад. Қисми муҳими идеологияро иттилоот ташкил медиҳад, барои ҳамин ҳам соҳибмаълумот будани субъектҳои асосӣ худ натиҷаи идеология мебошад.

Яке аз василаҳои устувори ташвиқу тарғиби идеология ин ҳавасмандгардонии маънавӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон тавассути дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва ё истеъдодҳои ҷавон ба амал бароварда мешавад[2]. Яъне, бо пиёда кардани барномаҳои гуногун дар самти дастгирӣ ва қадршиносии лаёқати ҷавонон бо назардошти ҷанбаъҳои идеологӣ, онҳоро метавон руҳбаланд сохт ва дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва пос доштани муқаддасоти миллӣ тарбия намуд. Аз назари психологӣ фард ҳангоми эҳсос кардани аҳамиятнокии худ дучанд фаъол мегардад,

---

[1] Ниг.: Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, № 480. – С.7.

[2] Ниг.: Миралиев Қ.А. Ҷавонон ва 20 соли истиқлолият. [Матн] / Қ. А. Миралиев. – Душанбе: САМТ, 2012. – С.27

ба меҳан садоқати зиёд пайдо мекунад ва ба ҷомеа хубтару беҳтар хизмат мекунад[1].

Бартарияти дигари сиёсати давлатии ҷавонон дар татбиқи ғояҳои идеологӣ ба мавҷудияти низоми муътамади маблағгузорӣ тавассути барномаҳои давлатӣ ва мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон мебошад. Дастгирии иҷтимоии ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ гардида, қисми зиёди сиёсати давлатии ҷавононро фаро мегирад. Дар ҷамъият ба гурӯҳи норизоён, мухолифон, зимнан ҷабрдидагон бештар ниёзмандон, осебпазирон ва тангдастони иҷтимоӣ шомил мебошанд. Яъне, бинобар тангдастӣ шахс ба доми бадхоҳон афтода, гурӯҳи мухолифонро пур мекунад ва зидди қабул ва ё татбиқи рукнҳои идеологияи давлатӣ пофишорӣ менамояд.

Татбиқи сиёсати иҷтимоии ҷавонон воситаи муносибест дар роҳи таҳким ва талқини рукнҳои идеологӣ дар байни ҷомеаи ниёзманд ва осебпазир. Дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дастгирии иҷтимоӣ дар шакли машварат ҷиҳати ҳалли мушкилот, кӯмаки молию пулӣ, таъмин бо манзили истиқоматӣ, мусоидат ба хонадоршавӣ, табобат ва ғайра амалӣ мегарданд[2]. Устувории сиёсӣ ҷиҳати талқини идеологияи миллӣ дар байни ҷавонон тавассути ҳал намудани мушкилоти рӯзмараи онҳо ба бор меояд. Зимни муқоисаи самт ё ҳадафи идеология бо вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон робитаи зичи онҳоро дар тарбия, маърифатнокӣ, рушди комили ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир натиҷаҳои мусбӣ хоҳад дод.

Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои асосии ташаккули сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди татбиқи онро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба чунин хулосаҳо расидем:

---

[1] Ниг.: Джураев, К. К. Сборник нормативно-правовых актов в сфере реализаьии государственной молодежной политики в Таджикистане Сборник для органов по делам молодеж. [Текст] / К. К. Джураев, К. А. Миралиев. – Душанбе, 2011. – С.36.

[2] Ниг.: Миралиев Қ.А. Роҳнамо: идеологияи миллӣ ва ҷавонон. [Матн] / Қ. А. Миралиев. - Душанбе, 2016. – С.88

– хусусиятҳои мушаххаси ҷавононро хусусиятҳои худбинона ва мувофиқаи онҳо дар бар мегиранд, ки мақоми иҷтимоии ҷавонон, сохтори дохилии ҳавасмандкунандаи фаъолиятро ифода менамоянд. Ҳар гуна сиёсати ҷавонон ба дарки ҷавонон ҳамчун як гурӯҳи мухтори иҷтимоию фарҳангӣ асос ёфтааст, ки нисбати меъёрҳо ва арзишҳои қонунии иҷтимоӣ масофаирӣ нишон медиҳад;

– сиёсати ҷавонон, ки ба модели мутобиқшавандаи эволютсионӣ асос ёфтааст, имкон намедиҳад ки аксуламали иҷтимоии ҷавонон комилан пешгӯи ва тақвияти самти танзими мавқеи иҷтимоӣ ва истифодаи усулҳо барои пешрафти рафтори дастовардии ҷавонон талаб карда шавад. Шакли равобити иҷтимоӣ-реактивии ҷавонон ҳангоми ба сиёсати ҷавонон додани хусусияти стратегӣ, мутобиқшавӣ ва пешрафта бартараф карда мешавад;

- ташаккули низоми сиёсии муосир, бунёди давлатдории ҷавони тоҷик ва рушди демократия зарурати ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо дорад, ки шарти он ҳузури ҷавононе мебошад, ки қодиранд ба таври конструктивӣ бо ҳадафҳо, манфиатҳо, арзишҳои умумӣ амал кунанд, инчунин омодаанд, манфиатҳои шахсии худ ва роҳҳои ноил шудан ба онҳоро дошта бошанд;

- субъектҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон инҳоянд: шаҳрвандони ҷавони Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, мақомоти машваратии ҷавонон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар татбиқи самтҳои сиёсати давлатии ҷавонон иштирок доранд.

### 1.2. Махсусиятҳои татбиқи сиёсати ҷавонон дар низоми идораи сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ

Сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳо ва шаклҳои гуногун татбиқ мегардад. Таваҷҷуҳи асосиро дар

ҷомеаи муосир риояи ҳуқуқ ва таъмини низоми баҳисобгирии манфиатҳои онҳо ташкил менамояд. Барои ҷавонон ҳамаи навъҳо ва шаклҳои ҳуқуқҳо муҳиманд. Мақомоти мухталифи идоракуниро зарур аст, ки ҳамаи онҳоро ба инобат гиранд ва дар самти амалӣ гардидани онҳо фаъолияти самаранок дошта бошанд.

Масъалаи татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои гуногуни меъёрии сиёсӣ ва ҳуқуқии сатҳи гуногун ифодаи худро пайдо намудаанд.[1] Онҳоро дар маҷмӯъ чунин ифода намудан мумкин аст:

- мусоидат ба фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкории ҷавонон;
- дастгирии иҷтимоӣ ва соҳибкории ҷавонон;
- дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон;
- дастгирии давлатии ҷавонони соҳибистеъдод;
- кӯмаки моддию молиявӣ ба ҷавонон ва хизматрасонии иҷтимоии онҳо;
- мусоидат ба ҳалли масъалаи манзил ва беҳтар кардани шароити зиндагии ҷавонон;
- тарбияи ҷавонон, аз ҷумла тарбияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, таъмини иштироки ҷавонон дар рушди фарҳанги миллӣ ва забони давлатӣ;
-кафолати таҳсили ройгони ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва махсуси давлатӣ;
-кафолати таъминоти шахсони ятиму бепарастор, бо ҷои кор таъмин кардани онҳо;
-дастгирии давлатии таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти касбӣ;

---

[1] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. –Душанбе: Ганҷ, 2016; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 06. 2011, №716.

-мусоидат ба шуғли мутахассисони ҷавон;

-риояи кафолати ҳуқуқҳои ҷавонон ба таҳсил, ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳимояи иҷтимоӣ;

-таъмини шароити мусоид ба ҳамкории байналмилалии ҷавонон, иштироки онҳо дар ҳаракатҳои иҷтимоии байналхалқӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид ба ташаккул ва рушди иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва фаъолияти самараноки онҳо;

- таъмини иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеа ва саҳми онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ;

- таъмини шароит барои фароғат ва истироҳати ҷавонон;

- ташаккули фаъолияти волонтёрии ҷавонон, мусоидат ба фаъолнокии ҷавонон дар беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва дастгирии давлатии онҳо;

- пешгирии ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, гаравидавни ҷавонон ба ҳаракатҳои радикалию экстремистӣ ва террористӣ;

- ба ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона чалб кардани ҷавононе, ки дар вазъияти номусоиди ҳаётӣ қарор доранд.

Асоси татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро барномаҳои давлатии ҷавонон ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон тасдиқ карда мешаванд.

Аммо таваҷҷуҳи моро бештар ҳуқуқу манфиатҳо ва дархостҳои сиёсии ҷавонон ташкил менамоянд. Дар ниҳояти кор, масъала дар бораи ба идоракунии ҷомеа, аз ҷумла идораи раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсӣ ҷалб намудани ҷавонон меравад. Ҷавонон бояд имконияти воқеӣ дошта бошанд, ки ба вазифаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ интихоб гарданд ва дар интихоби чунин мақомот ва вазифаҳо иштироки бевосита дошта бошанд. Муҳим он аст, ки ҷомеа ва элитаи сиёсии он то кадом андоза

омодаанд, ки талаботу дархостҳои ҷавононро ба инобат гиранд ва дар воқеияти ҷамъиятӣ ба таври самаранок истифода баранд.

Татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон инъикоси худро бештар дар асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайдо намудаанд. Президенти муҳтарам дар Паёмҳои ҳамасолаи худ ба масъалаи ҷавонон ва махсусан, вобаста ба мавқеи онҳо дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди давлатдории миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Чунончи, дар Паёми соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба рисолат ва мавқеи ҷамъиятии ҷавонон ибрози андеша намуда, таъкид доштанд, ки «ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад»[1].

Анъанаи ироа ва пешниҳоди Паём аз ҷониби Сарвари давлат, шахси аввали сиёсати мамлакат бештар дар таҷрибаи кишварҳои низоми демократӣ дошта, давлатҳои демократии классикӣ-шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ, парлумонӣ ва монархияи конститутсионӣ (ҳуқуқи монарх, ҳокими мутлақ бо конститутсия маҳдуд карда мешавад) роиҷ аст.[2] Таҳлили ин намуди муоширати сиёсӣ нишон медиҳад, ки он таърихи тӯлонӣ дошта, дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавриди истифода қарор доштааст. Ҳамин тавр, агар дар Англияи асрҳои XIII дар ҷаласаи Парлумон «нутқи тахтии» шоҳ садо диҳад, аз аввали ташкилшавии ИМА он дар шакли суханронии Президенти он (1790) дар назди сенаторони Конгресс, дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар шакли Паёми

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/21975 (санаи мурочиат: 24.02.2020)

[2] Ниг.: Набиев В., Сабуров Х., Шарипов Ш. Паём ва рисолати созандаи он. [Матн] / В.Набиев , Х.Сабуров, Ш. Шарипов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 3.

Котиби генералии ҳизб ба Шурои Олии Иттиҳод, баъди пошхӯрии он ва таъсиси кишварҳои алоҳидаи мустақили пасошӯравӣдар Паёми сарварони ин кишварҳо ба вакилон татбиқ мегардад. Дар ин мухит, аксарияти кулли сарварони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - Президенти Федератсияи Россия аз соли 1994, Президентони Украина, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Гурҷистон, Арманистон, Озарбойҷон ва ғайра маъмул мебошанд.[1]

Ироаи Паёми Сарвари давлати тоҷикон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, мутобиқи боби чаҳоруми он, ки «Президент» ном дошта, моддаи 6-ми он салоҳияти Президентро муайян менамояд ва банди аввали он Президентро дар муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар муваззаф менамояд, мутобиқи моддаи 70 бошад, Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад ва масъалаҳоеро, ки зарур мешуморад, дар муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.[2] Ҳамин тавр, Паёми Президенти мамлакат ба Парлумон пояи қонунӣ ва ҳуқуқӣ дошта, он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва аз вазифа, ҳуқуқ, салоҳиятҳои конститутсионии сарвари давлат тибқи қонуни асосии мамлакат сарчашма мегирад.

Ҳар як Паёми алоҳида тибқи вазифа, мақсаду маром ва хусусиятҳои хоси худ марбут ба марҳилаи муайяни инкишофи мамлакат буда, дар он ҳадафҳои асосӣ ва барномаҳои мушаххасгардидаи ояндаи наздик, миёнамуҳлат, инчунин перспективаи рушди устувору бонизоми давлату ҷомеаи алоҳида, ба таври таҳлилӣ, возеҳу равшан, дар появу заминаҳои асосноки илмӣ ҷой дода мешаванд. Дар Паёмҳо ҷамъбасти ин барномаҳо

[1] Ниг.: Саидов Ш. Паём: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти сиёсии он [Матн] / Ш. Саидов // Паёми ормонҳои миллат. Мавод аз Конфронси илмӣ-назариявии вилоятии «Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол». – Хуҷанд, 2017. – С. 184.
[2] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 42.

ва натиҷаҳои бадастомада қайд гардида, баҳодиҳии айниву зеҳнии татбиқи нақшаҳои пешин, бо муайян кардани самҳои афзалиятноки рушд ифода мегарданд. Чун анаъана Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дошта, дар доираҳои сиёсӣ онро ҳамчун заминаи конститутсионӣ ва ҳуқуқии ташаккули стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мешуморанд. Ҳамзамон, паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти як ҳуҷҷати сиёсиро доро аст, ки бо воситаи он мавқеи сарвари давлат оид ба самтҳои гуногуни сиесати дохилӣ ва хориҷӣ ба ҷомеа муаррифӣ мешавад. Бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиесати муосири давлат хеле бузург аст.

Аҳаммияти дигари Паёми солонаи Президент аз он иборат аст, ки дар ин ҳуҷҷат нишондиҳандаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеа сабт мегарданд; самтҳои рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа муайян карда мешаванд; идомаи мантиқии сиёсати давлат инъикос мегардад; самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ муайян карда мешаванд.

Таърихи тамаддуни башар нишон медиҳад, ки рушду нумуи кишвару давлатҳо дар ҳамаи ҷанбаҳояш- сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ дар як он ба вуҷуд омада, ҳадди ақал дар давоми 4-5 соли андешаронӣ оид ба тадбирҳои мақсаднок, интихоби роҳу равишҳои ноил гардидан ба ҳадафҳо, фаъолияти муттаҳиди мақсаднок, ҳадафрас ва пайгирона оғоз мегардад. Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳам тибқи ҳамин қонунсолорӣ рушд карда, баъди нобасомониҳои солҳои аввалин, аз солҳои 1994 ба татбиқи ислдоҳоти иқтисодӣ шуруъ кард ва ба таври умум соли 1997 ба суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ расид. Минбаъд кишвари тоҷикон устуворона ва пайгирона дар роҳи рушд қадам зада, имрӯз дар байни кишварҳои ҷаҳон ҳамчун мамлакати ба таври динамикӣ инкишофёбанда муаррифӣ гардида, бо дастовардҳои назарраси худ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар арсаи байналхалқӣ ҷою мақоми хосаи шинохтаеро соҳиб гардидааст.

Маҳз дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои таърихии рушди кишвар таъкид мегардад, ки аз ҷумлаи онҳо ба имзо расидани ҳуҷҷати сарнавиштсози Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ- 27- уми июни соли 1997, расидан ба Ваҳдати миллӣ, таъмину таҳкими сулҳу субот ва амнияту оромӣ дар ҷомеа, инчунин масъалаҳои калидии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошанд. Дар онҳо самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ, вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муайян ва мушаххас мегарданд. Агар ба таври мушаххас ба масоили дар Паёмҳо матраҳшаванда назар намоем, онҳоро метавон ба таври зайл номбар кард: масъалаҳои иқтисодӣ; иҷтимоӣ; маориф; илму фарҳанг; таълиму тарбия; тандурустӣ; варзиш; масъалаҳои оила, занон, ҷавонон; беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии мардум; таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат, амният ва субот дар ҷомеа; мубориза алайҳи қонуншиканӣ, терроризм, экстремизм; пешгирӣ аз паҳншавии фарҳанг ва ғояҳои бегона ва дигар зуҳуроти номатлуб дар ҷомеа ва ҳоказо.

Ҳамин тавр, Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мазмун ва муҳтавои хеле пурарзиш, ҳадафрас ва ифодагари вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии мамлакат, дурнамо ва паёмадҳои хушоянди фардои миллат, орзуву омоли халқи тоҷик дар роҳи бунёди Тоҷикистони ободу озод ва шукуфону мутараққӣ мебошад.

Вақте бевосита ба таваҷҷуҳи сарвари сиёсии давлат нисбати масъалаи ҷавонон назар мекунем, возеҳу равшан мешавад, ки дар ҳамаи Паёмҳо нисбат ба ин масъала диққати махсус дода мешавад. Дар Паёми соли 2000 дар мавриди ҷавоншавии ҳайати Парламент истода гузашта Ҷаноби Олӣ изҳор доштанд: «Дар айни ҳол ҳузури ҷавононро дар кори

Парламент хотирнишон кардан бамаврид аст. Зеро ҷавонон ворисӣ ояндаи роҳу равиши ҷомеаи демократӣ ва мақомоти олии қонгузори мамлакат мебошанд»[1]. Масъалаи табодули наслҳоро дар ҳама соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун яке аз шароитҳои ҳалкунандаи таъмини ояндаи миллат баррасӣ намуда, сарвари сиёсии кишвар аз ин давра минбаъд доимо нисбати масъалаи иштироки амалӣ ва фаъолонаи ҷавонон дар арсаи сиёсӣ, байналхалқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро яке аз масоили муҳими умури давлатдории давраи истиқлолият қарор медиҳад.

Дар мавриди умури хориҷии кишвар Сарвари давлат таъкид менамоянд, ки сулҳу ризояти миллии кишвар бо дастгирӣ ва миёнаравии ҷомеаи ҷаҳонӣ ғайриимкон буд. Дар ин самт бояд пеш кӯмак ва дастгириҳои бесобиқаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амнияту Ҳамкорӣ дар Аврупо ва намоядагону нозирони онҳоро махсус таъкид намуданд, ки аз аввалин рӯзҳои таъсиси кишвари мустақили тоҷикон бо мо ҳамкорӣ карданд. Нақши ҷомеаи ҷаҳонӣ дар истиқрори сулҳу оштии миллӣ, ба раванди созандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ гузаштани кишвар ба андозаи зиёд аз ҳамин ҳамкорӣ, ки сароғози муносибатҳои байналхалқии кишвари ҷавон буданд, хеле барҷаста аст.

Эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи СММ барои истиқрор ва бо боварӣ нисбати қудрату тавони худ, дар фаъолиятҳои бисёрҷонибаи сохтмони ватан ва ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва мустақил иқдом кардани он хеле муҳим буд. Тавре дар Паёми соли 2000 омадааст: «Дар баробари саъю кӯшиши СММ ба раванди истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон 8 кишвари дӯст иштирок ва мусоидат намуданд, ки як иддаи онҳо, масалан Россия, аз оғоз ва кишварҳои кафили сулҳи тоҷикон Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон,

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 9.

Туркманистон, Эрон, Покистон ва Афғонистон дар ин раванд саҳми арзандаи худро гузоштанд”[1].

Паёми соли 2000 инчунин таъкид меравад, ки дар баробари ҳайати нозирони СММ ҳиссаи Комиссари Олии он оид ба гурезагон ва Фонди байналхалқии кӯдакон дар истиқрори сулҳу оштии миллӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мамлакат, расонидани кӯмаки башардӯстона, бозгашти гурезаҳо ба Ватан ва таъмини онҳо бо хонаю ҷой сазовори қадрдонист.[2] Дар паёми мазкур инчунин нақши Барномаи тараққиёти СММ дар рафъи низоъ ва амалӣ гардонидани барномаҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии кишвар арзанда дониста шуда, ҳамкориҳои гуногунмазмуни Ҳукумати Тоҷикистон бо созмонҳои миёнарав ва пеш аз ҳама бо СММ, ҳайати нозирони он ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ноил гардидан ба сулҳу омодагӣ ва ризояти миллӣ таҷрибаи муҳимми истиқрори сулҳ дар минтақаи даргир арзёбӣ гардид. Сарвари давлат пеш аз ҳама ба ҷавонон муроҷиат карда, зарурати омӯзиш, таблиғ ва вусъат додани таҷрибаи мазкурро таъкид намуданд.[3]

Вижагиҳои сохтордиҳии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, дар он Президенти кишвар чанд ҷанбаро махсус таъкид карданд. Яке аз таъкидҳои асосӣ он буд, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар солҳои охир умуман самаранок буда, он бештар барои устувор намудани раванди оштиимиллӣ, инкишоф додани муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамсоягӣ,

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С.10.
[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 10.
[3] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 10.

гузоштани асосҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ нигаронида шуда буд.[1]

Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар Паём таъкид ва шарҳи муфассали худро ёфтааст, масъалаҳои иқтисодӣ буда, дар он оид ба сатҳу сифати иҷрои Барномаи панҷсолаиислоҳоти иқтисодӣ ва татбиқи давра ба давраи он сухан рафт. Дар ин маврид таъкид гардид, ки татбиқи Барномаи мазкур барои муътадилгардонии макроиқтисодӣ, беҳбуди идорашавии иқтисоди кишвар, дигаргунсозиҳои сохторӣ, аз ҷумла ислоҳоти кишоварзӣ,суръатбахшии хусусигардонӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва барҷаста дорад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеаи кишвар ба роҳ мондани саноат муайян гардид. Сарвари кишвар ёдрас гардиданд, ки таҷрибаи кишварҳои пешқадами ҷаҳон рукну фишанги асосии рушд будани саноатро собит месозад. Дар шароити Тоҷикистон бе мавҷудияти саноати пешрафта таъмин намудани сатҳи баланди зиндагонии мардум, иҷтиқлолият ва бехатарии иқтисодӣ, ҳалли муваффақиятноки масъалаҳои иҷтимоӣ аз имкон берунаст. Инкишофи саноати дорои технологияи пешқадам на танҳо ба некуаҳволии моддии мардум, балки барои болоравии маънавиёт ва рушди зеҳнии ҷавонон мусоидат менамояд. Дар робита ба ин, аҳаммияти таҳсили ҷавонон дар макотиби олӣ ва махсуси соҳаҳои саноатии дохил ва хориҷи кишвар, аз ҷиҳати мутахассисони миллӣ таъмин кардани соҳаи саноат, фароҳам овардани шароити рушди соҳибкории саноатӣ ва иштироки сармояи дохилӣ дар ин раванд хеле муассир дониста шуд. Татбиқи чораҳои мазкурро ҳангоми муайян намудани мақом ва манзалати соҳаи саноат дар иқтисодиёти мамлакат, муқаррар намудани дурнамои тараққиёти он мо

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Т0ҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 9.

бояд маҳз аз ҳамин мавқеъ назар кунем ва баҳо диҳем.[1] Дар Тоҷикистон бо барқарории сулҳ раванди бебозгашти он имкон дода, ки чорабиниҳои ба демократикунонии ҷомеа равона гардида, дар ҳаёти сиёсии кишвар идома ёбанд.

Дар Паёми соли 2000 гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи ҷустуҷӯ ва омӯзиши имкониятҳои амалӣ кардани натиҷаҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ эълом дошта шуда, дар марҳилаи нави давлатдорӣ қарор доштани Тоҷикистон, гузошта шудани заминаҳои устувор барои рушди муносибатҳои гуногунҷабҳаи байналхалқӣ бо кишварҳои ҷаҳон, имконияти иштирок ва тақвият додани равандҳои ҳамгирой дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар ташкилоту иттиҳодияҳои байналхалқӣ, кишварҳои Осиё ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, кишварҳои ҳамсояро пайдо кардааст.[2]

Дар ин маврид ба масъалаи тарбия ва омода кардани кадрҳои миллии баландихтисос махсус таваҷҷуҳ карда шуда, мушаххасан таъкид гардид, ки он вазифаи бағоят муҳим мебошад. Тайёр намудани кадрҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ камбудии кишварро ба кадрҳои болаёқат, ки дар асоси муносибатҳои бозорӣ кор карда метавонанд, бояд ба кори реструктуризатсия ва эҳёи саноат, баланд бардоштани мақоми он дар ҳаёти ҷомеа самаранок хоҳад буд. Дар ин самт бояд бештар ба мутахассисоне такя намуд, ки пойбанди тафаккури кӯҳнаи қолабӣ нестанд ва мувофиқи шароити нави имрӯза фаъолият карда метавонанд. Ниёзмандии кишвар ба мутахассисони соҳаҳои гуногун-саноат, нафту газ, бонку молия, алоқа, авиатсия, туннелсозӣ, техникаи электронӣ ва ғайра хеле зиёд буда, кадрҳои тарбиякарда нав бояд мувофиқи талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ ва иқтисоди бозорӣ фаъолият намуда тавонанд. Сарвари давлат дар ин робита таъкид карданд, ки «солҳои истиқлолият

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 9.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 27-28.

як чизро пурра собит намуданд: кадрҳои миллӣ аз ӯҳдаи ҳама гуна вазифаи масъулиятнок мебароянд ва ба нафъи халқу Ватан софдилона хизмат карда метавонанд».[1]

Соли 2000 масъалаҳои вобаста сиёсати ҷавонон дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор доштанд ва ин хусусият дар Паёми соли 2000 нақш ёфтааст. Ба масъалаи шуғли аҳолӣ таваҷҷуҳ карда сарвари давлат ба яке аз масоили мубрами сиёсати ҷавонон будани он ишора намуданд. Дар он гуфта мешавад, ки яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ масъалаи шуғли аҳолӣ ва беҳтар кардани сифати бозори дохилии меҳнат мебошад. Хусусиятҳои бекориро дар Тоҷикистон таҳлил карда, Президенти кишвар онро дар мавҷудияти зиддият-ҷойҳои корӣ ҳастанд, вале одамон бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла кам будани музди меҳнат, инчунин чандон мувофиқи талаб набудани фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо аз меҳнат барканор мондаанд, мушаххас намуданд.[2]

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини имкониятҳои рушд ва таҳсили ҷавонон дар дохил ва хориҷи кишвар ба шумор меравад. Масъалаи мазкурро мавриди диққати махсус намуда, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2000 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи марҳилаи дуюми ислоҳоти соҳаи маориф шарҳ онро доданд. Пеш аз ҳама таъкид гардид, ки бояд тамоми монеаҳои расидан ба таҳсилоти ҳатмии 9–солаи духтарон бартараф карда шавад.[3]

Инчунин вазифа гузошта шуд, ки сифати маълумот бояд меъёри асосии ислоҳот бошад. Ислоҳоти соҳаи маориф ба дигаргунсозии система ва мундариҷаи тайёр кардани муаллимон ниёзманд аст. Бояд

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. –С.16.

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. –С.16.

[3]Ниг.: Галлямова Д.И. Формирование ценностных ориентаций молодежи средствами общественно-государственной политики в контексте теории человеческого капитала. [Текст] /Д.И. Галлямова // Вестник Поволжского института управления. – 2016. – №1(52). –С.85.

теъдоди хонандагон, шумораи мактабҳои олӣ ва баланд бардоштани сифати маълумот, беҳсозии мактабҳои олӣ дар Тоҷикистон аз самтҳои асосии ин ислоҳот муайян карда шавад. Президенти кишвар сатҳу сифати таълимро дар назар дошта чунин афзуданд: «Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи маориф дар асоси шартномаву қарордодҳо оид ба табодули донишҷӯён бо кишварҳои дигар чандон хуб ба роҳ монда нашудааст». Шумораи ҳамагӣ 600 нафар ҷавонписарону духтарон аз Тоҷикистон бо истифодаи грантҳо ва стипендияҳои пешниҳодгардида дар Россия, Чехия, Америка, Хитой, Англия, Олмон, Австрия, Швейтсария, Франсия ва ғайраҳо таҳсилкунандаро хеле нокифоя номида, ин шумораро барои инкишофи соҳаҳои электроника, навовариҳои технологии муосир ва кашфиёте, ки пешрафти мамлакатро мувофиқи талаботи замон таъмин карда тавонад хеле ночиз шуморид.[1]

Дар ин маврид таъкид гардид, ки дар шароити имрӯза ислоҳоти куллии сохтор ва низоми идоракунии илм ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ ногузир ва амри воқеӣ гардидааст. Ин тораҳои бевосита ба татбиқи сиёсати байналхалқии ҷавонон дахл дошта, аз онҳо фаъолияти бештарро дар роҳи аз бар кардани донишҳои муосиру пешқадам дар дохил ва хориҷи кишвар, ҳарчӣ бештар кӯшиш кардан ҷиҳати аз худ намудани электроника, навовариҳои технологии муосир ва кашфиёте, ки пешрафти мамлакатро дар соҳаҳои муосири илму техника ва технологияҳо таъмин менамояд, бо дониши рақобатпазир барои ватану миллат хизмат намудани онҳоро талаб менамояд. Ин вазифа бояд яке аз самтҳои асосии мақомоти марбут бошад. Айни замон таъкид гардид, ки ҷавонони барои таҳсил ба хориҷи кишвар сафарбаршуда бояд арзишҳои миллӣ ва сарватҳои маънавии халқи тоҷикро фаро гирифта бошанд, то ин ки бо ифтихори миллӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори

[1]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С.23.

ватандорӣ ва эҳтироми ҳамдигар мусаллаҳ буда, минбаъд барои таъмини истиқлолияти фарҳанги мамлакат мусоидат намоянд.

Президенти кишвар нақши созандаи фарҳангро дар муқовимат ба фишорҳои иттилоотии беруна таъкид карда афзуданд, ки «бояд дар хотир дошт, ки яке аз бузургтарин дастовардҳои давраи истиқлолият ба вуҷуд овардан ва ба қувваи пешбарандаи ҷомеа табдил ёфтани тафаккури давлатдорӣ, эътимоди умумихалқӣ оид ба пойдории давлати миллӣ, тараққиёти устувори сиёсиву иктисодӣ ва фарҳангии кишвар мебошад». Ин асосҳои маънавиро пеш аз ҳама дар фазои маънавии ҷавонон мустаҳкам намуданро таъкид карда, чунин ҳидоят намуданд: «Рушду нумӯи ҳамаи соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла адабиёт, театр, мусиқӣ, рассомӣ ва ғайра омили муҳимтарини ташаккули афкори созандаву бунёдкорона, хулоса, асоси пешрафти шуури ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад»[1].

Дар Паёми соли 2003 ба Маҷлиси Олӣ (4-уми апрел) пеш аз ҳама ба зарурати муқовимати шадид ба чунин зуҳуроти номатлуб монанди пайдоиш ва густариши терроризм ва экстремизм, ифротгарой ва ҷаҳолат сухан рафта, барои ин барҳам додани нодориву қашшоқиро ҳадафи кори давлат муайян карда шуд. Ба ҷавонон, ки ба синну соли коргарӣ расидаанд, мурочиат карда, нисбати онҳо даъвати фаъолона амал кардан барои рафъи камбизоатӣ дар кишвар карда шуд. Дар ин Паём Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз таҷрибаи таҳлилҳои СММ дар мавриди имконияти ҳалли мушкилот аз лиҳози технологӣ хабар дода, изҳор намуданд, ки ҳамаи онҳо ислоҳшавандаанд. Ин хулосаи коршиносони СММ ба таври муташаккилона ҳал кардани проблемаҳои глобалиро пеш гузошта зарурати пайванд ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои муштараки тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба таври қатъӣ талаб менамояд. Оид ба

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Т0ҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 24.

истифода аз таҷрибаи прагматикии давлатҳои пешрафта сухан карда, Пешвои миллат чунин шарҳ доданд, ки прагматизм маънии дақиқан мувофиқ гардонидани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ бо манфиатҳои миллии кишвар, ҳимояи фаъоли онҳо дар арсаи байналхалқӣ ва бо ёрии омилҳои берунӣ мусоидат намудан ба ҳалли проблемаҳои байналхалқӣ мебошад. Бинобар ин Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси нишондодҳои Паёми соли 2015 ба Маҷлиси Олии кишвар таҳия ва қабул гардид, заминаи хуби ҳуқуқии рушди ин тарзи маъмурияти давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.[1]

Дар Паёми мазкур дар мавриди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан карда, оид ба ташаккул додани ҷомеаи шаҳрвандӣ ибрози андеша намуданд. Мафҳуми истилоҳи ҷомеаи шаҳрвандиро шарҳ дода, Сарвари давлат таъкид карданд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд якҷоя пайдо мешаванд, мазмуну мундариҷаи ҳамдигарро пурраву комил месозанд ва равнақ меёбанд.[2] Танҳо одамони озод соҳибмулку соҳибихтиёр метавонанд ҷомеаро ташкил диҳанд, ки онро метавон ҷомеаи шаҳрвандӣ номид. Дар айни ҳол қабл аз ҳама маҷмӯи муносибатҳои ғайридавлатӣ ва ғайрисиёсиро дар назар дорад, ки доираи муносибатҳои махсуси афроди озод ва иттиҳодияҳои онҳоро дар бар мегирад. Барои ин умумияти сатҳи баланд ва мукаммали инсонҳоро ташаккул додан зарурати рушди иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон дар асосҳои қонунӣ зарур аст.[3]

Дар Паёми соли 2004 (30-уми апрел) волоияти қонун, интизом ва масъулият бо мафҳуми демократия пайванд дода шуда, асосҳои онро риояи интизоми қатъии иҷроия вобаста карда шуд. Таъкид карда шуд,

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 86

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 95.

[3]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 96.

ки ҳадафҳои муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мардуми тоҷик фарҳанги ягонагӣ, фарҳанги сулҳу субот ва созандагӣ, таҳаммул ва инсондӯстӣ, фарҳанг таъмини волоияти қонун, эҳтирому риояи ҳуқуқҳои инсон ва хулоса фарҳанги демократия мебошанд.[1] Дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ мақоми нави геополитикӣ ва геостратегии Осиёи Марказӣ таъкид гардида, мақсад ва манфиатҳои давлатҳои бузург дар атрофион, диққати кишварҳои Авруосиёро ҷалб кардани захираҳои табииву шабакаҳои коммуникатсионии минтақа мавриди андеша қарор гирифт. Дар заминаи дурнамои рушди минтақа пешгӯӣ карда шуд, ки ҳодисаҳои марбут бо Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX1 омили муайянкунандаи моҳияти муносибатҳои байналхалқӣ мегардад.

Сарвари давлат дар ин Паём махсус таъкид намуданд, ки «Тавре ки аз таҳлили мухтасари фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва мақомоти зинаҳои гуногун бармеояд, то имрӯз ба хотири таҳкими Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ободии Ватан, оромии ҷомеа ва болоравии обрӯву нуфузи давлатамон дар арсаи байналхалқӣ кори зиёде анҷом дода шудааст. Вале аз миёни ҳама корҳои анҷомдода ва комёбиҳои бадастовардаамон дар ин давра мехоҳам оромии ҷомеа, сулҳу суботи сиёсӣ ва сарҷамъии мардумамонро махсус таъкид намоям. Сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар ҳақиқат неъмати бузург аст ва ба қадри он расидан барои ҳар як шахси бонангу номус ва худшиносу худогоҳи миллат фарз мебошад».[2] Алалхусус, ки тарбияи ҷавонони ватандӯст ва соҳиби тафаккури озод, ки имконияти қабули қарори мустақилонаро дошта, кӯшиши боло бурдани сатҳи камбизоати мардум ва оилаи худро дорад, вазифаи асосии сиёсати ҷавонон ба ҳисоб меравад.

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 112.

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 126.

“Имруз мо шоҳиди он ҳастем, ки гурӯҳҳои террористӣ бештар бо ҷавонон сарукор дорад.Ҷавонон аз нигоҳи сиёсӣ ва идеологӣ як бахши фаъол ва қобили меҳнати ҷомеа мебошанд, ки нақши мусбати онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ яке аз омилҳои муҳими рушди ҷомеа мебошад. Ҷавонон бо сифати як нерӯи ниҳоят пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеаи навини мо шинохта ва эътироф шудаанд. Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017-ро “Соли ҷавонон” эълон намуда буд. Ҷомеаи тамаддунсози тоҷик бояд ба тарбияи ҷавонон аҳамияти ҷиддӣ диҳад. Корҳои таблиғотиро дар минтақаҳои осебпазири кишвар ва барои гурӯҳи осебепазир роҳандозӣ бояд кард”[1].

Дар эъломияи СММ дар мавриди сиёсати давлатии ҷавонон диққати махсус додан ба ниҳоди оила таъкид мегардад. Дар он гуфта мешавад, ки дар сиёсати пешгирӣ аз моилшавии ҷавонон ба зуҳуроти номатлуб бояд пеш аз ҳама дар ниҳоди оила сурат гирад, зеро он хурдтарин ва асоситарин қисми ҷомеа буда, давлатҳо ба мустаҳкамшавии ниҳоди оила, барномаву нақшаҳои ҷавонон бояд аҳаммияти аввалиндараҷа ва маблағгузории зарурӣ диҳанд.

Паёми соли 2006, ки 20-уми апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, ба санаи муҳими таърихӣ- понздаҳумин солгарди истиқлолияти кишвар бахшида шуда буд. Дар он таъкид гардид, ки Тоҷикистондар эътироф ва эҳтироми меъёрҳои аз ҷониби умум пазируфташудаи ҳуқуқи байналхалқӣ, ки онҳоро аввалин маротиба дар таърихи давлати соҳибистиқлол аз соли 1992 ба тасвиб расонидааст, содиқ боқӣ монда, сиёсати ҷавонони худро низ дар арсаи байналхалқӣ мувофиқи онҳо ба роҳ мондааст.

[1] Ниг.: Ҳайдаров Р.Ҷ. Роҳҳои пешгирӣ намудани раванди ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароии динӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиесӣ (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] /Р.Ҷ. Ҳайдаров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ. №2, 2018. – С. 91.

Дар Паём гуфта шуд, ки Тоҷикистон аввалин кишварест, ки дар байни 82 давлати рӯ ба инкишоф барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бо дастгирии СММ самтҳои асосии Стратегияи Миллии Рушдро барои солҳои 2007-2015-ум таҳия намуд. Мақсади асосӣ аз он ҷорӣ намудани низоми самарабахш ва шаффофи идораи давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад.[1]

Боиси тазаккур аст, ки асосҳои ҳуқуқии сиёсати ҷавонон, ки дар арсаи ҷаҳонӣ аз ҷониби СММ матраҳ ва назорат карда шудааст, дар ниҳоди дигари муҳимми байналхалқӣ Иттиҳоди Аврупо низ аз ҷониби 28 кишвари Европа, ки дар қитъаи Авруосиё ҷойгиранд, асоси ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар ҳудуди Шартномаи соли 1993 Маастрих эътироф гардид. Он 4 самти асосиро дарбар гирифта дар татбиқи ҳамкориҳо бо кишварҳои дигар бунёдӣ ба ҳисоб меравад: чорабиниҳои ташаккулдиҳандаи фазои умумии фарҳангӣ, муҳити ягонаи илм ва маориф, сиёсати умумии иҷтимоӣ, кор бо ҷавонон ҳамчун давомдиҳандагони сиёсати Иттиҳоди Аврупо.[2] Дар татбиқи ҳамкориҳои худ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди сиёсати байналхалқии ҷавонон Иттиҳоди Аврупо аз ҳамин ҳадафҳо роҳнамоӣ пайдо менамояд.

Дар Паёми соли 2006 ҳафт ҳадафи рушди Ҳазорсола  ба чунин шакл матраҳ гардид:

1. Фароҳам овардани муҳити муносиб барои рушди инсон, тақвияти нерӯи ақлонӣ, такмили минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ.

2. Таъмин кардани шаффофият дар раванди ислоҳоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, низоми судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,  апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати  созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С.160.

[2] Ниг.: Гарчев А.Н. Молодежная политика в Европейском Союзе: национальный и наднациональные уровни: дис. … канд. полит. наук. [Текст] / А. Н. Гарчаев. –М., 2019. – С. 123.

тақвияти мубориза бар зидди коррупсия ва дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа.

3. Дар баробари таҷдиди сохтори иқтисодиёт таъмин намудани рушди босуръат ва муназзами тамоми соҳаҳои он.

4. Фароҳам овардани фазои мусоид барои афзоиши сармоягузории хориҷиву дохилӣ ва рушди соҳибкорӣ.

5. Татбиқи сиёсати мутавозини буҷетӣ, нигоҳ доштани қобилияти харидории асъори миллӣ ва тадриҷан паст кардани сатҳи таваррум.

6. Такомули минбаъдаи низоми идоракунӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ барои ширкаткунандагони бозори иқтисодӣ.

7. Бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодӣ тақвият бахшидани иқтидори содиротии кишвар.[1]

Дар баробари матраҳ гардидани ҳадафҳои рушд, дар Паём вазъияти муосири ниҳоят ҳассос, мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони оғози асри ХХ1 дар татбиқи стратегияи минтақавӣ ва байналхалқии Тоҷикистон дар мавриди ҷавонон муҳокима гардида, таъсири дарозмуддати манфии он ба Тоҷикистон, аз ҷумла ба ҷавонон, аз тарафи сарвари давлат ба чунин шакл мушаххас гардонида шуд:

- ташаккули Тоҷикистон дар вазъияти буҳрони шадиди сиёсиву идеологӣ ва баъдан-ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилоти даврони баъди низоъ, мавҷуд набудани сохтор ва механизмҳои фаъоли идораи давлат ва ҷомеа, инчунин мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва дахолати хориҷӣ сурат гирифт;

- давлати тозаистиқлоли мо ҳамзамон бо таъсис ва таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии сиёсиву идорӣ дар ҳама соҳаҳо, пеш аз ҳама дар бахши иқтисод ногузир ба ислоҳоти бунёдӣ даст зад, ки ин иқдом табиатан равандҳои иҷтимоиро шиддат мебахшад ва барои фаъолияти доманадори неруҳои сиёсии дохилӣ ва талошу кӯшишҳои таъсиррасонии

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 163.

доираву гурӯҳҳои гуногуни минтақавию байналхалқӣ заминаи мусоид фароҳам месозад;

- ҷаҳонишавӣ чун дар ҳама ҷо барои асолат ва ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои ахлоқиву маънавӣ, симо ва сирати миллии мо хатари ҷиддӣ эҷод намуд. Ба ин сабаб талоши мунтазам ва қотеъонаи мо барои ҳифзи онҳо самти афзалиятноки фаъолияти дохилӣ ва хориҷии давлати ҷавони Тоҷикистонро ташкил дод ва силсилаи чораҳои доманадорро тақозо намуд;

- дар натиҷаи таъсири ҷиҳатҳои хоси ҷаҳонишавӣ фаъолияти доираҳои террористӣ, экстремистӣ ва қочоқи маводи мухаддир, ки пештар доманаи нисбатан маҳдуд доштанд, хеле васеъ гардид ва ин падидаҳо ба хатарҳои ҷиддии ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Тоҷикистони тозаистиқлол дар хатти аввали муқовимат бо онҳо таҳти фишори шадид қарор гирифт;

- ҷаҳонишавӣ ба тавозуни беҳтари муносибатҳо ва суботи бештари низоми байналхалқӣ ва инчунин ба рафъи хатари эҳтимолии бархурд мусоидат карда натавонист ва ба рафъи хатари эҳтимолии бархурди тамаддунҳо комёб нашуд, ки чунин вазъ барои ҳамаи давлатҳо ва кишварҳо, дар навбати аввал, давлатҳои ҷавон хатари нисбатан ҷиддӣ дорад.[1]

Дар Паёми соли 2006 инчунин афзалиятҳои миллии мазкур ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд пешбинӣ гардидаанд, ки сиёсати байналхалқии ҷавононро низ дар бар мегиранд:

1. Ислоҳоти идораи давлатӣ идома дода мешавад, ки он ба такмили низоми идоракунӣ ниигаронида шуда, хусусияти хосаш шаффофияти фаъолияти тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

---

[1]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 174 – 176.

2. Рушди соҳибкории хурду миёна ва густариши ҷалби сармоя таъмин карда мешавад, ки ба тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи миоликият, риояи қонуният дар ин самт ва рушди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ асос ёфтааст.

3. Инкишофи нерӯи инсонӣ бо роҳи зиёд кардани ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, иштироки фаъолонаи аҳолӣ дар раванди рушди давлат ва таҳкими шарикии иҷтимоӣ таъмин карда мешавад.

Татбиқи афзалиятҳои зикршуда барои бунёди давлати пешрафта ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин, алалхусус барои ҷавонон ва ҳамгироии онҳо дар муҳити байналхалқӣ шароит фароҳам меоварад, ки дар он ҳамаи аъзои ҷомеа барои истифодаи дастовардҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ имкониятҳои баробар хоҳанд дошт.[1]

Ҳоло давраи ҷавонӣ хеле зиёдтар тӯл мекашад, нақшҳои иҷтимоии ҷавонон тағйир ёфта, ҷавонон бештар худбин ва инфиродӣ шудаанд. Бинобар ин барои ҷавонон воридшавӣ ба ҷомеа хеле мушкил буда, кӯшиши онҳо барои иҷтимоишавӣ наҳамеша бобарор аст. Дар ин маврид ҷомеаи ҷаҳонӣ барои Тоҷикистон даъват менамояд, ки дар соҳаи сиёсати ҷавонон равияҳои европавиро мавриди тафаккур гиранд. Масалан, чунин самтҳоро, ки дар «Китоби Сафед»-и Иттиҳоди Аврупо матраҳ гардидаанд, монанди фаъол кардани мавқеи шаҳрвандии ҷавонон, вусъат бахшидани соҳаву имкрониятҳо барои таҷриба, рушди мустақилияти ҷавонон, истеҳкому суботи арзишҳои европавӣ дар муҳити ҷавонон ва ҳоказо. «Китоби Сафед» бо мақсаде таҳия гардидааст, ки барои Иттиҳоди Аврупо дар таҳияи низоми нави ҳамкорӣ дар соҳаи ҳамкориҳо дар самти сиёсати байналхалқии ҷавонон кӯмакгар бошад.[2] Дар маркази диққати сиёсати ҷавонон дар арсаи байналхалқӣ истифодаи

---

[1]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 187.

[2] Ниг.: Шварцмайр Б. Европейский молодежный форум: голос молодых людей в формулировании Европейской молодежной политики. [Текст] / Б. Шварцмайр. –М., 2007. – С. 5.

шаффофи усули ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон ва мавриди таваҷҷӯҳқарор доштани масъалаи ҷавонон ҳангоми таҳияи дигар сиёсатҳо, ки бевосита марбути ҷавононанд, боқӣ мемонанд.

Дар Паёми соли 2006 таъкид гардид, ки раванд ва тамоюлҳои мазкур масъалаи дигари муҳиммтарини глобалӣ-тақвият бахшидани низоми байналхалқиро ба амри ҳаётӣ ва таъхирнопазир табдил доданд. Ҳалли ин масоил дар сурати таъмини дахлнопазирӣ ва эътирофи нақши танзимкунандаи усул ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, риояи соҳибихтиёрии давлатҳо ва баробарҳуқуқии субъектҳои равобити байнидавлатӣ, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои волои умумиинсонӣ ва ҳамкории созанда имконпазир аст.[1]

Дар Паёми соли 2008, ки 25-уми апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, дар навбати аввал ҷамъбасти натиҷаҳои татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар заминаи татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 пешниҳод гардид. Дар он паём иброз гардид, ки се ҳадафи стратегии кишвар бояд дар вақти нақшавӣ татбиқ гарданд ва «сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат дар навбати аввал ба таъмин кардани рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, беҳбудӣ бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи насли солиму бомаърифат равона шудааст».[2] Дар он гуфта шуд, ки дар зарфи 17 соли истиқлолият барои Тоҷикистон бори аввал имкон даст дод, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва корхонаҳои ватанӣ, дар ҳаҷми умумии 136 миллион сомонӣ бунёди Неругоҳи обии барқии “Роғун” вусъат бахшида шавад.[3] Ба мардуми кишвар ва пеш аз ҳама ба ҷавонони

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 177.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 210.
[3] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Т0ҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 216.

сарбаланди тоҷик муроҷиат карда шуд, ки дар ин сохтмони таърихии аср фаъолона иштирок намоянд.

Ҳамин тавр, Паёми соли 2009, ки 15 -уми апрел ба Маҷлиси Олии кишвар ироа гардид, аз татбиқи бомарому бобарори сиёсати иҷтимоӣ, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар, даъват ба иштироки шаҳрвандон ва корхонаву ташкилотҳои ватанрӣ дар бунёди неругоҳҳои барқӣ обӣ ва иншооти инфраструктурӣ, мусоидат ба ҷалб ва воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, чорабиниҳои мусоидатгар ба рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат, гузариш ба сарфи нерӯи барқ ва билохира матраҳ ва таъмини иҷрои таъмини амнияти ғизоӣ бо роҳи рушди кишоварзӣ дарак дод.

Маҳз дар ҳамин Паём тавозуни манфии рушди илмҳои гуманитарӣ бар илмҳои техникӣ ҳамчун масъалаи муҳити тарбияи кадрҳо ва таъмини кишвар бо мутахассисони зарурӣ мавриди муҳокима қарор дода шуда тасмимҳои давлат дар роҳи ислоҳи он пешниҳод гардиданд. Таъкид карда шуд, ки «имрӯз дар мамлакат ба маблағи умумии 6,4 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои инвеститсионӣ мавриди татбиқ қарор доранд, вале бинобар нарасидани мутахассисони бомаҳорати соҳаҳои иқтисодӣ ва муҳандисию техникӣ 80 фоизашонро ширкатҳои хориҷӣ ва танҳо 20 фоизи онҳоро ширкатҳои ватанӣ амалӣ менамоянд». Дар заминаи ҳадафи сиёсати давлатӣ дар бахши ҷавонон иборат аз тарбияи кадрҳо ва мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ муайян карда шуд.[1]

Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2010, ки 24—уми апрел ироа гардида, аз таҳлили вазъи кишвар дар солҳои истиқлолият иборат буд, дар мавриди сиёсати байналхалқии ҷавонон аз ин қишри муҳимми ҷомеа даъват ба амал овард, ки дар корҳои азими

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 260.

бунёдкориву созандагӣ боз ҳам фаъолона иштирок намоянд. Зеро Ҳукумати кишвар тасмим гирифтааст, ки бунёдкориро вусъат бахшида, садҳо иншооти хурду бузурги таъминоти иқтисодиву иҷтимоиро сохта ба истифода диҳад. Дар ҳошияи ин, зарурати баланд бардоштани фарҳанги шаҳрдориву шаҳрсозӣ ҳамчун мероси арзишманди ниёгон ба миён омадааст, ки ин пеш аз ҳама вазифаи ҷавонон мебошад. Бинобар ин, рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо эълон шуда, бояд тибқи он сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, «Ин вазифа низ аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии давлати мо дар соҳаи маориф буда, барои муваффақ шудан ба он бояд дастаҷамъона талош варзем».[1]

Дар ин Паём Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин иброз доштанд: «Мо инро борҳо аз минбарҳои баланд таъкид кардаем ва имрӯз низ иброз медорем, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ягон масъалае вуҷуд надорад, ки онро бо нияти нек ва ҳамкории созандаи кишварҳои ҳамсоя ҳал кардан ғайриимкон бошад. Ин мавқеъ, қабл аз ҳама, ба ҳаллу фасли масоили обу энергетика дар минтақа дахл дорад, ки ҳамеша вирди забонҳост ва калиди ҳалли ин масъаларо мо метавонем боз ҳам бояк калима ифода намоем: Ҳамкорӣ!»[2]

Паёми соли 2012, ки 20—уми апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардид, ба таҷлили ду санаи бузургу тақдирсози давлати Тоҷикистон, яъне 20 солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ва 15 солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ пешниҳод гардид.

Дар робита бо сиёсати ҷавонон ва самтҳои дохиливу хориҷии он дар Паёми мазкур махсус истода гузашта, аз ҷумла оид ба аҳаммияти хоса

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 318.

[2] Ҳамон ҷо. – С. 334.

додан ба он, ташаккул ёфтани институтҳои муҳимми кор бо ҷавонон дар сатҳи ҳукуматӣ ва муассисаҳои таълимӣ, вусъат додани ширкати ҷавонон дар сиёсат таъкид карда шуд. Оид ба заминаи татбиқи бобарори сиёсати ҷавонон дар шакли санадҳои зарурии меъёриву ҳуқуқӣ ва Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон, ташвишовар будани вазъи қонунувайронкунии ҷавонону ноболиғон хабар дода шуд. Махсусан таъкид гардид, ки «Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо бо ҷалби аҳли ҷомеа, бахусус падару модар бояд наслеро тарбия карда ба воя расонем, ки аз нигоҳи одобу ахлоқ, донишу заковат, худшиносиву ҷаҳонбинӣ ба ниёзмандиҳои ҷаҳони муосир мувофиқ бошад».[1] Дар Паём гуфта шуд, ки нақш ва иштироки ҷавонон дар сиёсат, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хеле назаррас мебошад. Раванди ташаккули маърифати сиёсӣ моро водор месозад, ки ба ҳар як падидаву ҳаводисе, ки дар кишварамон ва минтақаҳои мухталифи олам ба вуқуъ меоянд, баҳои воқеӣ дода, мавқеи худ ва манфиати ватанамонро ҳимоя карда тавонем.[2]

Зарурати вусъат бахшидани ҳамкориҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсати байналхалқии ҷавонон шарҳ дода, Сарвари давлати тоҷикон чунин андешаронӣ намуданд: «Мо аз ҷониби худ тарафдори самимии ҳамкориҳои минтақавӣистифодаи муштараки имконот ва ҳаллу фасли мушкилот аз тариқи гуфтушунидҳои созанда ҳастем.… Ҳама нияту ҳадафҳои мо на танҳо ба нафъи кишвари худамон, балки ба манфиати ҳамаи ҳамсоягон, ҳамаи шарикони минтақавии мо мебошанд ва бо нақшаву мақсадҳои минтақавӣ ҳамоҳангиву созгории комил доранд. Мо танҳо ба манфиати худ ва бар зарари касе кор карданӣ нестем, балки сидқан тарафдори ҳамкориҳову ҳамшарикии баробарнафъи минтақавӣ ҳастем».[3]

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. –С.359.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 359.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 366.

Маҳз дар ҳамин Паём оид ба сатҳу сифати ҳамкориҳои чандинсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ бори дигар баррасӣ ва арзёбӣ гардиданд. Дар ин маврид алалхусус гуфта шуд: «Робитаҳои густурда ва серҷанбаи мо бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои мухталифи он мисли пештара аз таваҷҷуҳи хос бархурдор хоҳад буд. Зеро мо аз аъзои фаъоли Созмони Милал ҳастем ва ҳамкориҳои худро бо ин ниҳоди муҳимми ҷаҳонӣ баланд арзёбӣ мекунем. Дар як муддати кутоҳи таърихӣ аз ҷониби он пазируфта шудани се ташаббуси мо-эълони Соли байналхалқии оби тоза, тасдиқи Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» ва Соли байналхалқии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 мавқеи аз ҷониби ҷомеаи байналхалқӣ эътироф гардидани сарварии Тоҷикистонро дар ин раванд собит сохт ва таҳким бахшид. … Сиёсати хориҷии созанда ва ба ҳамкории густардаву васеъ равонагардидаи мо дар маҷмӯъ бояд вазифаи анъанавии худ-мусоидати ҳамаҷониба ба рушди устувори кишвар, таъмини амнияту оромии мамлакат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардуми онро ба тариқаи беҳтарин иҷро намуда, фардои ободи Тоҷикистонро таъмин намояд».[1]

6-уми апрели соли 2013 Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон ироа гардид, ки дар он дар заминаи таҳлили омилҳои рушд, дар бораи беҳтар шудани вазъи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар солҳои истиқлолият сухан рафта, тадбирҳои иловагии судманд ҷиҳати афзун кардани нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар ва дар ин замнаи фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагии аҳолӣ пешниҳод гардиданд. Алалхусус таъкид гардид, ки бинобар мавҷуд будани манбаъ ва иқтидорҳои бузурги захиравӣ, Сатҳи зиндагии аҳолӣ тадриҷан баланд гардида, табақаи миёнаҳол афзоиш меёбад. Тоҷикистон аз давлати камдаромад ба қатори давлатҳои бо даромади миёна арзёбишаванда

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии ТОҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, апрели соли 2000 [Матн] //Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 368-369.

ворид мегардад. Дар он дар баробари вазифаи фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеа, вазифаи тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, масъулиятшинос, соҳиби донишу таҷрибаи муосир ва дорои қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯза мебошад.

Дар ин Паём бори дигар вазифаҳои давлат ва миллат дар рушди давлатдорӣ хотирнишон ва мушаххас гардида, ба тарви зайл ташреҳ ёфтаанд. Ҳадафи якум-ҳифз ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, ҳадафи дуюм-ҳамаҷониба густариш додани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон, хадафи стратегии дигар- таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муттаҳид кардани тамоми гуруҳу қишрҳои ҷомеаи кишвар дар атрофи ғояи «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол-Ватани маҳбуби ҳамаи мо»; ҳадафи чорум- ҳарчӣ бештар густариш додани фарҳанги сулҳ ва решадор сохтани ваҳдату ризоияти миллӣ ҳамчун дастоварди нодиртарини мардуми Тоҷикистон; ҳадафи панҷум-фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва ҳар кадоми моро доир ба ҳалли масоили ҷавонон дарбар мегирад; ҳадафи шашум – ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои халқи куҳанбунёдамон дар шароити ҷаҳонишавӣ; ҳадафи ҳафтум- арҷгузорӣ ва эҳтироми забони давлатӣ, яъне забони шевову ширин ва шоиронаи тоҷикист.

Дар Паёми соли 2019, ки моҳи апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардида буд, тозатарин роҳнамои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар дар мавриди ҷавонон мебошад, рафти татбиқи он дар давоми 28 соли истиқлолияти кишвар баррасӣ гардида, гуфта мешавад: «Мо то имрӯз барои пешрафти соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи

иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон ва оила ва рушди варзиш корҳои зиёдеро ба анҷом расонидем».[1]

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз муҳимтарин масъаларо дар татбиқи сиёсати мазкур иборат аз идома додани кори тарбияи насли наврас, ба илму дониш ҷалб намудани онҳо, муқобилат нишон додани тамоми ҷомеа нисбати майлу рағбатҳои онҳо ба фарҳангу машғулиятҳои ғайру номатлуб номид ва ба ин мазмун таъкид кард: «Аммо дастовардҳои роҳбарияти кишвар ва кӯшишҳои ҷомеа аз мо талаб мекунад, ки назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад». Таъкид гардид, ки беш аз 257 ҳазор нафар ҷавонон, ки 30 фоизи онҳоро духтарон ташкил медиҳанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Таҳлили амиқи масъалаи мазкурро идома бахшида дар ин рабт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин пешниҳод карданд: «Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 - 2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда шаванд».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мо талаб менамоянд, ки таваҷҷуҳи ҷавононро ба таърихи халқи тоҷик ҷалб намоем, зеро: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/5441/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-peshvoi-millat-muhtaram-emomali-rahmon-ba-majlisi-oli (санаи муроҷиат: 22. 09. 2022.)

худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем». Дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгаройӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳиммтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад.

Таваҷҷуҳи амиқ нисбати таърих, фарҳанг ва шаъну шарафи миллии тоҷикон сипари хубест дар муқовимат нисбати фишорҳои ҷаҳонишавӣ ва фарҳангии бегона ва ба ин мазмун таъкид мегардад:... дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад»[1].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо рисолати меросбарии ҷавононро таъкид карда, огоҳии бештари онҳоро аз рӯйдодҳои сиёсӣ, давлатӣ, байналхалқии кишвар талаб менамоянд. Дар Паёми соли 2019 низ ба ин таъкид гардида гуфта мешавад, ки «Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳиммтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад».

Бинобар ин, нисбати фаъолиятҳои бештари огоҳонаи сиёсӣ ва иҷтимоии ҷавонон таъкид карда шуда, иштироки ҷавонон дар арсаи байналхалқӣ, аз тариқи ширкат дар корҳои ташкилотҳои байналхалқӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ, варзишӣ, илмӣ ва табодули таҷрибаро дар арсаи байналхалқӣ бо ҳамсолони хориҷии худ аз он роҳҳое ба ҳисоб меравад,

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/5441/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-peshvoi-millat-muhtaram-emomali-rahmon-ba-majlisi-oli (санаи муроҷиат: 22. 09. 2022.)

ки таҳкими сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ваафзоиши обрӯву эътибори мусбати Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз қадамҳои ҷавонон дар арсаи сиёсати дохиливу хориҷӣ, азму талоши ҷавонон дар ободии Ватан, кӯшишҳои насли ҷавони кишвари мо дар дарки масъулияти баланди ватандорӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, онро дар мисоли ободкориҳои ҷавонони пойтахт, ташаббус ва кору пайкори гурӯҳи соҳибкорони ҷавони тоҷик дар гӯшаву канори ҷумҳурӣ медонанд, ки тавонистанд дар муддати кӯтоҳ эътибори сармоягузорони хориҷиро ба худ ҷалб намуда татбиқи муҳимтарин ҳадафҳои рушдро дар кишвар пайгирӣ намояд.

Имрӯз дар кишвар 10 ҳазор иншооти варзишӣ фаъолият дошта, тайи солҳои 2011-2018 қариб 2200 иншооти соҳаи варзишӣ бунёд ва 1059 иншоот таъмиру таҷдид гардидааст. Танҳо дар соли 2019-ум 358 иншооти варзишӣ, аз он ҷумла зиёда аз 200 иншоот дар пойтахти кишвар сохта шудааст. Дар ин кор сардори давлат аз онҳо иродаи мустаҳкам, садоқату муҳаббати ватандорӣ, эътиқод ба арзишу муқаддасоти миллӣ ва ақлу заковати олиро талаб намуда таъкид карданд, ки амалӣ гардидани нақшаҳои ҷавонон нишон медиҳад, ки роҳи интихобкарда дар масири ватансозиву ватандорӣ дуруст мебошад.[1]

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хусусан шоистаи таҳсин будани саҳми ҷавонон, дар ҳифзи Модар – Ватан, дар тамоми ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, хизмати содиқонаи онҳо дар ҳимояи сарҳади давлатӣва дигар сохторҳои ҳарбӣ, варзиш, иштироки фаъолонаи ҷавонон дар  дар сохтмони нерӯгоҳу корхонаҳои азими кишвар, аз ҷумла Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” ва корҳои бунёдкориву созандагӣбаҳои

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/5441/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-peshvoi-millat-muhtaram-emomali-rahmon-ba-majlisi-oli (санаи муроҷиат: 25. 09. 2022.)

баланд дода, таъкид карданд, ки сафи ҷавонон дар соҳаҳои дигар, аз ҷумла саноату сохтмон, маорифу тандурустӣ ва кишоварзӣ низ торафт афзоиш ёфта истодааст.

Феълан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди рушди ояндаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷавонон дастуру супоришҳои мушаххас дода, алалхусус таъкид намуданд, ки барои таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон сохтору мақомоти марбута вазифадор карда шуданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", "Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030" дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур гардад. Дар он бояд дар оянда низ ба оммавигардонии варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим, диққати аввалиндараҷа диҳем ва барои тандурустии аҳли ҷомеа, шароити боз ҳам беҳтар фароҳам оварем. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзишро зарур аст, ки якҷо бо Кумитаи миллии олимпӣ ва федератсияҳои варзиш навъҳои мухталифи варзишро васеъ ҷорӣ карда, ҷиҳати баргузор намудани мусобиқаҳо мунтазам чораҷӯӣ кунад.

Ҳамзамон бо ин, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар давоми даҳ соли оянда дар ҳар як деҳа ва маҳалҳои аҳолиашон аз 100 хоҷагӣ зиёд як муассисаи томактабӣ, як толор ва як майдони варзишӣ бунёд карда, ба оммавӣ шудани варзиш ва солимгардонии аҳолӣ мусоидат намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муқовимат ба экстремизм ва терроризмро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти кор бо ҷавонон муайян намуда, дар ин робита таъкид карданд, ки «Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо

ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст. Инсоният дар симои терроризми байналхалқӣ бо душмани бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон ваҳшоният рӯй намегардонад. Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд...».

Сохтору мақомоти марбута, алалхусус Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш вазифадор карда шуданд, ки бевосита бояд бо гузоштани садди устувор ба ташвиқу тарғиби тундгароии динӣ машғул шуда, ҷавононро ба ҳушёриву зиракӣ ҳидоят кунанд ва онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Дар ин маврид таъкид гардид, ки «Шарти муҳимми ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки соли 1999, яъне 20 сол пеш қабул шуда, пешгирии ҳамаҷониба аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти созмонҳои экстремистиву террористӣ мебошад, аз он чораҳое муҳимме ном бурда шуд, ки дар сатҳи дохилӣ ва хориҷӣ барои пешгирии ҷавонон аз майлу рағбатҳои номатлуб муассир мебошанд.

Дар Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо баррасии сатҳу сифати татбиқи сиёсати дохиливу хориҷии ҷавононро пайдо менамоем, балки дар он

баррасии муассири татбиқи чораҳои мушаххаси соҳа ба назар расида, дурнамо ва барномарезии сиёсати хориҷии ҷавонон, ки барои ҳифзи манфиатҳои кишвар, афзудани обрўву эътибори байналхалқии Тоҷикистон равона гардидаанд, муайян карда шудаанд.

Сарвари давлати тоҷикон барои ҳалли мушкилоти асосии кишвар дар сохтмони давлати мустақил ва соҳибистиқлол самтҳои асосии онро муайян намуданд, ки аз ҳалли масъалаи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ ва ба роҳ андохтани энергетикаи худ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои мазкур бо даъвати бевоситаи Пешвои миллат бевосита бо иштироки фаъолонаи ҷавонон вобаста буда ҳал гардида истодаанд. Бинобар ташаббусҳои байналхалқии Тоҷикистон имрўз онро дар арсаи ҷаҳон ҳамчун ташаббускори ҳалли байналхалқии масъалаҳои об ва бунёдгузори самти нави дипломатияи ҷаҳонӣ -«дипломатияи об» мешиносанд;

Ҳамкориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавонон, ки бо ба рўзномаи ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ ворид намудани номгўи зиёди проблемаҳои глобалии марбут ба ҳаёт, идомаи насли инсон, таъмини аҳолии замин бо об ва ғизо, таъмини дастрасӣ ба захираҳои асосӣ ва дигар масъалаҳои ҳаётан муҳимро дар назар дорад, дар асоси роҳнамоиву ҳидоятҳои илҳом ва рўҳияафзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқ мегарданд;

Др Паёмҳои Сарвари давлати тоҷикон мавзуҳои муҳиме мақоми таъкидӣ доранд, ки ҳар дафъа онҳо бо баррасии нав, афкори тоза, мазмуни мантиқии ҷавҳарӣ ҷило дода, таъкидгари ҷанбаҳои муҳими истиқлол ва ҳувияти миллат мебошанд. Аз ҷумлаи чунин мазмунҳо таъкиди асос ва сарчашмаҳои истиқлолият, ҳувияти миллӣ, манфиати миллӣ, арзишҳои муҳимтарини миллӣ мебошанд, ки масъалаи таваҷҷўҳи махсуси давлат ва Ҳуқумати кишвар нисбат ба ҷавонон маҳсуб меёбад. Дар ҳамаи Паёмҳо ҷавонон идомадиҳандаи роҳи падарон, насле ном гирифта мешаванд, киояндаи кишвару миллат ба дасти онҳо супорида

мешавад. Рисолати мазкур ҳамчун масъалае матраҳ мегардад, ки аҳаммияти дутарафа дорад. Аз як ҷониб масъулияти насли имрӯза, ки сохтмони давлати мустақилро ба ӯҳда доранд ва аз тарафи дигар- масъулияти насли оянда, ки меросбари он ба ҳисоб меравад.

Дар таҳияи сиёсати ҷавонони Тоҷикистон воқеияти ҷаҳони муосир ба назар гирифта мешавад. Он дар дарки зарурати диверсификатсия шудани ҷавонони муосир дар самти этникӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва забони асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчун неруи ҷавони корӣ ҷавонон имрӯз метавонанд дар кишварҳои дигар кору фаъолият намоянд.

## 2.3. Масъалаҳо ва дурнамои татбиқи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асос ва заминаи конститутсияи кишвар татбиқ мегардад. Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 – ро Соли ҷавонон эълон намуда, зикр сохтанд: «Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошад, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд»[1]. Бобати роҳандозии сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои асосӣ – ин таъмини иштироки ҷавонон дар рушди фарҳанг ва бар ин васила тақвият бахшидани китобхонию инкишоф додани маънавият дар байни насли наврас ва ҷавон мебошад [2]. Хониши китоб ба ҷавонон на танҳо илму маърифат, ҳамзамон иродаи қавӣ, хулқу атвори инсонӣ, одоби хамида, таҳаммулпазирӣ ва поктинатӣ мебахшад. Дар шароити тезутундшавии муносибатҳои геополитикии ҷаҳон, аз ҷумла таҳдидҳои кишварҳои абарқудрат нисбат ба кишварҳои дар ҳоли рушд буда андешидани тадбирҳои таъхирнопазири таъминкунандаи амнияти

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2016. [Матн]. – Душанбе: «Шарқи Озод», 2016. – С. 29.

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. – Душанбе, 2014. – С. 9.

давлат ва ҳифзи муқаддасоти миллӣ, бахусус, маърифатнок гардонидани аҳли ҷомеа ва ба ин васила дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳуввияти миллӣ, пос доштани сулҳу субот ва ягонагии кишвар тарбия намудани ҷавонон аз масъалаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегарданд[1] . Дар ҳоле, ки аксарияти аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд ва муайянкунандаи самтҳои ҳаёту фаъолияти ояндаи ҷомеа маҳсуб мегарданд, соҳибмаърифатӣ, доштани хиради волои сиёсӣ, дониши баланди ихтисосӣ ва қавииродагии онҳо боиси қудратмандии Тоҷикистон шуда метавонанд.

Мавриди қайд аст, ки масъалаи тарбияи ҷавонон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфта истодааст. Зеро омили муҳимтарини ҳастии миллат, ҳуввияти миллӣ, сарчашмаи тамоми хушбахтиҳо ва ваҳдату миллату пешрафти ҷомеа ин неруи муттаҳид будани насли ҷавон маҳсуб меёбад. Солҳои охир бо роҳандозии стратегияву барномаҳои махсуси Ҳукумати кишвар бахри баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинӣ, зиракии сиёсӣ ва умуман иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таваҷҷӯҳи махсус равона карда шудааст. Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахусти соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Бояд зикр намуд, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, аз ин рӯ онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса ояндаи миллат ва давлат мебошанд. Метавон гуфт, ки рушди минбаъдаи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ аз тарбияи ҷавонони дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, инчунин риоягари қонуну ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2021, № 204.

созандаю эҷодкор вобаста аст. Қишри асосии ҷомеро дар рӯҳияи ватанпарастиву худшиносӣ ва тақвият бахшидани ваҳдати миллии ҷавонони соҳибмаърифат пойдор медоранд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намудаанд: "Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати ҳукумат боқӣ мемонад"[1].

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки ба масъалаи тарбияи хештаншиносӣ ва руҳияи худогоҳии миллӣ ҷавонон эътибори ҷиддӣ зоҳир намоем. Зеро масъулияти хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ заминаи асосии баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии ҷавонон ба ҳисоб рафта, имконият медиҳад, ки ҷавонон дар шароити кунунӣ ба воқеияти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳони муосир зудтар ва беҳтар ҳамоҳанг гарданд ва дар бунёди ҷомеаи мустаҳками шаҳрвандӣ саҳми ҳалкунанда гузошта бошанд.

Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад. Муҳтавои ин методология дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣҳуқуқи

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.01. 2019 [Манбаи электронӣ] URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/5441/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-peshvoi-millat-muhtaram-emomali-rahmon-ba-majlisi-oli (санаи муроҷиат: 02.01. 2022)

таъкид ёфтааст. Яке аз дастурҳои асосии тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Санади мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки Консепсияи миллии тарбия сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас, муайян месозад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад.[1]

Давлат дар сиёсати худ перомуни тарбияи миллии шаҳрвандонро кафолат медиҳад, инчунин дар тарбияи миллӣ фазои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ қабул ва дар амал татбиқ карда мешаванд. Муассисаҳои таълимӣ ҳамчун тарғибкунандаи сиёсати давлатии ҷавонон дар фаъолияти худ барои тарбияи ҷавонони ояндасоз шароити мусоид муҳайё месозанд ва кӯшиш менамоянд, муҳассилин чунин хислатҳоро ба худ касб кунанд: - дар ҷомеа ба дигарақидагӣ, озодии сухан, виҷдон, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ дар доираи қонун касе халал нарасонад; - тавассути адабиёти илмию оммавӣ, бадеӣ ва аз тариқи васоити ахбори умум маводи дорои мазмуни тарбияи миллӣ ба шаҳрвандон дастрас гардад.

Ҳукумати Тоҷикистон тамоми чораҳоро мебинад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз хурд то калон, дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоянд. Намуна ва ибрати шоиста будан, пеш аз ҳама, рафтору гуфтори мансабдорони мақомоти давлатӣ, сарварони муассисаҳоро мутобиқи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ талаб карда, дарк ва ҳисси масъулиятшиносии падару модарон ва шахсони калонсолро дар тарбияи насли наврас баланд мебардорад.

---

[1] Ниг.: Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94. [Матн]. [Манбаи электронӣ] URL: https://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/81c1a2a242b19928404ebdb2b1fc4754.pdf (санаи муроҷиат: 02.01. 2022)

Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунанд ва онҳоро эҳтиром намоянд. Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки вазифаи онҳо дар назди давлату миллат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Имрӯз ҷавононро зарур аст, ки баҳри саҳмгузор будан дар рушди ҷомеа ва пешрафти давлат кӯшиш ба харҷ диҳанд ва манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Ҷавонони хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани бойигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад. Бояд гуфт, ки ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама унсури муҳимтарини тарбияи фард мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия бо ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад. Татбиқи амалии Консепсия дар заминаи болобардории сатҳи маърифатнокии ҷавонон имконият медиҳад, ки масъалаҳои зерин ҳалли худро ёбанд:

1. Тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ.

2. Дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон аз хурд то бузург боло мегирад, афкори умум ба амал меояд.

3. Иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангии кишвар ҷоннок гардонида мешавад.

4. Ҷавонон ба қадру қимати арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, рамзҳои давлатию миллӣ мерасанд ва дар натиҷаи омӯхтан, дидан ва мушоҳида кардан хотираи таърихии худро ғанӣ мегардонанд, маърифату ахлоқи шаҳрвандон сифатан боло меравад.

5. Дар ҷавонон ҳиссӣ баланди ватандӯстӣ бедор шуда, дар гулгул шукуфоии ватанамон мекӯшанд.

6. Ҳамгироии тарбия бо таълим боз ҳам устувор гардида, инсон ва мақоми он дар ҷомеа боло мегирад.

7. Дар натиҷаи ҳамкории доимии муассисаҳои таълим бо волидон тарбия дар оилаҳо тадриҷан ба пояи касбӣ мерасад.

8. Ҷавонон ва аҳли ҷомеа дарк менамоянд, ки ниёгони мо дар хазинаи тамаддуни башарӣ ҳиссаи муайян гузоштаанд ва мефаҳманд, ки рисолати таърихӣ аз он иборат аст, ки ҳамин ҳиссагузорӣ дар замони муосир ҳам бояд биафзояд.[1]

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар раванди ҷаҳонишавӣ қарор дорад, ҷавонони моро зарур аст, ки сатҳи ҷаҳонбинии худро васеъ намуда, ҳамчун кадрҳои баландихтисос, донандаи якчанд забонҳои хориҷӣ ва техникаву технологияи муосир, инчунин шахсиятҳои содиқи миллату давлати хеш кору фаъолият намоянд.

Дар ҳазораи сеюм, асри XXI, ки ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва иттилоотикунонии ҷомеа бо суръати тез рушд ёфта истодаасту ҳаҷми иттилоот дар тӯли даҳсолаҳои охир дучанду даҳчанд зиёд мешавад ва баробари пайдоиши васоити электронӣ марзҳо гум шуда, фазои ягонаи иттилоотӣ ташаккул ёфта истодааст, қудрату таъсири васоити ахбори омма бе ягон монеаву маҳдудият рӯ ба афзоиш гузоштааст. Дар бораи паҳншавӣ, таъсир ва нақши Интернет ҳатто ҷои баҳс ҳам нест, зеро маҳз ҳамин шабакаҳои иҷтимоӣ буд, ки марзҳо гум шуданд ва акнун иттилоот метавонад дар як вақти воқеан ҳам кӯтоҳ аз як гӯшаи кураи замин ба гӯшаи дигари он интиқол ёбад ва ин далели раднопазири оғоз шудани давраи ҷаҳонишавӣ ва иттилооткунонии ҷомеаи муосир маҳсуб меёбад. Албатта, бо ин падидаҳо тибқи тарзҳои гуногун муносибат кардан мумкин аст, аммо ҳузури онҳоро инкор кардан маъное надорад.

---

[1] Ниг.: Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94. [Матн]. [Манбаи электронӣ] URL: https://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/81c1a2a242b19928404ebdb2b1fc4754.pdf (санаи муроҷиат: 02.01. 2022)

Васоити ахбори омма бинобар дастрасӣ ва гуногунрангиву гуногунмазмунии худ имкониятҳои васеъро касб кард. Фазои иттилоотӣ дар қатори дигар омилҳо барои ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҳиссиёт, анъана, дониш, арзишу ангезаҳо ва дар маҷмӯъ ҷаҳонбинии насли ҷавон нақши назаррас дорад. Истифодаи васеи имкониятҳои иттилоот қисми ҷудонашавандаи ҷангҳои маҳаллӣ ва муноқишаҳои мусаллаҳона дар замони имрӯз шудааст, яъне ин маънои онро дорад, ки рӯзномаву маҷалла, радио, телевизион ва Интернет омили муҳими инкишофи маънавиёт ва ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон мебошад. Муваффақияти ширкатҳои муосири сиёсӣ, ҷамъиятӣ, таблиғотӣ ва дигарон бештар аз истифодаи моҳиронаи воситахои иттилоотӣ ва таъсири он ба ҳолати равонии ҷомеа вобаста аст. Ва баръакс, нодида гирифтани ин таъсир метавонад ба оқибатҳои манфӣ ва ҳатто даст кашидан аз расидан ба ҳадафҳои аслии сиёсӣ ва ҳарбӣ оварда расонад.

Таъсири васоити ахбори омма тавассути таъсир ба зеҳн ва ҳисси инсон суръат мегирад. Модели оқилонаи иттилоотикунонии оммавӣ барои боварӣ бахшидани одамон иттилоот ва далелҳоро дар асоси қонунҳои мантиқ омода месозад. Аммо нерӯҳои гуногуни сиёсӣ барои таблиғи ғоя ва арзишҳои худ аз усулҳои таъсири эҳсосотӣ васеътар истифода мебаранд. Сухан ва тасвири бинои неруи бузурги таъсири эҳсосӣ дорад, ки метавонад далелҳо ва санадҳои оқилонаро тира созад. Инро роҳбарони воситахои иттилоотӣ ба таври васеъ истифода мебаранд ва мундариҷаи барномаҳоро аз ҷиҳати эмотсионалӣ бою гуногун мекунанд, ки баъзан ақли инсонро пахш ва тира мекунад.

Таҷрибаи таърих нишон медиҳад, ки васоити ахбори омма метавонанд ба мақсадҳои гуногуни сиёсӣ хидмат кунанд: чӣ гуна тарбия кардани инсон, инкишоф додани обрӯ ва эътибори онҳо, хоҳиши озодӣ ва адолати иҷтимоӣ, мусоидат ва кӯмаки иштироки босалоҳияти онҳо дар сиёсат, бой кардани маънавиёт ё баръакс ғуломии маънавӣ, маълумоти нодуруст ва тарсондани аҳолӣ, барангехтани иғво ва

нобоварӣ, киштани тухми тарсу ҳарос ва ғайра. Хатари аз ҳама калон барои одамон истифодаи иттилоот бо мақсадҳои қаллобӣ мебошад. Бояд дар хотир дошт, ки механизми истифодаи манипулятсия ҳамеша дар системаи дониши касбӣ дар бораи чӣ гуна бо одамон муошират кардан мавқеи махсус дошт, зеро бе ин найрангҳо муносибати кориро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳиллаҳои манипулятсия ё қаллобӣ тақрибан дар ҳама соҳаҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ мавҷуданд.

Дар амалия се гурӯҳи манипулятсияи байнишахсӣ мавҷуд аст: ташкилӣ, маросимӣ;  равонӣ; мантиқӣ. Дар ҷаҳони муосир назария ва малияи бозиҳои сиёсӣ як дараҷаи амиқи илмӣ ва истифодаи васеи амалӣ гирифтанд. Технологияи умумии найрангҳои глобалӣ ва умумимиллӣ одатан ба ҷорӣ намудани афсонаҳои иҷтимоию сиёсӣ ба шуури омма асос ёфтааст - ғояҳои фиребанда, ки арзиш ва меъёрҳои муайянро тасдиқ мекунанд ва асосан бидуни дарки оқилона ва интиқодӣ бо воситаи эътиқод дарк карда мешаванд. Азбаски сӯиистеъмоли шуури ҷамъиятӣ ба технология табдил ёфтааст, коргарони касбӣ пайдо шуданд, ки соҳиби ин технология (ё қисмҳои он) мебошанд. Системаи тайёр кардани кадрҳо, муассисаҳои илмӣ, адабиёти илмӣ ва илмӣ-оммавӣ пайдо шуданд. Чунин мешуморанд, ки таъсиси психоанализ ҳамчун асоси таълимоти манипулятсияи шуур бо муваффақияти татбиқи он дар соҳаи таблиғ мусоидат кардааст.

Васоити ахбори омма - ин муассисаҳое мебошанд, ки барои интиқоли кушода ва оммавӣ бо истифода аз воситаҳои махсуси техникии иттилооти гуногун ба ҳар шахс сохта шудаанд - ин як системаи нисбатан мустақил мебошад, ки бо шумораи зиёди унсурҳои таркибӣ тавсиф карда мешавад: мундариҷа, хосият, шакл, усул ва сатҳи муайяни ташкилот (дар кишвар, дар минтақа, дар истеҳсолот).

Раванди иттилоотикунонӣ албатта, ба шуур ва шуурнокии кӯдак таъсири бузурги психологӣ мерасонад. Воқеияте, ки расонаҳои имрӯза ба мо пешниҳод мекунанд, бешубҳа, андешаи касеро миёнаравӣ

мекунанд, соддаанд ва тафаккуру таҳлилро талаб намекунад. Дар баъзе ҳолатҳо, ин маълумот метавонад хатарнок бошад, зеро кӯдак онро бидуни дудилагӣ қабул мекунад ва дар шуури ӯ чизҳои зиёдеро ҷой додан мумкин аст. Аз ин рӯ, аксар вақт ғарқ шудан ба ҷараёни иттилоот аз дарки дуруст ва андешаи танқидӣ осонтар буда, васоити ахбори омма имрӯз омили тавонои таъсиррасонӣ ба ҳолати рӯҳии насли наврас мебошанд[1]. Васоити ахбори омма дар соҳаҳои комилан гуногун зоҳир мешаванд, ки ҳар яки он вазифаи хоси худро иҷро мекунад (иттилоотӣ, иртиботи иҷтимоӣ, фароғатӣ ва ғ.).

Бо шарофати истифодаи ин василаҳои коммуникатсионӣ якчанд соҳаҳои иттилоот ба вуҷуд омаданд: матбуот, радио, телевизион, Интернет, ки ҳар яки он аз шумораи зиёди шабакаҳо- рӯзнома, маҷаллаҳо, китоб, радио ва телевизион, сайтҳои иттилоотӣ, чатҳо, блокҳое, ки метавонанд дар тамоми ҷаҳон ва дар минтақаҳои гуногун (минтақаҳо, ноҳияҳо, ноҳияҳо) паҳн шаванд.

Аломат ва хусусиятҳои асосии воситаҳои иттилоотиро нишон додан зарур аст:

1.Рушди васоити ахбори омма (дар ин маврид сухан дар бораи тамоми воситаҳои иттилоотӣ меравад) падидаи «танқисӣ аз фаровонӣ» -ро ба вуҷуд овардааст. Ин чунин маъно дорад, ки бо миқдори зиёди иттилооте, ки сабаб ва асоснокии онҳо дидаву дониста сарфи назар карда мешаванд, шахс дарк кардани онро қатъ мекунад ва ба хулосае меояд, ки ба ҳеҷ чиз бовар кардан мумкин нест. Ҳамин тариқ, дар ҷараёни васеи иттилоотӣ, дар натиҷаи гум шудани эътимод ба маълумоти пешниҳодшуда, шахс худро гӯё дар як холигии иттилоотӣ мебинад.

2. Воситаҳои муосири иттилоот ин интиқоли маълумот тавассути "намоиш" (аз англисӣ "performance" - представление) мебошад. Инсон

---

[1] Ниг.: Виниченко М.В. Инновационное развитие личности в ходе подготовки по управленческим специальностям. [Текст] / М. В. Виниченко // Управление персоналом и интеллектуальными ресурсами в России. - 2014. - № 4 (13). - С.21 - 25.

ҳамчун кӯдак орзуву хоҳиши вақтхушӣ, ҳангома ва тамошои оммавиро доимо дорад ва аз сар мегузаронад.

Ҳангоме ки пешниҳоди иттилоот беш аз пеш хусусияти намоиширо касб мекунад, одамон мекӯшанд, ки иштирокчии баъзе амалҳои ҷолиб бошанд.

3. Визуализатсия. Дар замони муосир муошırати визуалӣ (визуалӣ) байни одамон асоси муоширатро ташкил медиҳад. Тасвир ва рамзҳои визуалӣ ҳамаи дигар воситаҳои интиқоли иттилоотро иваз карданд (забон, имову ишора ва ғ.). Дар ин росто, телевизион ва Интернет аз ҷиҳати маъруфият дар ҷои аввал меистанд. Хавф дар он аст, ки оянда инсон, бахусус ҷавонон қобилияти эҷодкорона фикр карданро аз даст медиҳанд, тасвирҳову рамзҳо, ки барои ӯ ва ба ҷои ӯ офарида шуданд, ба ҷои муошırати зинда истифода мешаванд. Ин ҷанбаъҳоро дар марҳилаҳои аввали ташаккули шахсият баррасӣ кардан хеле муҳим аст[1].

Стандартҳои асосии «сифати иттилоот»-ро дар маҷмӯъ чунин таҳия кардан мумкин аст:

1. Васоити ахбори омма (алалхусус, матбуот ва телевизион) бояд одамонро бо навгониҳои ҳозира, рӯйдодҳои ҷомеа ва ҷаҳон пурра таъмин кунанд.

2. Маълумот бояд мазмунан дақиқ, рӯирост, ҳақиқӣ, воқеӣ, эътимоднок, бо далелу асос ва ақидаҳо объективӣ бошад.

3. Маълумот бояд мутавозин ва беғараз бошад, нуқтаи назари алтернативиро инъикос кунад, ки ба тариқи ғайриҳаннотӣ пешниҳод карда шаванд.

4. Воситаҳои ахбори омма бояд шабакаҳои муошırати тарафайн ва дастгирии гурӯҳҳоеро, ки фаъолияташон ба онҳо равона шудааст (дар сатҳи миллӣ, маҳаллӣ) таъмин кунанд.

[1] Ниг.: Виниченко М.В. Инновационное развитие личности в ходе подготовки по управленческим специальностям. [Текст] / М.В. Виниченко // Управление персоналом и интеллектуальными ресурсами в России. - 2014. - № 4 (13). - С. 21-25.

5. Воситаҳои ахбори омма метавонанд фарогирии иҷтимоиро бо диққати махсус ба шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ё тобеъ мусоидат кунанд.

6. Воситаҳои ахбори омма набояд бо риояи рамзии ҷинояткорӣ ва бетартибии иҷтимоӣ вазъи қонуниятро вайрон кунанд.

7. Мазмуни васоити ахбори омма бояд забон ва фарҳанги муосири одамонеро, ки ин расонаҳо хидмат мекунанд (дар сатҳи миллӣ, маҳаллӣ, минтақавӣ) инъикос ва ифода кунанд.

8. Ба нақши таълимиву тарбиявии иттиллот, инчунин инъикоси маводҳои беҳтарини мероси фарҳангии кишвар афзалияти муайян дода шавад.

9. Воситаҳои ахбори омма бояд ба зуҳури эҷодиёти фарҳангӣ, асолат ва сифати онҳо мусоидат кунанд (мувофиқи меъёрҳои эстетикӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ, касбӣ)[1].

Дар аксари санадҳои меъёрӣ ва фармоишоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул мешаванд ба масъалаи ҳифзи ноболиғон аз таъсири манфии фазои иттилоотӣ нигаронида мешаванд. Дар фазои иттилоотии Тоҷикистон маълумоте, ки рафтори зидди иҷтимоӣ, амалҳои ҷиноятӣ, зӯроварӣ, бераҳмӣ, фаҳш ва маводи мухаддирро таблиғ мекунанд, пахш кардан комилан манъ аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои мактабу маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар тамоми зинаҳои он, илму фарҳанг, маънавиёт, таҳкими худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳофизаи таърихӣ ва ҳуввияти миллӣ аз оғози фаъолиятшон то имрӯз талош меварзанду ба масъалаҳои тозаву озода нигоҳ доштани мафкураи мардум, донистани таъриху фарҳанги миллӣ ва ҳифзи он, пешгирии терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, амалҳои коррупсионӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа бо диду

---

[1] Ниг.: Евстратова Т.А. Мероприятия по повышению эффективности муниципальной молодежной политики малого города. [Текст] / Т.А. Евстратова //Материалы Ивановских чтений. 2015. № 5. С. 20-25.

назари нав баҳогузорӣ менамоянд. Пешвои миллат борҳо таъкид менамоянд, ки таълиму тарбияи насли имрӯза ва навгониҳои технологияи муосир барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ташаккул додани фаъолияти эҷодӣ ва эҷодкорӣ, рушд додани ақлу заковат, мустақилона фикр карданро талаб менамояд, ки ин самти ташаккули шахсият аз зинаи аввали таҳсилот бояд ба роҳ монда шавад. Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (с.1994), Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ (с.1997). Консепсияи миллии маълумот (2003), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Консепсияи миллии тарбия (03.03.2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2.08.2011) барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ва ташаккули тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас мусоидат намуда истодаанд.

Дар тӯли даҳсолаи охир насли наве ба воя расидааст, ки ба ҷаҳонбинӣ, муносибат, арзишҳои маънавии онҳо тасвирҳои виртуалии компютерӣ, рамзҳо, иттилооте, ки аз ҷониби кишварҳои гуногуни арсаи байналмилалӣ пахш мешаванд, таъсир мерасонанд. Олами виртуалӣ барои дарки воқеият, ҳиссиёт, муоширати зинда дар байни насли наврас халал ворид месозад ва шаклҳои анъанавии истироҳати фаъолро иваз мекунанд. Сленг ва ё маҷмӯи калимаҳои махсуси компютерӣ, ки дар байни наврасон маъруфтият пайдо карда истодааст, муоширатро бо забони модарӣ таҳриф мекунад. Бо ёрии ин василаҳо, инсон ҳамчун як иштирокчии фаъоли рӯйдодҳои виртуалӣ ба олами афсонавӣ ворид мешавад ва худро дар ҷаҳони воқеӣ нотавон ва идорашаванда ҳис мекунад. Осебпазиртарин, дар ин маврид одамони аз ҷиҳати маънавӣ рушднаёфта, яъне кӯдакону наврасон мебошанд ва ин мушкилот, вақте ки сухан дар бораи шуури ҳанӯз ташаккулёфтаи онҳо меравад, шадидтар аст.

Ҳамин тариқ, фазои иттилоотӣ як ҷузъи ҷудонашаванда ва хеле муҳими ҳаёт гардида, дорои иқтидори пурқуввати таъсир ҳам ба аҳли ҷомеа ва хусусан ба ҷавонон мебошад.

Ҷавонони мо дар рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар саҳми бисёр арзишманд гузошта, нақши онҳо аз иштирок дар бунёди иншооти азими мамлакат то хизмати содиқона дар сафҳои қувваҳои мусаллаҳ, ҳифзи сарҳади давлатӣ, суботу оромии давлат ва ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон арзандаи таҳсин ва боиси ифтихори ҳар яки мо мебошад. Тавре дар Паёми худ Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Солҳои охир саҳми ҷавонон дар рушди варзиш ва оммавигардонии он ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар миёни аҳли ҷомеа назаррас мебошад»[1]. Бояд иброз намуд, ки ҷавонон ҳамчун муҳаррики асосии пешбарандаи ҷомеа, ҳифз ва талқинкунандаи фарҳанг, тамаддун ва арзишҳои миллию анъанавӣ бояд дар таъмини сулҳу субот ва рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвари азизамон саҳмгузор бошанд ва дар ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолона иштирок намоянд.

Таърих саросар далели он аст, ки ягон давлат бе нерӯи муҳофизатгар бақо надорад. Вобаста ба муқаррароти моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванд аст. Боиси тазаккур аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи олии қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ҳимояи марзу буми Ватан, оромии кишвар, пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ, халалдор нагардидани осоиштагӣ ва зисту зиндагонии аҳолӣ эмин будан аз хавфу хатарҳои ҷаҳонӣ ҳар як

---

[1] Сафаров Ш. Варзишгарон ватанпарварони асилтаринанд. [Матн] / Ш. Сафаров // “Омӯзгор”, № 5, 4-уми феврали соли 2021. – *С. 3.*

шаҳрванд, махсусан ҷавононро ҳамеша дар ҳар суханрониҳояшон таъкид менамоянд.

Бо дастуру ҳидояти Пешвои миллат имрӯз он ҷавононе, ки хизмати Модар – Ватанро дар сафи Қуввваҳои мусалллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра адо кардаанд, имтиёзҳо муқаррар шудаанд. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Бинобар ин, ҳимояи марзу буми Тоҷикистон қарзи ҷонии ҳар як ватандор аст. Хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ вазифаи муқаддаси ҳар як ҷавон ба ҳисоб меравад, ҳар шахсе, ки ифтихори ватандорӣ дорад, бояд баҳри ҳифзи Ватани хеш омода бошад ва марзу буми онро чун гавҳараки чашм ҳифз намояд. Ҷавонони бонангу номуси мо хуб медонанд, ки хизмат ба Ватан қарзи муқаддаси фарзандӣ ва рисолати ҷавонмардист. Насли ҷавон дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ хизмат намуда, муҳимтарин мактаби обутоби ҳаётро паси сар мекунанд, маҳз дар ҳамин ҷо ҷавонписарон дарси шуҷоату мардонагӣ омӯхта, муҳофизат кардани хоки Ватанро меомӯзанд.

Шароити соҳибистиқлоли кишвар тақозо мекунад, ки мо насли воқеан ояндасозу худшинос, ватандӯсту меҳанпараст, масъулиятшиносу содиқ бар арзишҳои миллиро ба воя расонем. Дар ин самт, дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон Артиши миллиамон рисолати бештарро ба зимма дорад. Имрӯзҳо ҷавонони мо бо ҳисси баланди ватандӯстӣ шабонарӯз оромии кишвар ва зиндагии осоиштаи шаҳрвандони мамлакатро аз ҳама гуна хатарҳо эмин нигоҳ медоранд, хизмат дар сафи Артиши миллӣ, пеш аз ҳама мазмуни ҳимояи номус, шаъну шарафи волидон, наздикон ва ҳамватанонро дорад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок намуда, ҷонбозиҳо намуданд ва қаҳрамон ҳам шудаанд, ки ин боиси ифтихори халқи тоҷик аст ва ҳар сол 9 – майро чун Рӯзи Ғалаба ҷашн мегиранд.

Бемуҳобот халқи тоҷикро халқи меҳанпараст, мегӯянд, чунки дар достонҳои асотирӣ аз Рустам, Сиёвуш, Томирис, Муқаннаъ, Деваштиҷ, барин қаҳрамонҳо, ки ҳимояи хоки муқаддас – Ватанро волотар аз ҳама чиз медонистанд, омӯхтан мумкин аст. Аз ин рӯ, мо падару модарон, омӯзгорон насли калонсоли кишвар насли наврас ва ҷавонон, ки фардои муҳофизи Ватан мебошанд, дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ тарбия намуда, баҳри ҳимояи марзу бум, таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон онҳоро ҳидоят намоем.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо мо дар фазои сулҳу субот, оромӣ, дӯстӣ ҳаёт ба сар бурда, ҳар як пешрафту комёбӣ ва дастовардҳои арзандаи давлату миллатро зери сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқбол мегирем, барои ояндаи дурахшони ин сарзамини беназири ин давлат, камари ҳиммат мебандем ва фахр аз он ҳам менамоем, ки ҷавонони халқи бузурги тоҷик муҳофизони фардои Ватани хеш ҳастанд.

Соли равон ба санаи тақдирсози таърихи навини халқамон, яъне Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 сол пур шуд. Ин марҳилаи начандон тӯлонии таърихӣ бори дигар нишон дод, ки тоҷикон дар ҳақиқат миллати созандаву бунёдкор, ватандӯсту ватанпарвар, соҳибтамаддуну фарҳангӣ ва сулҳхоҳу таҳаммулгаро буда, метавонанд, бо ваҳдату сарҷамъии худ ҷомеаи воқеан муосири демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро бунёд намоянд.

Дар робита бо ин борҳо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳли ҷомеа, аз ҷумла насли наврасу ҷавон муроҷиат намуда гуфта буданд: «Ин дастоварди бузурги таърихӣ — ваҳдати миллиро гиромӣ доред, онро эҳтирому эҳтиёт кунед, ояндабину дурандеш бошед, парчами ваҳдатро баланд бардоред, ба Ватани

маҳбубамон содиқу вафодор бошед ва ҳар порчаи сарзамини аҷдодиро чун ҷони худ азизу чун модар дӯст доред»[1].

Мутаассифона, дар шароити муосири рушди ҷомеа роҳи чунин амалҳои созанда ва таъмини ояндаи дурахшони мамлакати азизамон мушкилиҳои муайян мавҷуданд. Аз он ҷумла, дар шароити муосир мубориза ба муқобили чунин падидаҳои ифротӣ ба монанди терроризм ва экстремизм ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Рӯз аз рӯз доираҳои ташкилоту созмонҳои экстремистӣ рӯ ба афзоиш аст. Сабаб дар чист? Бояд ҳар як шахси солимфикр худ қазоват кунад. Пеш аз оне, ки сабабҳои пайдоиши ин зуҳуроти номатлубро муайян намоем, сараввал мехостам оиди моҳияти онҳо чанд сухан гӯям. Аслан экстремизм – (аз калимаи лотинӣ «extremus») гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштан аст. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон – дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд.

Экстремизм ба шуури ҷамъиятӣ, иродаву психологияи ҷамъиятӣ, ахлоқ ва идеологияи омма паҳн гардида, ба муносибати байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ (экстремизми иҷтимоӣ), миллат (экстремизми миллатгароӣ ё халқҳо), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ-давлатӣ (экстрмизми сиёсӣ) ва мазҳабҳои динӣ (экстремизми динӣ) таъсир мерасонад.

Терроризм – сиёсатест, ки ба истифодаи пай дар пайи амалҳои террористӣ асос ёфтааст. Калимаҳои ҳаммаънои терроризм (лотинӣ terror – тарс, даҳшат) чунин мафҳумҳо ба монанди “зӯроварӣ” ва “тарсонидан” мебошанд. Терроризм ҳамчун мафкураи зӯроварӣ ва амалияи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, ба раванди қабули қарорҳо

---

[1] Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муносибати 18 - солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, шаҳри Душанбе, 26 июни соли 2015. [Матн] // Ҷумҳурият. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] URL: https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=19789 (санаи муроҷиат: 15. 11. 2022.)

аз тарафи мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ муайян карда мешавад, ки бо таъсиррасонии қудратӣ, тарсонидани аҳолии осоишта ва ё дигар шаклҳои амалҳои зӯроваронаи ғайриқонунӣ алоқаманд аст. Дар давраи ҳозира мутаассифона дар арсаи байналхалқӣ фаъолияти ифротгароёнаи террористӣ ва экстремистӣ аз тарафи қувваҳои гуногун хеле фаъол гардидааст. Дар айни замон терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст.

Солҳои охир дар саросари ҷаҳон зуҳуроти номатлуб, аз қабили экстремизм, радикализм ва дигар равияҳо зиёд гардида, ҷомеаи ҷаҳониро таҳти таҳдид ва ноороми қарор додаанд. Ташвишовар он аст, ки дар ин раванди номатлуб ба сифати аслиҳаи асосӣ ҷавонон, ки қисман тавонову зеҳнан камтаҷриба мебошанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар навбати худ, ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва террористӣ барои манфиатҳои махфии гурӯҳи муайяни ниҳодҳои қудратманд бо мақсади гирифтани даромадҳои молиявии бузург ва баланд бардоштани нуфузи сиёсии худ аз қувваи ҷавонон истифода менамоянд. Бинобар ин, баланд бардоштани сатҳи дониш, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон, дар асоси он тарбияи комили онҳо ҳамчун нерӯи пуриқтидор ваояндаи кишвар ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, яке аз усулҳои тарбияи комил, маърифатноксозӣ ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз ҳама гуна падидаҳои номатлуб – ин соҳиби шуғл будани онҳост.

Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мусоид барои шуғлмандии насли ҷавон, дар ин васила тарбия ва омода намудани онҳо дар роҳи худташаккул, эмин будан аз рафтору кирдорҳои номатлуб, муқовиматнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир низ яке самтҳои асосии тарбияи ҷавонон мебошад. Яке аз василаҳои устувори талқини идеология – ин ҳавасмандгардонии маънавӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон тавассути дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва ё истеъдодҳои ҷавон ба амал бароварда мешавад. Яъне,

бо пиёда кардани барномаҳои гуногун дар самти дастгирӣ ва қадршиносии лаёқати ҷавонон бо назардошти ҷанбаъҳои идеологӣ, онҳоро метавон руҳбаланд сохт ва дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, пос доштани муқаддасоти миллӣ тарбия намуд.

Дар воқеъ, ҷавонон баробари қувваи пешбарандаи ҷомеа будан, онҳо сарвати асосии идеологии ҳар як давлат низ ба ҳисоб меравcauses. Аз назари идеологӣ, таълим додану тарбия ва омода намудани ҷавонони кишвар далели он аст, ки онҳо худро ба нерӯи мағлубнашаванда, ватандӯст, хайрхоҳ ва таҳаммулпарвар мусаллаҳ мегардонанд[1]. Бо мақсади самаранок амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан масъалаҳои риоя ва таъмини ҳуқуқии ҷавонон, дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, кӯмаки моддию молиявӣ, беҳтар гардонидани шароити зист, дастгирии таҳсили ҷавонон, мусоидат ба шуғли мутахассисони ҷавон, ҳамкориҳои байналмиллалии ҷавонон бояд кормандони ташкилоту муассисаҳо, устодони мактабҳои миёна ва олӣ, кормандони ҳокимияти маҳаллӣ, ва падару модарон пурра сафарбар карда шаванд.

Тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи арзишҳои суннативу умимибашарӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ ҳувvияти миллӣ, дарки масъулият ва созандагиву эҷодкорӣ вазифаи асосии оила, мактаб ва ҷомеа буда, дар пешрафту тараққиёти маданияти моддиву маънавӣ мавқеи махсус дорад. Гарчанде ки ин мафҳум вазифаи умумӣ ба ҳисоб меравад, дар амалӣ намудани рукнҳои он омӯзгор мавқеи асосӣ дорад. Тарбия дар ниҳоди инсон сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувvияти миллӣ, ахлоқи ҳамидаи инсониро ташаккул медиҳад. Тарбия бояд созгору ибратбахш ва дар пояи манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда

[1] Ниг.: Миралиев Қ.А. Қоидаҳои нав дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон. [Матн] / Қ. А. Миралиев. – Душанбе, 2014. – С. 34.

шуда, дар амалӣ намудани ҳадафҳои созандаву бунёдкоронаи давлату миллат ва ҷомеа равона гардад.

Боиси қайд аст, ки яке аз ҳуҷҷатҳои асосии дурнамои тарбияи миллӣ, ки мазмуну муҳтавои ба пешрафту тамаддуни миллату давлат нигаронида шудааст, Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006 таҳти №94 тасдиқ карда шудааст. Хушбахтона, тайи солҳои охир аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҷалби наврасону ҷавонон ба омӯзиши илму ҳунар ва дарёфти истеъдодҳои навин баргузории озмунҳои мухталиф амсоли «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон- Ватани азизи ман», «Илм фурӯғи маърифат» роҳандозӣ гардида, садҳо ҷавонону наврасон ва калонсолон дар он фаъолона ширкат варзиданд ва чеҳраҳои навини илму ҳунару маънӣ кашф гардиданд.

Зикр бояд кард, ки баргузории озмун ва чорабиниҳои мухталиф дар таълиму тадрис ва тарбияи хубу дурусти наврасону чавонон таъсири бузургро дорост. Зеро бо ин васила чи хурду чи бузург – инсон метавонад аз бештар омӯхтан ва мутолиаи китобҳои мухталиф дониши худро мукаммал сохта, ҳикмату маънии бештареро соҳиб шавад. Воқеан рӯ овардан ба китоб ва маърифату маънӣ ба ҳолатҳои равонии шахс таъсири мусбӣ расонида, ба тағйирёбии хислати шахс мусоидат менамояд. Бисёр маврид мешавад, ки хонандагони ба қаҳрамонони асар пайравӣ мекунанд ва аз хондани китоб маънии ҳаёти воқеиро дарёфт намуда, дар зиндагӣ, фаъолият, одобу рафтор ва муносибат дар ҷамъият мавқеи хешро касб менамоянд. Натиҷаҳои ҷамъбастии озмунҳо нишон дод, ки садҳо нафарон, алалхусус наврасону ҷавонон рӯ ба китобу китобхонӣ ва ихтироъкориву навсозӣ оварда, ҷиҳати пешбурди кор дар ин самт кӯшишу талош менамоянд. Роҳандозии озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм фурӯғи маърифат» бори дигар собит сохт, ки

Ҳукумати мамлакат ва Роҳбари хирадпешаи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба илму донишомӯзӣ ва тараққиёту пешрафти ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, барои ғолибони озмунҳо тӯҳфаҳои пуливу молӣ омода намуда, иштирокдоронро ҳавасманд мегардонанд, ки ин раванд кӯшишу ғайрати нафарони илмҷӯву донишомӯзро даҳчанд афзун намуд.

Дар воқеъ, дар замони имрӯза, ки дар тамоми курраи арз тараққиёти илму техника ба суръати кайҳонӣ пеш меравад, баргузории чунин озмунҳо баҳри баландбардории рӯҳияи мардум хизмати шоиста намуда истодааст. Ба мушоҳида мерасад, ки сафи китобдӯстону маърифатпарварон ва ихтироъкорон рӯз аз рӯз афзун гардида, муҳит дигаргун шуда истодааст. Дар ҳақиқат тайи сию ду соли соҳибистиқлолӣ Тоҷикистони азизи мо тавонист матонату устувории хешро дар арсаи байналмилалӣ нишон диҳад ва дар тамоми ҷаҳон ҳамчун давлати сулҳхоҳу сулҳофар эътироф гардад, ки ин ҳама бо ҷидду ҷаҳд, ҷасорату диловарӣ, меҳнатҳои шабонарӯзии Садри муаззами кишвар ва ҳамдиливу ҳамдастӣ ваҳдатгароиву ваҳдатхоҳии мардуми шарифи кишвар ба даст омадааст.

Имрӯз месазад, ки мо – насли наврасу ҷавон ва бузургсол таърихи гузаштаи хешро аз худ намуда, бо шукргузорӣ аз сулҳу суботи комил ва фазои рӯшану пурбаҳои истиқлол бо ҳисси ватанхоҳиву хештаншиносӣ, илмҷӯйиву навоварӣ дар рӯхияи созандагиву бунёдкорӣ ва масъулияти баланди кишваршиносиву ҷасоратмандӣ қадаме ба пеш гузошта бошем. Нақши босазои озмунҳои китобхониву ихтироъкориро, ки дар пешрафту тараққии илму маънӣ ба китоби зиндагии мардуми тоҷик муҳри бунёди фазои илмиву маънавӣ ва тамаддуни башарӣ мегузорад, исбот намоем. Далели пешравиҳои илмиву мадании хешро рӯйи кор оварем, то насли навини оянда комилан дарк намоянд, ки қадамгузорӣ ба ҷабҳаи илму ҳунар қадамгузорӣ ба расаи тамаддуни ҷаҳонӣ аст. Дар ин росто, метавон таъкид кард, ки нақши побарҷои озмунҳои «Фурӯғи субҳи

доноӣ» ва «Илм фурӯғи маърифат» дар тай намудани қуллаҳои баланди илмиву эҷодӣ ба таври комил мусоидат намуда, дар вуҷуди инсон сифатҳои баланди ахлоқиву маънавӣ, ҳуввияти миллӣ ва тамоми хислатҳои ҳамидаи инсониро ташаккул медиҳад.

Ояндаи Тоҷикистон дар дасти ҷавонон аст ва ояндасозиро дониш, ақлу тамиз ва фаросати онҳо тезонида метавонад. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар суханронӣ, дар мулоқотҳои махсус таъкидан мегӯянд, ки ба таҷрибаи пирон такя карда, дар заминаи анъанаҳои падари шӯҳратманд ҷавонони имрӯзро тарбия намоем ва онҳо барои фардоиён низ хидмат кунанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихор гуфтанд, ки «Ҷавонони мо дар дохил ва хориҷи мамлакат дар бахшҳои мухталиф таҳсил карда, соҳиби касбу ихтисосҳое мешаванд, ки барои кишварамон зарур мебошанд». Ба Ҳукумати Тоҷикистон зарур, ки ташаббусу пешниҳодҳои ҷавононро дастгирӣ карда, барои ба амал татбиқ гардидани онҳо шароит ва имконияти васеъ фароҳам оварад.

Дар Паёми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст: “Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа фаъолтар бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти давлатиро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдкорона ширкат варзанд, шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз хавфу хатарҳои ғайричашмдошти ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд"[1]. Ҷавонон ба ин гуна хислатҳои нек кай соҳиб шуда метавонанд? Ҷавоби ин савол, албатта, душвор нест. Ба ин савол муаллимони мактаб ё волидони соҳибмаърифат ба тезӣ ҷавоб дода метавонанд.

---

[1] Асламов Б.С. Ҷавонон – нерӯи созандаи ҷомеа. [Матн] / Б.С. Асламов, Ҳ.Т. Ҳабибзода, С.Н. Сафарова [Манбаи электронӣ] URL: https://avkd.tj/tg/khabarho/2062-javonon-nerui-sozandai-jomea.html (санаи мурочиат: 25. 11. 2022.)

Албатта, дар мактаби таҳсилоти умумӣ, чунки кӯдакон завқу шавқи хониш ва дарёфти донишро дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ пайдо мекунанд, онро дар мактаби таҳсилоти умумӣ такмил медиҳанд. Ба хулосаи амиқ меоянд, ки онҳо бояд маълумоти олӣ дошта бошанд. Зеро танҳо маълумоти олӣ метавонад боиси соҳиб шудан ба ихтисоси созанда гардад. Ҷавонон ҳар ҷое, ки бошанд, хоҳ дар сохтмон, хоҳ дар хизмати ватан-модар, хоҳ дар мактабу дар муассисаҳои тиббӣ, бояд ҳисси баданди миллӣ дошта бошанд. Танҳо ҳамон вақт ҳақ доранд бо Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлол ифтихор кунанд. Имрӯз равшан ба назар мерасад, ки таваҷҷӯҳи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон баланд бардоштани нақши ҷавонон ва истифодаи неруи онҳо дар пешбурди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ, ҳамзамон таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносӣ ва худогоҳӣ, ватандӯстию дӯст доштану эҳтироми миллат пайваста афзун мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳини ироаи Паёми солҳои пешин ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон бо ифтихор таъкид карданд: “Бо назардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад”. Соли ҷавонон эълон шудани соли 2017 мафҳуми масъулият ва вазифагузориро ба худ касб мекунад.

Ба назари мо ҳамон сол барои ҷавонон соли имтиҳоноти бузург буд. Оё мо ба боварии Президенти мамлакат сазовор шуда метавонем? Ба мо зарур, ки сазовори боварии Пешвои миллат бошем. Охир он кас моро насли замони истиқлол номиданд. Гуфтанд, ки мо аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ дорем. Агар фарқ надошта бошем, бояд нағз хонем, бо ҷадал омӯзем, то донишамон чуқур ва доираи фаҳмишамон фарох гардад. Вақте мо ҷавонон мегӯем, пеши назар на танҳо мардони ҷавон, ҳамзамон духтарон низ ҳувайдо мешаванд. Зеро имрӯз кулли

ҷавондухтарон ва модарони ҷавон сазовори боварии Сарвари давлат амал мекунанд. Онҳо дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ таҳсил карда, бо дониш ва завқи хониш, таҷрибаи кории худ ба дараҷае мерасанд, ки онҳоро ҷавонмардони ҳақиқӣ метавон гуфт. Ҷавонмард соҳиби якчанд хислати волою ҳамида мешавад. Имрӯз мо аз он хурсандем, ки занон аз мардон заррае камӣ надоранд. Агар дар замони шӯравӣ занони механизаторро сифат карда, ба мартабаҳои баланд бардоранд, имрӯз занону духтарони мо дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хосатан дар мақомоти суду прокуратура бо рӯи сурху сари баланд кор мекунанд. Мақоми онҳо дар илм ҳам баланду назаррас аст. Аз ин рӯ, дар даврони соҳибистиқлолӣ ташаббусҳои занон ҳамеша дастгирӣ меёбанд, барои амалӣ шудани онҳо тадбирҳои ҷиддӣ андешида мешаванд.

Аз ҳуҷҷатҳои оморӣ маълум, ки имрӯз бонувон дар соҳаҳои маориф, ҳифзи сиҳатии омма ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ фаъоланд, яъне қисми зиёди кормандони ин соҳаҳоро дарбар мегиранд, чи хеле дар Паёми Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд шудааст, «аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 23 фоизашон занонанд». «Мувофиқи мақсад аст, ки барои дастгирии занону духтарон дар зинаҳои гуногун квота ва имтиёзҳо муқаррар намоем ва чунин иқдом яке аз роҳҳои таъмин намудани баробарҳуқуқии занону мардон мебошад»,- таъкид шудааст дар Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зарур аст, ки имрӯз ба тарбияи маънавию ахлоқии насли ҷавон эътибори ҷиддӣ диҳем. Зеро масъалаи мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, садою симо, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба масоили мавриди зикр, пеш аз ҳама ҳифзи истиқлолият, ҳамзамон инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа,

ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд.

Яқин бояд донист, ки ин ҳам бароямон вазифаи иҷрояш таъхирнопазир аст. Зеро аксарияти аҳолии Тоҷикистон ҷавононанд. Пӯшида нест, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, аниқтарашояндаи миллат ва давлат мебошанд. Хушбахтона, имрӯз ҷавонон бо аз худ кардани касбу ҳунар ва иқдому ташаббусҳои созандаи худ дар пешбурду тараққии ватани азизамон Тоҷикистон, пешрафти илму техника, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва фарҳанг саҳми назаррас мегиранд. Зеро барои онҳо ба шарофати ғамхориҳои пайвастаи Сарвари давлат садҳо иншоотҳои таълимӣ, маданию маърифатӣ ва фарҳангию фароғатӣ, толорҳои варзиш бунёд мешаванд[1].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро яке аз пояҳои устувори давлату давлатдорӣ медонанд. Аз касе пӯшида нест, ки Пешвои миллат борҳо таъкид кардаанд, ки “фаъолияти дуруст ва самарабахши соҳаи маориф маҳаки асосии таҷаллии неруҳои зеҳнии кишвар мебошад. Нерӯҳои зеҳнии давлатро кӣ таълим медиҳад ва тарбия мекунад? Албатта, муаллиму мураббӣ ва падару модар. Аз мушоҳидаҳо маълум мешавад, ки омӯзгорони литсею гимназия пеш аз ҳама фарзандони дар оилаҳои зиёӣ тавлидшуда ва тарбияёфтаро ба гурӯҳашон бе мамониат қабул мекунанд, зеро аксари онҳо бачагони боодоб, ҳушёр ва таваҷҷуҳашон ба хондану дониш андӯхтан бештар аст. Мо ҳам эҳсос мекунем, киояндаи Тоҷикистон дар дасти ҷавонон аст. Пас, тарбия кардан, ки онҳо заковатманду соҳибтадбир ба воя расанд.

“Вазифаи имониву виҷдонии ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат ин аст, ки ҳушёриву заракии сиёсиро аз даст надода, дар шароити пуртазоди сайёра ва торафт шиддат гирифтани рақобати байни қудратҳои ҷаҳони имрӯза барои тарбияи фарзандон дар рӯҳияи

---

[1] Ниг.: Ғафоров У. Иҷлосияи наҷотбахши миллат. [Матн] / У. Ғафоров. - Хуҷанд, 2007. – С. 203

худогоҳиву худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, илмомӯзӣ, азхуд кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои пешрафта ба хотири пешрафти иқтисодиву иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли хеш мунтазам ҷаҳду талош намояд". Давлате, ки вазифаи роҳбарикунанда ва идораи миллатеро ба дӯш гирифтааст, бояд ҳайсияти тарбия намудани тобеини худро дар дӯш дошта бошад. Миллате, ки чунин давлати ғамхору шукӯҳмандро соҳиб аст, вазифадор аст, ки пайвандгарою воҳидсоз дар атрофи он бошад.

Ҳаёти инсонӣ дорои ҷиҳатҳои доманадору паҳлӯҳои мухталиф аст ва тобеинро лозим меояд, ба тамоми ҷиҳатҳои рушди он чӣ дар умури дохила ва чӣ дар арсаи байналмилалӣ дастгири ӯ бошанд. Дар роҳи дастгирӣ ва ҳамовозӣ ба давлати хеш, тарбияи ватандӯстии ҷавонон аҳамияти муҳим дорад, зеро ҷавонон созандагони ояндаи ҷомеа буда, аз ҷаҳонбинию ҷаҳонсозии онҳо инкишофи баъдӣ вобастагӣ дорад.[1] Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр дар марҳилаи ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад. Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, риоягари қонуну ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷамъият ва оила аст.

Бояд гуфт, ки худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан ибораҳое мебошанд, ки дарки маънии он барои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ вазифаи ҷонӣ мебошад. Маънидод кардани ин ибораҳо ба соатҳои зиёд ниёз дорад. Имрӯз худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан яке аз пояҳои муҳими давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Чунки давлат бе миллат буда наметавонад ва дар ин баробар

---

[1] Ниг.: Андешаҳои миллӣ ва тарбияи ватанпарастии ҷавонон [Манбаи электронӣ] URL: http://hakikatisugd.tj/index.php/politics/2350-andesha-oi-mill-va-tarbiyai-vatanparastiiavonon 459 (санаи муроҷиат: 25. 11. 2022.)

миллате, ки худро нашиносад, ба арзишҳои миллии худ эҳтиром надошта бошад, он миллат соҳибдавлат буда наметавонад. Ҳамин ҳисси ватандӯстӣ буд, ки миллати мо ба ҳеҷ як мушкилӣ ва фиребу найранги ашхоси бегона нигоҳ накарда, ваҳдати миллиро дар кишвар пойдор намуд. Аз ин рӯ, тарғиби ҳамешагии ин мафҳумҳо барои насли ҷавони кишвар аз манфиат дур нест[1].

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равон карда мешавад. Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷамъият ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат чунин тартибу низомро ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат менамояд[2].

Тарбияи ватандӯстӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва дигар сифатҳои мусбатро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд метавонад, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбат ба зуҳуроти манфии ҷамъият аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷамъият саҳмгузор бошад[3]. Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.

---

[1] Ниг.: Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса: методические основы. [Текст] / Ю. К. Бабанский. – М.: Просвещение, 1982. – С. 21.

[2] Ниг.: Харламов И.Ф. Педагогика. [Текст] / И. Ф. Харламов. - М., 1990. – С. 18.

[3] Ниг.: Тарбияи ватандӯстии ҷавонон-рисолати муқаддас [Манбаи электронӣ] URL: https://mvd.tj/index.php/tj/az-ta-rikhi-militsiya/11472-tarbiyai-vatand-stiiavonon-risolati-mu-addas (санаи мурочиат: 25. 11. 2022.)

Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад[1]. Муҳтавои ин методология дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъкид ёфтааст[2].

Давлат дар сиёсати худ перомуни тарбияи миллии шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки дар тарбияи миллӣ фазои ҳуқуқӣ фароҳам оварда, санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул ва дар амал татбиқ карда шаванд. Ҳукумати Тоҷикистон тамоми чораҳоро меандешад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ ва кору фаъолият намоянд. Намуна ва ибрати шоиста будани рафтору гуфтори мансабдорони мақомоти давлатӣ, сарварони муассисаҳоро мутобиқи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ талаб карда, дарк ва ҳисси масъулиятшиносии падару модар ва калонсолонро дар тарбияи насли наврас баланд мебардорад. Ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии анъанаю расму оинҳои мусбати миллии кишварро дар тарбияи мардум дастгирӣ карда, барои истифодаи осори пурарзиши илмӣ, адабӣ, таърихӣ, динӣ ва асару дастурҳои Сарвари давлат доир ба тарбияи шаҳрвандон тадбирҳо меандешанд.

---

[1] Ниг.: Андешаҳои миллӣ ва тарбияи ватанпарастии ҷавонон [Манбаи электронӣ] URL: http://hakikatisugd.tj/index.php/politics/2350-andesha-oi-mill-va-tarbiyai-vatanparastiiavonon 459 (санаи мурочиат: 25. 11. 2022.)

[2] Юсупова С.О., Курбонов Ю.А. Роҳҳои пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон. [Матн] / С. О. Юсупова. – Душанбе: Ирфон, 1987. -112 с.

Тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ ин тарбияест, ки дар натиҷаи он шаҳрвандон, миллату давлат сарзамини аҷдодии худро дӯст дошта, ҳимоя аз фарҳангу таърихи гузаштаи худ намуда, баҳри инкишофи он содиқона меҳнат мекунанд ва дар якҷоягӣ аз як гиребон сар бароварда, баҳри пойдории сулҳу ваҳдат, ягонагӣ, дӯстиву рафоқат миёни ҳамдигар умр ба сар мебаранд. Аз ин рӯ, омӯхтани таърих яке аз омилҳои муфиди заминавӣ дар тарбияӣ ватандӯстӣ ва дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ба камол расонидани ҷавонон мебошад. Донистани таърихи кишвари хеш, зодгоҳ ва меҳан, дар баробари он воқиф будан аз таърихи гузаштаи аҳли башар яке аз ниёзҳои муҳими маънавию хештаншиносии ҳар фард ва ҳар миллат аст.

Ҳамин тариқ, масъалаи фишангҳои татбиқи сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистонро таҳлилу таҳқиқ намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

–татбиқи сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсаду маром ва ниёзмандиву омилҳои гуногун тобеъ буда дар ҳудуди расидан ба ҳадафҳои рушди кишвар равона гардидаанд;

– сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло таърихи камтар аз сию ду сола дошта, дар ташреҳи таҷрибаи таърихии ташаккулёбии он таҷрибаи ҳамгароӣ ва таъйини тафовуту вижагиҳо дида мешавад. Дар татбиқи сиёсати ҷавонон, асоси онро ғояи муттаҳидшавӣ ва итегратсия ба хотири барқарории муҳити ягонаи башаргароӣ, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ташкил менамояд. Ташаккули муҳити мазкур ба мантиқи ягонаи вусъат ва тавсиа ёфтани ҳудуди сиёсати фарҳангӣ, ки ҷиҳати иктишофи сатҳи васеътари самтгириҳои нави арзишӣ дар муҳити муташаккили ҷавонон мувофиқат менамояд.

## ХУЛОСА

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Масъалаҳои гуногуни “Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро мавриди омӯзиши амиқ ва хулосагириҳои мантиқӣ қарор дода, ба чунин хулосаҳо расидем:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози раванди истиқлолгарӣ бо роҳи демократӣ пеш рафтанро ихтиёр намуда, пай дар пай ислоҳоти демократиро дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ мегардонад. Ҳангоми амалӣ намудани иқдомҳо ва ташаббусҳои гуногун умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ мақом ва нақши хосаеро касб менамоянд. Аз ҷумла, инкишофи ҳамаҷонибаи Тоҷикистон аз мақом ва ҷойгоҳи ҷавонон ҳамчун умумияти муташаккил ва фаъол, ҳамчун неруи мутаҳаррики инкишофи ҷомеаи кунунӣ вобаста аст. Дар шароити муосири инкишофи мамлакат ҷавонон нисбат ба наслҳои қаблӣ дар интихоби масири рушд озодтар буда, ба навоварӣ ва истифодаи технологияҳои муосир бештар майл доранд. Чунин муносибат мақоми пешбари онҳоро дар низоми муосири пешрафт муайян менамояд. [5-М; 1-М].

2. Дар олами муосир аз ҷавонон талаб мегардад, ки ба иҷрои рисолати барандаи идеологияи умумимиллӣ, рушддиҳандаи фарҳанги миллӣ ва таҳкимбахши муносибатҳои байни наслҳо омода бошанд. Насли наврас бояд неруи меҳварии рушди ҷомеаи муосир бошад ва чунин рисолатро худи ҷавонон бояд эҳсос намоянд ва амиқ дарк кунанд. [4-М].

3. Давраи ҳозираи инкишофи мамлакат дар назди мақомоти мухталифи давлатӣ, низоми давлатдорӣ ва пайвастагиҳою робитаҳо бо унсурони мухталифи ҷомеаи маданӣ вазифаҳои таъхирнопазир оид ба таъмини иштироки ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои мубрами инкишофи ҷомеа, саҳми онҳо дар танзим ва идорашавандагии раванду ҳодисаҳои мухталиф ва ғайраро ба миён мегузорад. Ниҳодҳои идоракунии давлатӣ

ва ҷомеаи маданиро зарур аст, ки ба раванди сотсиаликунонии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои худшиносии онҳо таваҷҷуҳи махсус дода, ба ҳалли масъалаҳои гуногуни ҷавонон ҳамчун умумияти фаъолу зудҳаракати ҷомеаи муосир диққати махсус диҳанд. [7-М; 1-М].

4. Ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷавонон, таъмини шароити воқеӣ барои рушди мутаносиби онҳо ва истифодаи самараноки неру ва қудратҳои дигари онҳо аз мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятии ҷомеа тақозо менамоянд, ки роҳу усулҳо ва воситаҳои мусоиду самараноки дар ҳаёти воқеӣ истифода намудани онҳоро дарёфт намоянд ва такмил диҳад. Яке аз чунин воситаҳои муҳим таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва дарёфти роҳу воситаҳои беҳтари татбиқи он ба шумор меравад. [3-М].

5. Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон самти мустақили фаъолияти давлат ва ниҳодҳои давлатӣ буда, ташаккул ва рушд додани шароити зарурии иҷтимоиро барои инкишофи умумии кишвар таъмин намуда, дар асоси ҳамкории фаъол бо намояндагиҳои иҷтимоӣ ҳамчун унсурони ҷомеаи маданӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ҷавонон амалӣ карда мешавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба таъмини беҳбуди вазъи онҳо, баланд бардоштани саҳми ҷавонон дар рақобатпазирии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. [4-М; 1-М].

